DCAF Маркази Женева оид ба идораи бахши амниятӣ

# Дастури юридикӣ оид ба ҳуқуқи даъватшавандагон



Елизавета Чмих
Гражвидас Ясутис
Ребекка Микова
Ричард Стейн

2020
НАШРИЯИ ДОРОИ БАҲОИ КОРШИНОСОН

# Датсури юридикӣ оид ба ҳуқуқи даъватшавандагон


- Елизавета Чмих (Elizaveta Chmykh)
- Гражвидас Ясутис (Dr. Grazvydas Jasutis)
- Ребекка Микова (Rebecca Mikova)
- Ричард Стейн (Richard Steyne)

Тарҷумон: Киромова Ситорабону (Kiromova Sitorabonu)



2020

Нашрияи дорои баҳои коршиносон

DCAF Маркази Женева оид ба идораи бахши амниятӣ

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

## Дар бораи DCAF

DCAF – Маркази Женева оид ба идораи бахши аниятӣ ба беҳбуди амнияти давлатҳо ва одамоне, ки онҷоҳо зиндагӣ мекунанд дар чаҳорчӯби идоракунии демократӣ, волоияти қонун ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ихтисос ёфтааст. Аз замони таъсисаш DCAF тавассути мадад ба давлатҳои шарик ва фаъолони байналмилалие, ки ин давлатҳоро дастгирӣ мекунанд, дар беҳтар гардонидани идоракунии бахши амниятиашон тавассути ислоҳоти фарогир ва васеъ ба сулҳ ва рушди устувор саҳм мегузорад. Аз ҷумла, маҳсулоти нававаронаи донишро эҷод мекунад, меъёрҳо ва таҷрибаи пешқадамро тарвиҷ медиҳад, мушовираи ҳуқуқӣ ва сиёсиро ироа месозад ва пуштибони баланд бардоштани иқтидори тарафҳои манфиатдор, чи бахши амнияти давлативу чи ғайридавлатист. DCAF, ки дар беш аз 70 кишвар фаъол аст, дар сатҳи байналмилалӣ ба унвони яке аз марказҳои пешқадами ҷаҳон дар идоракунии бахши амниятӣ (SSG) ва ислоҳоти бахши амниятӣ (SSR) шинохта шудааст. DCAF дар кори хеш аз асосҳои бетарафӣ, беғаразӣ, масъулияти маҳаллӣ, мушорикати фарогир ва баробарии гендерӣ роҳбарӣ мекунад. www.dcaf.ch.

## Ношир

CH-1211 Geneva 1
Switzerland
info@dcaf.ch
+41 (0) 22 730 9400

Муаллифон: Елизавета Чмих (Elizaveta Chmykh),

Гражвидас Ясутис (Dr. Grazvydas Jasutis),

Ребекка Микова (Rebecca Mikova), Ричард Стейн (Richard Steyne)

Копи-муҳаррир: Жанин Бек (Jeanine Beck)

Тарроҳ ва виростор: Радриго Аморим (Rodrigo Amorim)

ISBN: 92-9222-548-0

## Сипосҳо

DCAF ба Вазорати федеролии мудофиа, ҳифзи шаҳрвандӣ ва варзиши Конфедератсияи Швейтсария барои дастгирии саховатмандонааш дар таҳияи ин нашрия изҳори сипос мекунад.

## Қайдҳо

Андешаҳои дар ин нашрия баёншуда марбут ба муаллифон буда, мунъакискунандаи назар ё дидгоҳи Вазорати федералии мудофиа, ҳифзи шаҳрвандӣ ва варзиш (DDPS)- и Конфедератсияи Швейтсария нест.

Линкҳои зикршуда дар ин ҳуҷҷат дар лаҳзаи интишор мӯътабаранд. На DCAF ва на муаллифон барои тағироти минбаъда ба ҳама линкҳои дар ин нашрия овардашуда масъул нестанд.

@DCAF 2020. Тамоми ҳуқуқ маҳфуз аст.

# Фехрист


- Давлатҳои аъзои Шӯрои Аврупо *viii*
- Давлатҳои дорои хидмати ҳатмии ҳарбӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ *ix*
- Рӯйхати ихтисорот *x*
- Пешгуфтор *xi*
- Муқаддима *xii*

— Таърифот ва мафҳумҳои асосӣ 1

- Таснифи ҳуқуқҳо 1
- Ӯҳдадориҳои мусбат ва манфии давлатҳо 2
- Маҳдуд кардан ё дахолат ба ҳуқуқҳо 3
- Мутаносибият 5
- Озодии салоҳият 6
- Интизоми ҳарбӣ 8

— Ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсии даъватшавандагон 9

- Манъи шиканҷа, муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва ҳуқуқ ба ҳаёт 9
- Озодии баён 23
- Манъи меҳнати иҷборӣ ё ҳатмӣ 37

- Ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ ва ҳуқуқ ба мурофиаи одилона 43
- Ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ бо сабаби эътиқоди динӣ ё дигар эътиқодҳое, ки ба озодии фикр, виҷдон ва дин асос ёфтаанд 55
- Озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо 67
- Ҳуқуқ ба моликият 74
- Ҳуқуқи эҳтиром ба ҳаёти шахсиву оилавӣ ва мукотиба 77
- Ҳуқуқ ба издивоҷ ва барпо кардани оила 81

— Ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии даъватшавандагон 82

- Ҳуқуқ ба маскан ва манзили муносибу мувофиқ 83
- Ҳуқуқ ба шаъну шараф, ҳифзи саломатӣ, ҳимоя аз озори ҷинсӣ ва амнияти шуғл 84
- Ҳуқуқ ба ғизои муносиб ва кофӣ 89

— Тавсияҳо 90

— Рӯйхати адабиёти истифодашуда 93

- Абзори ҳуқуқӣ 93
- Қонуни собиқаи судӣ 95
- Сарчашмаҳои дигар 99

# Давлатҳои аъзои Шӯрои Аврупо



Давлатҳое, ки Конвенсияи соли 1950 оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро (ба лаҳзаи то моҳи ноябри соли 2020) ба тасвиб расонидаанд.

Илова бар ин, Канада, Ватикан (Тоҳи муқаддас), Ҷопон, Мексика ва Иёлоти Муттаҳида дорои мақоми кишварҳои нозир дар Шӯрои Аврупо ҳастанд.

- Австрия
- Албания
- Андорра
- Арманистон
- Британиёи Кабир
- Белгия
- Босния ва Ҳерсеговина
- Булғория
- Гурҷистон
- Дания
- Исландия
- Испания
- Ирландия
- Италия
- Кипр
- Латвия
- Лаҳистон
- Лихтенштейн
- Литва
- Люксембург
- Македонияи Шимолӣ
- Малта
- Маҷористон
- Монако
- Норвегия
- Нидерланд
- Озарбойҷон
- Олмон
- Португалия
- Руминия
- Сан-Марино
- Сербистон
- Словакия
- Словения
- Туркия
- Украина
- Фаронса
- Федератсияи Россия
- Финляндия
- Хорватия
- Черногория
- Чехия
- Ҷумҳурии Молдова
- Шветсия
- Швейтсария
- Эстония
- Юнон

# Давлатҳои дорои хидмати ҳатмии ҳарбӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ



Кишварҳои дорои хидмати ҳатмии ҳарбӣ

- Австрия
- Арманистон
- Белорус
- Гурҷистон
- Дания
- Кипр
- Қазоқистон
- Қирғизистон
- Литва
- Молдова
- Норвегия
- Озарбойҷон
- Россия
- Тоҷикистон
- Туркия
- Туркманистон
- Украина
- Ўзбекистон
- Финляндия
- Швейтсария
- Шветсия
- Эстония
- Юнон

Кишварҳои бидуни хидмати ҳатмии ҳарбӣ

- Албания
- Андорра
- Белгия
- Босния ва Ҳерсеговина
- Британиёи Кабир
- Ватикан
- Испания
- Ирландия
- Италия
- Латвия
- Лаҳистон
- Лихтенштейн
- Люксембург
- Малта
- Монако
- Македонияи Шимолӣ
- Маҷористон
- Нидерланд
- Олмон
- Португалия
- Руминия
- Сан-Марино
- Словения
- Словакия
- Фаронса
- Хорватия
- Черногория
- Чехия
- Ҷумҳурии Сербистон

# Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| **ХАҲИХ** | Хартияи Африқоии ҳуқуқҳои инсон ва халқҳо |
| **КАҲИ** | Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон |
| **КЗШ** | Конвенсияи зидди шиканҷа |
| **ША** | Шурои Аврупо |
| **КҲҲОАИ** | Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон |
| **КМҲ** | Конвенсияи оид ба меҳнати иҷборӣ |
| **ПБҲШС** | Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои граждани ва сиёсӣ |
| **СБМ** | Созмони байналмилалии меҳнат |
| **ДСИДҲИ** | Дафтари САҲА оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон |
| **САҲА** | Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (собиқ ИАҲА) |
| **ЭУҲБ** | Эъломияи умумии ҳуқуқи башар |

# Пешгуфтор

Ба унвони як маркази ҷаҳонии навоварона дар идоракунии бахши амният, DCAF - Маркази Женева оид ба идораи бахши амниятӣ - тӯли солҳои зиёд барои пешбурди ҳифзи ҳуқуқҳои инсони хидматчиёни қувваҳои мусаллаҳ кор мекунад. Солҳои охир хидматчиёни ҳарбӣ ҳамчун осебпазиртарин бахши ҷомеаи низомӣ ба як самти аслии ин талошҳо табдил ёфтааст. Ман ҳамчун Директори DCAF хеле ифтихормандам, ки ин дастури юридикӣ - аввалин таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва меъёрҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқҳои башар ва озодиҳои асосии даъватшавандагон ба сафи қувваҳои мусаллаҳро ироа медорам.

Ин дастур ба ҳуқуқ ва озодиҳои замонатшуда таҳти Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон диққати махсус дода, ҳолатҳоеро баррасӣ мекунад, ки ҳуқуқҳои мутазаккира дар он метавонанд тибқи қонун поймол ё барои даъватшавандагон ба тариқи дигар маҳдуд карда шаванд.

Таҳлили собиқаи судии Аврупо оид ба ҳуқуқи башар ва ғайра рӯшан месозанд, ки адами ҳамагуна санади ҳуқуқи башари эъломӣ нисбат ба даъватшавандагон ба давлатҳо имкон медиҳад, то ҳуқуқҳоро бо салоҳдиди худ муайян ва ҳифз кунанд. Дар баъзе мавридҳо ин боиси маҳдуд шудани татбиқи ҳуқуқҳои инсон ва усулҳои идоракунии оқилона дар таҷрибаи миллӣ ва ҳуқуқшиносӣ мегардад.

Тавре муаллифон тавзеҳ медиҳанд, адами ҳуҷҷати дорои таҷрибаи пешқадам дар асоси собиқаи миллӣ ва байналмилалии судӣ боиси ноҳамоҳангӣ ҳам дар дохили давлатҳо ва ҳам байни давлатҳо мегардад. Бинобар ин дастури мазкур барои мақомоти миллӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳнамоӣ медиҳад, то бо кадом усул дар асоси низомҳои ҳуқуқӣ, низомҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаҳо ба таври комил ҳуқуқи даъватшавандагон ба сафи қувваҳои мусаллаҳ бояд муҳофизат шавад.

Дастури мазкур ба ҳамаи он афроде, ки дар пешбурд, ҳифз ва таъмини ҳуқуқи инсони даъватшавандагон, аз ҷумла вакилони парлумон, мансабдорони давлатӣ, сиёсатмадорон, созмонҳои байналмилалӣ, мушовирони ҳуқуқии ҳарбӣ, судяҳо, иттиҳодияҳои касбии ҳарбӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ нақш доранд, пешбинӣ шудааст. DCAF умедвор аст, ки ин дастур саъю кӯшишҳои моро барои кафолат додани он, ки даъватшавандагон аз ҳуқуқу озодиҳои бунёдии тибқи қонунҳои байналмилалӣ ба онҳо додашуда бештар истифода баранд, мадад хоҳад кард.

Thomas Guerber

Директори DCAF – Маркази Женева оид ба идораи бахши амниятӣ

# Муқаддима

Дар ҳоле, ки пас аз поёни ҷанги сард, бисёре аз кишварҳои Аврупо хидмати иҷбории ҳарбиро лағв кардаанд, аммо таҷрибаи даъват ба артиш дар Аврупои Шарқӣ, Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ (EESCCA) ҳамоно густурда боқӣ мемонад. Ин ҳолат дар Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Россия, Тоҷикистон, Туркманистон, Украина ва Ӯзбекистон вуҷуд дорад, ки ҳамаашон ба низоми даъват ба артиш такя мекунанд. Бо вуҷуд ин таҳқиқоти каме дар мавриди ҳимояти ҳуқуқи даъватшавандагон, ки шояд осебпазиртарин бахши ҷомеаи низомӣ ҳастанд, гузаронида шудааст. Аз ин рӯ ба ҳайси муовини директори DCAF – Маркази Женева оид ба идораи бахши амниятӣ пешниҳоди ин дастур, ки аз ҷониби ҳамкасбони ман дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ таҳия шудааст, боиси хушҳолиам аст.

Дастур санадҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии таъмини ҳифз ва риояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии даъватшавандагонро ироа мекунад. Ҳарчанд Дастур барои ҳама шахсоне, ки дар пешбурд, ҳифз ва риояи ҳуқуқҳои инсони даъватшавандагон нақш мебозанд пешбинӣ шуда бошад ҳам, ба он ҷой дода шудани қонуни собиқаи судии дахлдори кишварҳои EESCCA дастури мазкурро ба вежа ба ин минтақа аҳамиятнок мекунад. Қонуни собиқаи судӣ нишон медиҳад, ки чаҳорчӯбаи қонунгузории миллӣ дар EESCCA дар робита ба ҳимоя ва иҷрои ҳуқуқҳои даъватшавандагон ба таври назаррас фарқ мекунад ва кӯшишҳои минбаъда барои мутобиқ кардани қонунгузории миллӣ ба қонуни байналмилалии ҳуқуқи башар мавриди ниёз аст. Хусусан ба ҳуқуқу озодиҳое дахл дорад, ки Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, ки онро бисёре аз давлатҳо дар доираи EESCCA имзо кардаанд, кафолат медиҳад.

Ин дастур ӯҳдадории қавии DCAF-ро дар рушди фаъолиятҳо оид ба ҳифз ва таъмини эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии даъватшавандагон нишон медиҳад. Дар ниҳояти кор, умед аст, ки дастур кӯшишҳои ҷонибҳои манфиатдорро ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ҷиҳати андешидани чораҳои зарурӣ барои таъмини пурраи ҳуқуқҳои шаҳрвандии даъватшавандагон дастгирӣ хоҳад кард.



Darko Stančić

Ёвари директор ва роҳбари амалиёти Аврупо ва Осиёи Марказӣ, Маркази Женева оид ба идораи бахши амниятӣ DCAF

# Таърифот ва мафҳумҳои асосӣ

## Таснифи ҳуқуқҳо

Ҳарчанд роҳҳои зиёди таснифи ҳуқуқҳои тазминшуда тавассути Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (минбаъд – Конвенсия) вуҷуд дорад, гурӯҳбандии зер дараҷаҳои мутафовити маҳдуд ё поймол кардани ҳуқуқҳои гуногунро инъикос мекунад. Ҳуқуқҳое, ки дар Конвенсия пешбинӣ шудаанд, метавонанд ба категорияҳои зерин табақабандӣ шаванд:

**Ҳуқуқҳои мутлақ**: мақомоти давлатӣ ҳатто дар вақти ҷанг ва ё вазъияти фавқулода дар мамлакат аз ӯҳдадориҳои худ даст кашида наметавонанд ва ҳамчунин ҳуқуқҳои мутлақ ба эҳтиёҷоти дигарон ё манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф буда наметавонанд, магар ин ки ба ду ҳуқуқи мутлақ мухолифат кардан лозим набошад.[1] Чаҳор ҳуқуқи дар Конвенсия қайдшуда, аз ин назар мутлақ ҳастанд, ки маҳдудият ё боздоштани онҳо ҳаргиз асоснок шуда наметавонад: ҳуқуқи дучори шиканҷа ва муомила ё ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф нашудан (Моддаи 3), ҳуқуқи дар ғуломӣ ё бандагӣ набудан (Моддаи 4 (1)), ҳуқуқи маҳкум накардан барои рафторе, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷурм ҷиноят набуда ва ҳуқуқи таъин накардани ҷазои сахттар нисбат ба ҷиноятe, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят аъмол шуда буд. (Моддаи 7).[2] Агарчи ҳуқуқ ба ҳаёт ба ҳамон маъно мутлақ нест, аммо аз он ҷо, ки ба як қатор истисноҳои васеъ дучор мешавад, он дар ҳолати якхела боқӣ мемонад ва ба моддаи 15 (2) дохил карда шудааст, ки феҳристи мукаммали ҳуқуқҳоро пешниҳод мекунад ва ҳеҷ гуна маҳдудият ба он иҷоза дода намешавад.[3]

1 Хадамоти шоҳонаи таъқиби ҷиноятӣ. 2019. Ҳуқуқи инсон ва таъқиби ҷиноятӣ: Усулҳои умумӣ (Роҳнамои юридикӣ). Тариқи ин линк дастрас аст: https://www.cps.gov.uk/legal-guidance/human-rights-and-criminal-prose-cutions-general-principles.

2 Жан-Франсуа Ренуччи. 2005. Муқаддима ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон – Ҳуқуқҳои кафолатдодашуда ва механизми ҳимоя (нашрияи Шӯрои Аврупо). Тариқи ин линк дастрас аст: https://www. echr.coe.int/LibraryDocs/DG2/HRFILES/DG2-EN-HRFILES-01(2005).pdf.

3 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

**Ҳуқуқҳои маҳдуд**: ба мисли ҳуқуқҳои мутлақ ҳуқуқҳои маҳдудро бо ҳуқуқҳои дигарон ё манфиатҳои ҷамъиятӣ баробар кардан мумкин нест. Аммо дар замони ҷанг ё вазъияти фавқулодаи миллӣ, нақзи ин ҳуқуқҳо ҷоиз аст.[4] Намунаҳои он аз ҷумлаи ҳуқуқ ба озодӣ ва амният (моддаи 5) ва ҳуқуқ ба мурофиаи одилона (моддаи 6) аст.

**Ҳуқуқҳои машрута ё дорои шарт**: Мақомоти давлатӣ ҳуқуқҳои машрутаро он гаҳмаҳдуд маҳдуд карда метавонанд, ки имконоти онро бо далелҳо асоснок кардан вуҷуд дошта, инчунин зарур ва мутаносиб бошад. Ҳуқуқҳои машрутаро метавон бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои шахси дигар ё манфиатҳои васеътари ҷамъиятӣ маҳдуд кард. Чун қоида қисми дуюми модда - қисми муқарраркунандаи он, асосҳоеро муайян менамояд, ки мақомоти давлатӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои васеи ҷамъиятӣ ба ин ҳуқуқ ба таври қонунӣ дахолат карда метавонанд.[5] Ҳуқуқҳои машрута ҳуқуқи эҳтиром ба ҳаёти шахсӣ ва оила  (моддаи 8), озодии эътиқод ё пайравӣ ба дин (моддаи 9 (1)), озодии баён (моддаи 10) ва озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодҳо (моддаи 11)-ро дар бар мегирад.

# Ӯҳдадориҳои мусбат ва манфии давлатҳо

Рафторе, ки аз давлатҳо нисбат ба ҳуқуқи инсон интизор аст, вобаста ба намуди ӯҳдадориҳои марбута фарқ мекунад. Барои ин ӯҳдадориҳои мусбат ва манфии давлатҳо мавҷуданд. Дар сурати аввал дахолати фаъоли мақомоти давлатӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои дар Конвенсия пешбинишуда талаб карда мешавад, дар ҳолати дуввум талаб карда мешавад, то давлатҳо аз амалҳои беасос поймолкунандаи ҳуқуқҳои номбурда худдорӣ кунанд.[6] Аксарияти ҳуқуқҳои дар Конвенсия пешбинишуда ӯҳдадориҳои манфиро ба вуҷуд меоранд. Дар ҳоле ки аксари ӯҳдадориҳои мусбат дар матни Конвенсия ба таври возеҳ пешбинӣ нашудаанд, онҳо дар таҷрибаи Суди Аврупо оид ба Ҳуқуқи Башар (минбаъд – Суд) ба таври возеҳ ифода ёфтаанд. Ӯҳдадориҳои мусбат дар аксари мавридҳо таъсир ба густариш ва тавсеаи доираи талаботеро дорад, ки давлатҳо бояд онҳоро риоя кунанд.[7] Масалан, манъи шиканҷа барои давлатҳо ҳам ӯҳдадориҳои мусбат ва ҳам манфиро эҷод

4 Хадамоти шоҳонаи таъқиби ҷиноятӣ. 2019. Ҳуқуқи инсон ва таъқиби ҷиноятӣ: Принсипҳои умумӣ (Роҳнамои юридикӣ). Тариқи ин линк дастрас аст: https://www.cps.gov.uk/legal-guidance/human-rights-and-criminal-prosecutions-general-principles.

5 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

6 Жан-Франсуа Аканджи-Комб. 2007. Ӯҳдадориҳои мусбат дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи башар: Дастур оид ба татбиқи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи башар. Тариқи ин линк дастрас аст: https://rm.coe.int/168007ff4d.

7 Тариқи линки болоӣ, саҳ.7. дастрас аст.

мекунад. Ӯҳдадории манфӣ давлатро вазифадор мекунад, то аз шиканҷаи одамон худдорӣ шавад, ӯҳдадории мусбат бошад, талаб мекунад чораҳое андешида шавад, ки барои татбиқи пурраи ҳуқуқ кафолатҳои амалӣ ва муассир фароҳам оварад. Ба ин кафолатҳо ҳамон меъёри ҳуқуқие шомил аст, ки аз ҳамлаҳои натанҳо намояндагони давлатӣ ва ӯҳдадории мурофиавӣ оид ба тафтиши ҳолатҳои эҳтимолии муносибати бераҳмона (масалан, тафтишоти бомуваффақияти расмӣ, ки боиси муайян ва ҷазо додани шахсони гунаҳкор мегардад), балки аз ҳамлаҳои ашхоси ғайр низ муҳофизат мекунад.[8]

# Маҳдуд кардан ё дахолат ба ҳуқуқ

Дарм маҷмӯъ, монеасозӣ ё маҳдуд кардани амалигардонии ҳуқуқҳое, ки дар Конвенсия пешбинӣ шудаанд, тавассути моддаи 18 танзим карда мешавад, ки ироа медорад: “Маҳдудиятҳое, ки дар Конвенсияи мазкур нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳо мушаххас пешбинӣ шудааст, набояд барои мақсадҳои ғайр аз мавориде, ки барои онҳо таҳия гаштааст, истифода шавад”. Ин модда барои мукаммал кардани муқаррароти ҳуқуқ ва озодиҳои Конвенсия пешбинӣ шудааст.[9]

Барои арзёбии ин ки оё дахолат ба ҳуқуқи инсон нақз аст ё на ва одатан дар робита ба моддаҳои 8 то 11 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон истифода мешавад, нақшаи зер истифода мегардад:

1. Оё дахолатро қонун пешбинӣ кардааст? Агар чунин бошад,
2. Оё дахолат яке аз ҳадафҳои дар моддаи дахлдор зикршударо пайгирӣ мекард?

   Агар чунин бошад,

3. Оё дахолат дар ҷомеаи демократӣ зарур буд ва мутаносиб буд? Агар чунин бошад,
4. Дахолат табъизомез буд?

Ҳангоми қабули қарор дар мавриди он, ки дахолат ба нақз баробар аст ё на, Суд ҳар як мавриди фавқро бо навбат баррасӣ мекунад.[10] Агар ҷавоб ба яке аз сеи аввал

8 Эйслинг Риди. 2002. Манъи шиканҷа: Дастур оид ба татбиқи моддаи 3 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Тариқи ин линк дастрас аст: https://rm.coe.int/168007ff4c.

9 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2018. Дастур ба моддаи 18 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Тариқи ин линк дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Guide_Art_18_ENG.pdf.

10 Дар маҷмӯъ, Суд ба таври худкор ба саволи 4 посух намедиҳад, агар аризадиҳанда ба моддаи 14 такя накунад. Конвенсия кафолати роҳ надодан ба табъиз ҳангоми татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои дар дигар моддаҳои Конвенсия пешбинишударо дар бар мегирад ва агар ба саволи 4 ҷавоби мусбат дода шавад, вайронкунии моддаи 14 содир

чаҳоруми мусбат бошад, пас дахолат ғайриқонунӣ ва бар хилофи Конвенсия ҳисобида мешавад.

Банди аввалро дар ин сохтор инчунин “меъёри волояти қонун” меноманд, дуюм ва сеюмашро “озмоиши зарурат дар ҷомеаи демократӣ” ва чаҳорум ба моддаи 14 (манъи табъиз) ишора мекунад.

Шарт дар бораи он ки монеа бояд "тибқи қонун муқаррар" шавад ё “мувофиқи қонун” ба амал баровaрда шавад, кафолат медиҳад, ки қобилияти ҳокимияти иҷроия барои дахл кардан ба амалисозии ҳуқуқҳо бидуни асосҳои кофӣ аз ҷониби қонунгузории дохилӣ ё судӣ маҳдуд карда мешавад.[11] Барои муайян кардани он, ки монеъ "тибқи қонун муқаррар" шудааст ё "мувофиқи қонун" ба амал баровaрда шудааст, Суд саволҳои иловагии зеринро медиҳад: Оё ин тахаллуф мавриди таъйиди низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ аст ё на? Оё муқарраротu дахлдори ҳуқуқӣ барои шаҳрванд дастрас аст? Оё ин муқарраротu ҳуқуқӣ ба қадри кофӣ дақиқ аст, ки шаҳрванд оқибатҳои амалро пешгӯӣ карда тавонад? Оё қонун кафолатҳои мувофиқро аз дахолат ба татбиқи ҳуқуқҳои моддии дахлдор бидуни асосҳои кофӣ пешбинӣ мекунад?[12]

Саволи “ оё мудохила дар ҷомеаи демократӣ зарурӣ буд ё на?”, баҳсбарангезтарин омил дар арзёбии қонунӣ будани маҳдудият аст. Танҳо ба мақсад мувофиқ будан кофӣ нест; дахолат бояд бо эҳтиёҷоти фаврии иҷтимоии марбут ба як ё чанд ҳадафҳои қонунӣ асоснок карда шавад. Муайян кардани он, ки оё чунин зарурат вуҷуд дорад, ба далелҳои мушаххаси парванда ва ҳолатҳое, ки дар он вақт дар кишвар ҳукмфармо буд, асос ёфтааст.[13] Натанҳо бояд муайян шавад, ки оё давлат оқилона, мутаодил ва софдилона амал кардааст, балки  оё маҳдудият мутаносиб ва бо далоили муносиб ва кофӣ тавҷеҳ шудааст ё на.[14] Тавре ки дар зер нишон дода хоҳад шуд, зарурат ва таносуб бо ҳам зич алоқаманданд, зеро Суд баррасӣ хоҳад кард, ки оё ягон роҳи камтар маҳдудкунандаи ноил шудан ба ҳадаф вуҷуд доштааст ё хайр.

Меъёри охирини эътибори қонунӣ доштани дахолат ё монеа ба ҳуқуқи машрута ин аст, ки оё монеаи мазкур табъиз аст ё на. Табъиз аз рӯи ҷинс, нажод, ранги пӯст, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ё ғайра, мансубияти миллӣ ё иҷтимоӣ, пайвастан ба ақаллияти миллӣ, молу мулкӣ, таваллуд ё мақоми дигар тибқи моддаи 14 Конвенсия манъ аст. Ин модда дар шакли мустақил вуҷуд надорад, балки дигар муқарраротu асосии Конвенсияро пурра мекунад. Ҳамин тариқ, он қисми ҷудонашавандаи ҳар як

11 Стивен Грир. 1997. Истисноҳо аз моддаҳои 8 то 11 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри Шӯрои Аврупо). Тариқи ин линк дастрас аст: https://www.echr.coe.int/LibraryDocs/DG2/HRFILES/ DG2-EN-HRFILES-15(1997).pdf, саҳ.9

12 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Крузлен бар зидди Фаронса (11801/85), 24/04/1990. Тариқи ин линк дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57626, бандҳои 27-36.

13 Стивен Грир. 1997. Истисноҳо аз моддаҳои 8 то 11 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри Шӯрои Аврупо). Тариқи ин линк дастрас аст: https://www.echr.coe.int/LibraryDocs/DG2/HRFILES/ DG2-EN-HRFILES-15(1997).pdf.

14 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

моддаест, ки ҳуқуқ ва озодиҳоро муқаррар мекунад.[15] Ҳарчанд моддаи мазкур дар якҷоягӣ бо муқарраротӣ асосӣ баррасӣ мешавад, он пешакӣ вайрон кардани қонуни моддии дахлдорро пешбинӣ намекунад.[16] Аз ин бармеояд, ки монеаи табъизӣ барои амалӣ гардондани ҳуқуқи машрута нақзи ҳуқуқҳои дар Конвенсия кафолатдодашуда мебошад.

## Мутаносибият

Мафҳуми мутаносибият мавзӯи бартаридошта дар кулли Конвенсия мебошад.[17] Доктринаи мутаносибият дар эҷоди тавозуни одилона байни ҳуқуқҳои баъзан ба ҳам мухолифи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқҳои асосии инсон, ки Конвенсия кафолат додааст, нақши калидӣ мебозад.[18] Мутаносибӣ дар якчанд шакл зоҳир мешавад: ҳамчун ҷузъи зарурати чора (моддаҳои 2 ва 8-11), дар заминаи асосноккунии объективӣ ва оқилонаи фарқияти муносибат (моддаи 14) ё ҳамчун ҷузъи асоси муайянсозии ӯҳдадории мусбати давлат барои амал.[19] Дар натиҷа мутаносибӣ тавозуни байни ҳадафи пешгирифта ва воситаҳои ноил шудан ба он, инчунин таносуби байни манфиатҳои аризадиҳанда ва манфиатҳои ҷомеаро талаб мекунад.[20]

Аз ин бармеояд, ки "усули мутаносибӣ талаб мекунад, ки амал ё монеаи мавриди назар "ниёзи фаврии иҷтимоӣ" дошта, инчунин ба ҳадафи пешгирифта мутаносиб бошад”.[21] Барои арзёбии таносуби тадбири мушаххас ҷанбаҳои зерин муҳиманд: оё воситаи алтернативии ҳифзи манфиати дахлдори ҷамъиятӣ бидуни монеа ё тавассути дахолати камтар мавҷуд аст; оё сабабҳои монеа барои асоснок кардани он “муҳим” ва “кофӣ” мебошанд; оё раванди қаблули қарор, ки боиси чораи монеъшаванда мегардад, одилона аст ё хайр; ки оё аз болои тадбирҳои андешидаи ҳукумат назорати таъсирбахш мавҷуд аст ё на.[22]

15 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2020. Роҳнамо оид ба моддаи 14 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва моддаи 1 Суратмаҷлиси № 12 ба Конвенсия. Тариқи ин линк дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Guide_Art_14_Art_1_Protocol_12_ENG.pdf.

16 Тариқи ин линки болоӣ дастрас аст.

17 Карен Рид. 2015. Роҳнамои таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 75.

18 Хадамоти шоҳонаи таъқиби ҷиноятӣ. 2019. Ҳуқуқи инсон ва таъқиби ҷиноятӣ: Принсипҳои умумӣ (Роҳнамои юридикӣ). Тариқи ин линк дастрас аст: https://www.cps.gov.uk/legal-guidance/human-rights-and-criminal-prosecutions-general principles.

19 Карен Рид. 2015. Роҳнамои таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 75.

20 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

21 Филлип Лич. 2017. Баррасии парванда ба Суди Аврупо оид ба Ҳуқуқи Башар (нашри 4, Оксфорд), саҳ. 188.

22 Филлип Лич. 2017. Баррасии парванда ба Суди Аврупо оид ба Ҳуқуқи Башар (нашри 4, Оксфорд), саҳ. 188.

# Озодии салоҳият

“Озодии салоҳият” маънои манёврero дорад, ки муассисаҳои Страсбург омодаанд ба мақомоти давлатӣ дар иҷрои ӯҳдадориҳои худ тибқи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон пешниҳод кунанд; ин истилоҳ на дар матни худи Конвенсия ва на дар маводи омодашаванда мавҷуд нест ва бори аввал дар соли 1958 дар гузориши Комиссияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон дар парвандае, ки Юнон алайҳи Британиёи Кабир дар бораи нақзи ҳуқуқи инсон дар Кипр пешниҳод кардааст, пайдо шудааст.[23] “Доктринае, ки дар асоси собиқаи миллии баррасии судии чораҳои маъмурӣ таҳия шудааст, аввал аз ҷониби Страсбург дар заминаи даст кашидан аз муқаррароти Конвенсия дар давраи ҳолатҳои фавқулода мувофиқи моддаи 15 қабул шуда, баъдан аз рӯи қиёс ба ҳолатҳои “фавқулода”, ки ба бухрони дар ин муқаррарот пешбинишуда, нарасидааст татбиқ карда шуд. Аз он вақт инҷониб, он ба тамоми қисмҳои Конвенсия “ҷой дода шуда” ва ҳоло “яке аз нуктаҳои асосии собиқаи судии Страсбургро ташкил медиҳад”.[24] “Ба ғайр аз татбиқи консепсияи мутаносибӣ дар моддаҳои 8-11, озодии салоҳият дар дигар контекстҳо низ актуалӣ буда, ба монанди моддаи 5 (масалан, ҳангоми қабули қарор дар бораи боздошти шахси “гирифтори ихтилоли рӯҳӣ”), Моддаи 6 (масалан, ҳангоми баррасии маҳдудиятҳо ба ҳуқуқи дастрасӣ ба суд), Моддаи 14 (арзёбии дараҷаи фарқиятҳо дар ҳолатҳое, ки дар ҳама ҷиҳатҳо ба ҳам монананд, рафтори гуногунро тибқи қонун кафолат медиҳад), моддаи 15 (ҳангоми баҳодиҳии мавҷудияти ҳолати фавқулода), моддаи 1 Суратмаҷлиси №1 (масалан, ҳаногоми баррасии доираи ҳуқуқи мақомот оид ба татбиқи қонунҳо оид ба назорати истифодаи амволи шахсӣ), моддаи 2 Суратмаҷлиси № 1 (масалан, ҳангоми баррасии таъсири намоиши таслиб дар мактабҳои давлатӣ ба ҳуқуқ ба таҳсил) ва моддаи 3 Суратмаҷлиси №1 (масалан, ҳангоми баҳодиҳӣ ба маҳдудияти ҳуқуқи интихобот ва ҳуқуқи пешбарӣ шудан ба интихобот)”.[25]

Аарон Островский бар ин назар аст, ки доктрина дар доираи Конвенсия асоси таҳтуллафзӣ надорад, балки аз ҷониби Суд ҳамчун воситаи тафсирӣ барои ҳалли пеш аз ҳама ихтилофҳои арзишҳои байни шахсон ва ҷомеа таҳия шудааст; ба Суд дар фарқияти байни масъалаҳое, ки ҳар як ҷомеа метавонад дар сатҳи маҳаллӣ ҳал кунад ва масъалаҳои ба ҳадде муҳимме, ки новобаста аз фарқиятҳои фарҳангӣ барои ҳар як давлат бояд як талабот муқаррар карда шавад, мадад расонад.[26]

23 Стивен Грир. 2000. Озодии салоҳият: тафсир ва салоҳият дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри Шӯрои Аврупо). Тариқи ин линк дастрас аст: https://www.echr.coe.int/ LibraryDocs/DG2/HRFILES/DG2-EN-HRFILES-17(2000).pdf.

24 Стивен Грир. 1997. Истисноҳо аз моддаҳои 8 то 11 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри Шӯрои Аврупо). Тариқи ин линк дастрас аст: https://www.echr.coe.int/LibraryDocs/DG2/HRFILES/ DG2-EN-HRFILES-15(1997).pdf, саҳ.15–16

25 Филлип Лич. 2017. Баррасии парванда ба Суди Аврупо оид ба Ҳуқуқи Башар (нашри 4, Оксфорд), саҳ. 189.

Бо вуҷуди ин, Суратмаҷлиси №15 оид ба ислоҳи Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар муқаддимаи Конвенсия истинодро ба усули субсидиарӣ ва доктринаи озодии салоҳият илова кардааст.[27]

Аслан бояд ба давлатҳо ҳуқуқи интихоби роҳҳо ва воситаҳо дода шавад, ки чи гуна ба салоҳияти худ амал кунанд. Ба ин манзур вазифаи Суд дар арзёбии таносуби тасмим ё иқдоми мавриди баҳс қарордошта дар ибтидо бо баррасии он маҳдуд буд, ки оё қарори мушаххаси қабулшуда метавонад мувозинати одилона ба даст овард ё на.[28] Бо вуҷуди ин, дар солҳои охир Суд муносибати худро то андозае тағир дода, имкони истифодаи абзорҳои ҷойгузин барои ноил шудан ба ҳамон ҳадафро низ ба назар гирифт.[29] Вусъати озодии салоҳият бо таваҷҷӯҳ ба як қатор омилҳо, аз ҷумла қонуне, ки ба он татбиқ мешавад, фарқ мекунад. Ба унвони мисол, озодии салоҳият дар мавриди моддаҳои 2 - 4 хеле кам татбиқ мешавад, ки қобил инҳироф нестанд, аммо ҳангоми арзёбии тавозуни ҳуқуқҳои фардӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ дар заминаи арзёбии мутаносибӣ дар моддаҳои 8-11 аҳамияти муҳиме дорад. Ҳамин тариқ, мутаносибӣ як ҷанбаи муҳими озодии салоҳият мебошад, зеро Суд тафтиш мекунад, ки оё воситаҳои ҳамсоне вуҷуд дорад, ки тавассути онҳо ба ҳуқуқҳои аризадиҳанда камтар таъсир расонида тавонад ва агар чунин аст, ҳукм мекунад, ки иқдомоти мавриди баҳс наметавонад мутаносиб дониста шавад.[30]

Дар адабиёте, ки таҷрибаи суд вобаста ба кадом намуди озодии салоҳият ва дар кадом ҳолатҳо дода мешавад таҳлил шудааст, омилҳои иловагии зерин муайян гаштаанд: "оё ин таҷриба дар дигар кишварҳои узв роиҷ аст ё на, аҳамияти ба ҳуқуқҳои мушаххас додашуда, табиат (ва асосҳо)-и монеа, матни муқаррароти мушаххаси Конвенсия ва замина, ба монанди он, ки оё ҳолати фавқулода ё ягон манфиати ҷамъиятии шадид ва/ё мухолиф вуҷуд дорад, оё иқдоми мавриди баҳс яке аз гузинаҳои мушобеҳ бо Конвенсия аст ва оё таҷрибаи техникӣ ё дониши муфассал дар бораи шароити маҳаллӣ барои қабули қарори оқилона зарур аст ё на".[31]

26 Аарон А. Островский. 2005. Сулҳ, ишқ ва фаҳмиш чӣ чизе хандаовар дорад? Чӣ тавр доктринаи “Озодии салоҳият” ҳуқуқҳои асосии инсонро дар доираи гуногунии фарҳангӣ ҳифз мекунад ва судҳои байналмилалии ҳуқуқи инсорнро қонунӣ мегардонад, Шарҳи қонуни Ҳанс, ҷилди. 1, саҳ. 47.

27 Тафсилоти Шартномаи № 213, Суратмаҷлиси № 15 оид ба ворид намудани тағирот ба Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон. https://www.coe.int/en/web/conventions/full-list/-/conventions/treaty/213.

28 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ҳаттон ва дигарон бар зидди Шоҳигарии Муттаҳида (36022/97), 08/07/2003. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-61188, банди 123; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ҷеймс ва дигарон бар зидди Шоҳигарии Муттаҳида (8793/79), 21/02/1986. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng/?i=001-57507.

29 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Сейдич ва Финчӣ бар зидди Босния ва Ҳерсеговина (27996/06 ва 34836/06), 22/12/2009. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-96491, банди 48.

30 Карен Рид. 2015. Дастури таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 76.

31 Стивен Грир. 2000. Озодии салоҳият: тафсир ва салоҳият дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри Шӯрои Аврупо). Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/LibraryDocs/_DG2/HRFILES/DG2-EN-HRFILES-17(2000).pdf, саҳ. 7.

# Интизоми ҳарбӣ

Интизоми ҳарбӣ — роҳбарӣ ё усули фармондеҳии қӯшунҳо, ки аз қоидаву муқаррароти хидмати ҳарбӣ, асосан дар гарнизон ё дар вақти ҷанг истифода бурдан аз қувваҳои мусаллаҳ иборат аст.[32] Дар бораи эътирофи аҳамияти интизоми ҳарбӣ Суд аксар вақт фарқиятҳо дар бораи чӣ гуна татбиқ кардани муқаррароти мушаххаси Конвенсия нисбати даъватшавандагон ва ғайринизомиёнро шарҳ медиҳад. Барои мисол, дар парвандаи *Энгел ва дигарон нисбат ба Нидерланд*,[33] Суд қайд кард, ки озодии баён, ки дар моддаи 10 ифода ёфтааст, ба аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва инчунин ба ҳамаи шахсони дигари тахти тобеияти Давлатҳои аҳдкунанда тааллуқ дорад. Аммо "фаъолияти дурусти артишро бидуни меъёрҳои ҳуқуқие, ки барои пешгирии вайрон кардани интизоми ҳарбӣ аз ҷониби хидматчиёни ҳарбӣ пешбинӣ шудааст, тасаввур кардан душвор аст”.[34] Нақши интизоми ҳарбӣ дар таҳлили Суд дар поён баррасӣ хоҳад шуд.

Суд инчунин қаблан муайян кардааст, ки "дар интихоби касби ҳарбӣ аризадиҳанда ихтиёран ба интизоми ҳарбӣ розӣ шудааст, ки аз рӯи табиати худ имкони маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои муайяни хидматчиёни ҳарбиро дар назар дорад ва онҳоро бар дӯши шаҳрвандони ғайринизомӣ бор кардан мумкин нест ва ба давлатҳо иҷозат дода мешавад, ки барои қӯшунҳои худ қоидаҳои интизомии манъкунандаи ин ё он намуди рафтор, аз ҷумла, муносибати манфӣ нисбат ба тартиботи муқарраршуда, ки талаботи хидмати ҳарбиро инъикос менамоянд, ҷорӣ кунанд”.[35] Ин маънои онро дорад, ки интизоми ҳарбӣ ҳамчун як ҷанбаи хоси хидмати ҳарбӣ татбиқ ва маҳдуд кардани ҳуқуқҳои муайян дар муқоиса бо татбиқи муқаррарии онҳо дар шароити шаҳрвандӣ сахт таъкид мешавад.

32 Гийом Ле Блонд. 2008. Интизоми ҳарбӣ. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hdl.handle.net/2027/spo.did2222.0000.967.

33 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи Башар. Парвандаи Энгел ва дигарон нисбат ба Нидерланд. (5100/71; 5101/71; 5102/71; 5354/72; 5370/72), 08/06/1976. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/tur?i=001-57479.

34 Шӯрои Аврупо. 2013. Амнияти миллӣ ва собиқаи суди Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/ Documents/Research_report_national_security_ENG.pdf, p. 18, банди 52.

35 Шӯрои Аврупо. 2013. Амнияти миллӣ ва собиқаи суди Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Doc- uments/Research_report_national_security_ENG.pdf, саҳ. 24, банди. 70; Масалан, ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон нигаред. Парвандаи Калач бар нисбат ба Туркия (20704/92), 01/07/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58042.

# Ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсии даъватшавандагон

## Манъи шиканҷа, муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва ҳуқуқ ба ҳаёт

### 1. Тавсиф ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ

Манъи шиканҷа, муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аз ҳуқуқ ба ҳаёт фарқ мекунад. Аммо парвандаҳои марбут ба марги даъватшавандагон ҳангоми адои хидмат дар артиш аксаран бо иттиҳоми шиканҷа ва муносибати бераҳмона парванда боз мешавад ва Суди ҳуқуқи башари Аврупо ҳардуро дар бахши аъзами собиқаи худ истифода бурдааст. Аз ин рӯ, дар бисёр даъвоҳо оид ба шиканҷа, Суд тафтиш мекунад, ки оё давлат ӯҳдадориҳои мусбат ва манфии худро нисбати ҳуқуқ ба ҳаёт нақз кардааст ё на.[36]

Конвенсияи зидди шиканҷа[37] (КЗШ) шиканҷаро чунин таъриф медиҳад: "кирдоре, ки дидаю дониста ба инсон дарди сахт ё ранҷу азоб расонидан, ҳамчунин ҷисмонӣ ё ахлоқӣ, барои гирифтани маълумот ё иқроршавӣ аз шахсе ё аз шахси сеюм, барои кирдоре, ки ӯ ё шахси сеюм содир кардааст ё гумонбар аст, ҷазо додан, инчунин тарсондан ё маҷбур кардани шахсе ё шахси сеюм, ё бо ягон сабаб дар асоси табъизи дорои ҳар гуна хусусият, вақте ин гуна дард ё ранҷу азоб аз тарафи ходими давлатӣ

36 Ба Суди Аврупо оид ба Ҳуқуқи Башар нигаред. Парвандаи Мосендз нисбати Украина (52013/08), 17/04/2013. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/fre?i=001-115887, банди 115; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи Башар. Парвандаи Мурадян нисбати Арманистон (11275/07), 24/02/2017. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/en- g?i=001-168852, банди 161.

37 Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (10 декабри соли 1984 қабул шуда, 26 июни соли 1987 эътибор пайдо кардааст).

ё аз ҷониби шахси дигаре, ки ба сифати шахси мансабдор ё бо ташаббуси онҳо, ё бо огоҳӣ ё розигии хомӯши онҳо амалӣ мешавад".[38] Ӯҳдадориҳо мутобиқи КЗШ инчунин нисбати дигар кирдорҳо мисли муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ки шиканҷа намебошад, дар ҳамин модда чунин таъриф шудааст, "вақте ин гуна амалҳо аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё шахси дигари расмӣ амалкунанда, ё бо ташаббуси онҳо ё бо огоҳӣ ё розигии хомӯши онҳо содир шуда бошад", татбиқ мешавад.[39]

Манъи шиканҷа дар бисёр санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (ЭУҲБ),[40] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои граждани ва сиёсӣ (ПБҲШС)[41] ва КЗШ пешбинӣ шудааст. Моҳияти ҳатмии манъи шиканҷа танҳо бо шартномаҳо маҳдуд намешавад, зеро он қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқи анъанавии байналмилалӣ буда, мувофиқан аз ҷониби Суди байналмилалӣ эътироф шудааст.[42] Гузашта аз ин, шиканҷа як меъёри ҳатмии ҳуқуқи байналмилалӣ (jus cogens)[43] гуфта мешавад, бо назардошти он ки он аз ҷиҳати иерархия нисбат ба дигар қонунҳои байналхалқӣ ва миллӣ бартарӣ дораду аз онҳо дур шудан мумкин нест ва он erga omnes мебошад ва маънояш - ҳамаи давлатҳо дар назди ҷомеаи байналхалқӣ чунин ӯҳдадорӣ доранд.[44] Илова бар ин, санадҳои гуногуни минтақавии ҳуқуқи инсон манъи шиканҷаро пешбинӣ мекунад. Ба инҳо Конвенсия,[45] Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон (КАҲИ)46 ва Хартияи Африқоии ҳуқуқҳои инсон ва халқҳо (ХАҲИХ) (Хартияи Банжул) шомил аст.[47]

38 КЗШ, Моддаи 1.

39 КЗШ, Моддаи 16 (1).

40 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ 10 декабри 1948 қабул шудааст). Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ohchr.org/EN/UDHR/Documents/UDHR_Translations/eng.pdf , Моддаи 5 пешбинӣ мекунад, ки "Ҳеҷ кас набояд таҳти шиканҷа ё муомила ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор дода шавад".

41 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ (16 декабри соли 1966 қабул шуда, 23 марти соли 1976 эътибор пайдо кардааст), моддаи 7 пешбинӣ мекунад, ки "Ҳеҷ кас набояд таҳти шиканҷа ё муомила ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор гирад", Моддаи 10 (1) пешбинӣ мекунад, ки "Ба ҳамаи ашхоси аз озодӣ маҳрумшуда бояд бо инсондӯстӣ ва эҳтиром ба шаъну шарафи инсонии фард муносибат карда шавад".

42 Татбиқи Конвенсия дар бораи пешгирӣ ва ҷазо додани ҷинояти наслкушӣ (Хорватия нисбати Сербистон), Ҳукмҳои Суди Байналмилалии Адлия (СБА) (Арзёбии ҳуқуқӣ, 3 феврали 2015), банди 98; Саволҳои марбут ба ӯҳдадориҳои таъқиб ё истирдод (Белгия нисбати Сенегал), Қарори СБА (Арзёбии ҳуқуқӣ, 20 июли 2012), банди 99.

43 Ниг. Комиссияи байналмилалии ҳуқуқ (КБҲ), Лоиҳаи мақолаҳо дар бораи масъулияти давлатҳо барои амалҳои ғайриқонунии байналмилалӣ, бо шарҳҳо, 2001, Тариқи линки зер дастрас аст: https://legal.un.org/ilc/texts/instruments/english/commentaries/9_6_2001.pdf, Моддаи 26 ва шарҳи он, алалхусус зербанди 5; Саволҳои марбут ба ӯҳдадориҳои таъқиб ё истирдод (Белгия нисбати Сенегал), Қарори КБҲ (Арзёбии ҳуқуқӣ, 20 июли 2012), банди 99.

44 Internaтрибунали миллии ҷиноӣ барои собиқ Югославия. Прокурор нисбати Анто Фурундзия, 10/12/1998. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.icty.org/x/case s/furundzija/tjug/en/fur-tj981210e.pdf; бандҳои 151–154.

45 Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (4 ноябри соли 1950 имзо шуда, 3 сентябри соли 1953 эътибор пайдо кардааст) моддаи 3-ро пешбинӣ менамояд, ки "Ҳеҷ кас набояд ба шиканҷа ё муомила ё муҷозоти ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф гирифтор карда шавад".

46 Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон (22 ноябри соли 1969 ба имзо расида, 18 июли 1978 эътибор пайдо кардааст), моддаи 5 ҳуқуқ ба муносибати инсондӯстонаро пешбинӣ менамояд" 1. Ҳар як шахс ҳақ дорад, ки дахлнопазирии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва ахлоқии ӯ эҳтиром карда шавад. 2. Ҳеҷ кас набояд таҳти шиканҷа ё муҷозоти

КЗШ, ки дорои иштироки тақрибо ҷаҳонист, ба ҳар як Давлати Аҳдкунанда ваколат медиҳад, ки чораҳои қонунӣ, маъмурӣ, судӣ ё дигар чораҳоро барои пешгирии амалҳои шиканҷа дар ҳама қаламрави дар доираи салоҳияташ буда андешад.[48] "Ҳар як давлати узв кафолат медиҳад, ки ҳама амалҳои шиканҷа мутобиқи қонуни ҷиноятиаш баррасӣ карда мешавад. Айнан ҳамин чиз ба кӯшиши шиканҷа ва амали ҳар як шахсе дахл дорад, ки иштирок ё ҳамшарикӣ дар шиканҷаро ташкил медиҳад. Ҳар як давлати узв барои чунин ҷиноятҳо бо назардошти хусусияти вазнини онҳо ҷазоҳои дахлдор муқаррар мекунад". [49] Ғайр аз ин, "ҳар як давлати узв таъмин менамояд, ки маводи таълимӣ ва иттилоотӣ оид ба манъи шиканҷа пурра ба барномаҳои таълими кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони граждании ё ҳарбии соҳаи тиб, мансабдорони давлатӣ ва дигарон, ки метавонад ба боздошт ва бозпурсии ашхоси дар ҳама гуна шакли ҳабс, боздошт ё зиндон буда, дахл дошта бошад, ворид карда шавад. Ҳар як давлати узв ин манъро ба қоидаҳо ё дастурҳо оид ба вазифаҳои ҳар яке аз чунин афрод дохил мекунад".[50] Дар робита ба тафтишот, "вақте асосҳои оқилона доир ба содир шудани шиканҷа дар қаламраве, ки таҳти тобеияти он қарор дошта" бошад, ҳар як давлати узв тафтишоти фаврӣ ва беғаразонаро аз ҷониби мақомоти салоҳиятдораш таъмин мекунад.[51] Давлатҳои аъзо инчунин бояд ба "ҳар шахси даъвогар, ки дар қаламрави таҳти тобеияти давлатбуда шиканҷа шудааст, ҳуқуқи ба мақомоти салоҳиятдори ин давлат шикоят бурдан ва баррасии фаврӣ ва беғаразонаро таъмин кунад. "Тадбирҳо андешида шавад, ки шикояткунанда ва шоҳидон аз ҳама гуна муносибати бераҳмона ва таҳдидҳо вобаста ба шикоят ё нишондод муҳофизат карда шаванд".[52] Ин ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқӣ доштани ҷабрдида низ дахл дорад.[53]

Тафовут байни шиканҷа ва муносибати ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ҳамчун дараҷаҳои гуногуни азобу уқубатҳои расонидашуда фаҳмида мешавад, ба он маъно, ки шиканҷа метавонад ҳамчун шакли шадид ва қасдонаи муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф баррасӣ шавад.[54] Муносибати пастзанандаи шаъну шараф бо мақсади таҳқир кардани шахс ҳамоне мебошад, ки оқибати кирдори мавриди назар ба шахсияти

бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қарор гирад. Ба ҳамаи ашхосе, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд, бояд эҳтиром ба шаъну шарафи инсонии инсонӣ зоҳир карда шавад".

47 Хартияи Африқо оид ба ҳуқуқҳои инсон ва халқҳо (1 июни соли 1981 қабул шуда, 21 октябри соли 1986 эътибор пайдо кард), Моддаи 5 мегӯяд, ки "Ҳар як шахс ба эҳтироми шаъну эътибори ба инсон хос ва эътирофи мақоми ҳуқуқиаш ӯ ҳуқуқ дорад. Ҳама шаклҳои истисмор ва таҳқири инсон, бахусус ғуломӣ, савдои ғуломон, шиканҷа, ҷазо ва муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф манъ аст".

48 КЗШ, моддаи 2(1).

49 КЗШ, моддаи 4.

50 КЗШ, моддаи 10.

51 КЗШ, моддаи 12.

52 КЗШ, моддаи 13.

53 КЗШ, моддаи 14.

54 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи башар. Парвандаи Ирландия нисбати Британиёи Кабир (5310/71), 18/01/1978. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57506, банди 167; Ассамблеям Генералии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида. Қарори 3452 (XXX), ки Эъломия дар бораи ҳифзи ҳама ашхос аз шиканҷа ва дигар муомила ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 09/12/1975, Моддаи 1(2).

фарде таъсири манфӣ расонад.[55] Ҳам шиканҷа ва ҳам муносибати бераҳмона бо амалҳои ҷисмонӣ маҳдуд намешаванд, зиёда аз ин метавонанд амалҳое низ бошанд, ки ба ҷабрдида фишори равонӣ оранд.[56]

Ҳуқуқ ба ҳаёт дар аксари санадҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳамин монанд сабт шудааст: Моддаи 3-и ЭУҲБ, моддаи 6-и ПБҲШС, моддаи 2 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, моддаи 4 Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон, моддаи 4 Хартияи Африқоӣ ва моддаҳои 5-8 Хартияи ҳуқуқи башари Араб. Ҳимояи ин ҳуқуқ дар назди давлат ҳам ӯҳдадориҳои манфӣ ва ҳам мусбатро ба бор меорад. Давлат бояд на танҳо аз маҳрум кардан аз ҳаёт, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки маҳдуд кардани чунин ҳуқуқ пешбинӣ шудааст, худдорӣ кунад, балки барои аз марг муҳофизат намудани одамон чораҳои қатъӣ пеш гирад. Ба ин ӯҳдадориҳои мусбат чунинҳо дохил мешаванд: омӯзонидани неруҳои амниятии давлат барои истифодаи қувваи марговар танҳо дар ҳолати зарурӣ, андешидани чораҳо барои пешгирии хатари маълум ба ҳаёт, татбиқи қонунгузории миллӣ, ки ба маҳдуд кардани талафоти одамон мусоидат мекунад (масалан, омодасозии беморхонаҳо ва мутахассисони соҳаи тандурустӣ), тафтиши амалҳои ғайриқонунӣ, ки боиси марг мегардад ва ҷазо додани онҳо ва ба зиммаи худ гирифтани масъулияти некӯаҳволии маҳбусон.[57] Иқтибосҳо аз ***Рантсев нисбати Россия ва Кипр***[58] се ӯҳдадории мусбати ба таври возеҳ таҳияшуда дорад, ки бояд ба инобат гирифта шавад: Маълум аст, ки моддаи 2 аз давлат талаб мекунад, то на танҳо аз маҳрумкунии қасдан ва ғайриқонунӣ аз ҳаёт худдорӣ намояд, балки инчунин барои ҳифзи ҳаёти шахсони дар тобеияти худдоштаро чораҳои дахлдор андешад [ин ифодаи умумии мавҷудияти ӯҳдадориҳои мусбат мебошад]. Пеш аз ҳама, ин ӯҳдадорӣ аз давлат талаб мекунад, ки ҳуқуқ ба ҳаёт тавассути қабули муқаррароти муассири қонунгузории ҷиноятӣ, ки ба пешгирии содир намудани ҷиноят нисбат ба шахс нигаронида шудааст, бо механизми ҳифзи ҳуқуқ барои пешгирӣ, рафъ ва ҷазо додани вайронкунии ин муқаррарот таъмин карда шаванд [ин масъулияти роҳандози низом аст]. Аммо он инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ӯҳдадории мусбати мақомоти ҳокимияти давлатиро оид ба андешидани чораҳои пешгирикунандаи фаврӣ вобаста ба ҳифзи шахсе, ки ҳаёти ӯ аз кирдорҳои ҷиноятии шахси дигар дар хатар аст [ин ӯҳдадории таъмини ҳифзи саривақтӣ мебошад] дар назар дорад". Пас аз он, Суд ба баррасии вазифаи тафтишот идома медиҳад:[59] "Чунон ки суд борҳо қайд кардааст, ӯҳдадории ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт тибқи моддаи 2 Конвенсия, ки дар

55 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Янков нисбати Булғория (39084/97), 11/03/2004. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/fre?i=001-61539, банди 105.

56 Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои граждании ва сиёсӣ Шарҳи умумӣ № 20: Моддаи 7 (Манъи шиканҷа ё дигар намудҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф), ки дар Иҷлосияи 44-уми Кумитаи ҳуқуқи башар 10 қабул шудааст, банди 5.

57 Маркази байналмилалии адлия. Ҳуқуқ ба ҳаёт: Шарҳи [дастрасшуда 19/05/2020].Тариқи линки зер дастрас аст: https://ijrcenter.org/thematic-research-guides/right-to-life/.

58 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Рантсев нисбати Кипр ва Россия (25965/04), 07/01/2010. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.unodc.org/res/cld/case-law/2010/парвандаи_of_rantsev_v cyprus_and_russia_application_no._2596504.html/Rantsev_vs._Cyprus_and_Russia.pdf, бандҳои 218 ва 232.

59 Тариқи линки болоӣ дастрас аст

якҷоягӣ бо ӯҳдадории умумии давлат тибқи моддаи 1 Конвенсия баррасӣ мешавад, "таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дар Конвенсия муайяншуда ба ҳар як шахси таҳти тобеияташ қарордошта", дар ҳолатҳое ки одамон дар натиҷаи истифодаи қувва кушта шудаанд, тафтишоти расмиро талаб мекунад".

Кумитаи ҳуқуқи башари Созмони Милали Муттаҳид дар шарҳи умумии № 6 гуфта, ки: "давлатҳои узв бояд на танҳо барои пешгирӣ ва ҷазо додани маҳрумият аз ҳаёт дар натиҷаи кирдорҳои ҷиноӣ, балки инчунин барои пешгирии маҳрумсозии номуносиб аз ҳаёт аз ҷониби қувваҳои амниятии худ чораҳо андешанд. Аз ҳаёт маҳрум кардани ходимони давлатӣ масъалаи ниҳоят ҷиддӣ мебошад. Аз ин рӯ, қонун бояд ҳолатҳоеро, ки чунин намояндагони мақомот фардеро аз ҳаёт маҳрум мекунанд, қатъиян назорат ва маҳдуд намояд".[60] "Нисбати шахсоне, ки хидмати ҳатмии ҳарбиро адо мекунанд, Суд қаблан имкон дошт таъкид намояд, ки ба мисли шахсони дар ҳабсбуда, шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда таҳти назорати истисноии намояндагони мақомоти давлатӣ қарор доранд, зеро танҳо мақомот аз ҳамагуна таҳаввулоти артиш пурра ё ба андозае огоҳ аст ва ҳукуматдорон вазифадоранд, ки шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшударо муҳофизат кунанд".[61]

## 2. Маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба ҳаёт ва манъи шиканҷа ва муносибати ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Маҳдудиятҳо нисбати ҳуқуқ ба ҳаёт бояд дар заминаи моддаи 2 (2) Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон арзёбӣ карда шавад, ки дар он гуфта мешавад: "аз ҳаёт маҳрум кардан вайронкунии моддаи мазкур ҳисобида намешавад, агар он дар натиҷаи ҳолатҳои комилан зарури истифода аз зӯр иборат бошад, мисли: а) барои ҳифзи ҳар як шахс аз зӯроварии ғайриқонунӣ; б) ба роҳи қонунӣ ба ҳабс гирифтан ё пешгирии гурехтани шахси ба тариқи қонунӣ дастгиршуда; ва мувофиқи қонун в) пахш кардани шӯриш". Ҳама гуна марг аз дасти намояндаи давлатӣ бо истифода аз зӯрӣ аз меъёр зиёди чораи комилан зарур ё бо сабабҳои дар банди 2 (2) пешбининашуда ва ба ноил шудан ба ҳадафҳои дар зербанди пешбинишуда мутаносиб нест, боиси вайронкунии моддаи 2 мегардад.[62] Ин меъёрҳо ба таври қатъӣ шарҳ дода шудаанд.[63] Илова бар ин, дар моддаи 15 (2) Конвенсия пешбинӣ шудааст, ки ба истисноии ҳолатҳои марги одамон дар натиҷаи амалиёти қонунии низомӣ, ҳеҷ гуна маҳдудияти муқарраротИ моддаи 2 иҷозат дода намешавад.

60 Кумитаи Байналмилалии Паймон оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ. Иҷлосияи шонздаҳум (1982): Шарҳи умумӣ № 6: Моддаи 6 (Ҳуқуқ ба ҳаёт), банди 3.

61 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Малик Бабаев нисбати Озарбойҷон (30500/11), 01/09/2017. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-173776, банди 66.

62 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи МакКэн ва дигарон нисбати Британиёи Кабир (18984/91), 27/09/1995. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57943, бандҳои 148–149.

63 Маркази байналмилалии адлия. Ҳуқуқ ба ҳаёт: Шарҳ. [Дастрасшуда аз: 19/05/2020]. Тариқи линки зер дастрас аст: https://ijrcenter.org/thematic-research-guides/right-to-life/.

КЗШ манъи шиканҷа ва муносибати ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро ҳамчун ҳуқуқи мутлақ бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият ё таҳқир, новобаста аз рафтори ҷабрдида пешбинӣ мекунад.[64] Дар он гуфта мешавад: "ҳеҷ як ҳолати истисноӣ, новобаста аз он, ки онҳо чи гунаанд, хоҳ вазъияти ҷанг ё таҳдиди ҷанг, ноустувории сиёсии дохилӣ ё ягон ҳолати фавқулода, шиканҷаро сафед карда наметавонад".[65] Ба ҳамин монанд, Конвенсия даст кашидан аз ӯҳдадориро дар мавриди манъи шиканҷа дар давраи вазъияти фавқулода пешбинӣ намекунад.[66] Моддаи 3-и Конвенсия муқаррароти мутлақи он мебошад, дар он банди дуюми маҳдудиятҳои иҷозатшаванда мавҷуд нест.[67] Афв ва татбиқи қонунҳои афви миллӣ нисбати ашхоси гунаҳкор ва гумонбар дар шиканҷа ва муносибати ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф низ бо манъи шиканҷа тибқи қонунҳои байналмилалӣ номувофиқ дониста мешаванд.[68] Аз ин рӯ, масъалаи маҳдуд кардани манъи шиканҷа ва муносибати ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф барои муайян кардани маҳдудиятҳои ин ӯҳдадорӣ аҳамият надорад, балки пеш аз ҳама, ба мушкили муайян кардани он дахл дорад, ки кадом кирдор чунин амалро ташкил медиҳад; ва дуюм, нигарониҳо дар бораи доираи ӯҳдадориҳои давлатҳо оид ба пешгирии чунин амалҳост. Дар мавриди масъалаи аввал бошад, "барои он ки муносибати бераҳмона ба доираи моддаи 3 дохил шавад, бояд ба ҳадди ақали дараҷаи вазнини бераҳмӣ расида бошад, ки арзёбии он аз тамоми ҳолатҳои парванда вобаста аст, аз қабили давомнокии чунин муомила, оқибатҳои ҷисмонӣ ё рӯҳии он ва дар баъзе мавридҳо ҷинс, синну сол ва вазъи саломатии қурбониён ва ғ."[69] Бисёре аз кирдорҳое, ки вайронкунии моддаи 3-ро ташкил медиҳанд, ҳангоми содир шудан дар қувваҳои мусаллаҳ метавонанд ба ҳадди рафтори ғайриинсонӣ рафта нарасанд, ба шарте ки онҳо дар иҷрои вазифаи мушаххаси чунин қувваҳои мусаллаҳ саҳмгузоранд, ба монанди тайёрӣ ба шароити ҷангӣ.[70] Аммо, "Суд ҳарҷӣ бештар хусусиятҳои муомилаеро муқаррар мекунад, ки набояд ба сарбозон ва хидматчиёни ҳарбие, ки адои хидмати ҳарбӣ мекунанд, татбиқ карда шаванд. Шахс бояд хидмати ҳарбиро дар шароите, ки ба эҳтироми шаъну шарафи инсон мувофиқат мекунад, адо намояд; тартиб ва усулҳои тайёрии ҳарбӣ набояд дучори

64 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ранинен нисбати Финландия (152/1996/771/972 – application no. 20972/92), 16/12/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58123, банди 55.

65 КЗШ, моддаи 2(2).

66 КҲҲОАИ, моддаи 15(2).

67 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ирландия нисбати Бритониёи Кабир (5310/71), 18/01/1978. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57506, банди 163.

68 ДКО СММ оид ба ҳуқуқи инсон, ПБҲШС Шарҳи умумӣ № 20: Моддаи 7 (Манъи шиканҷа ё дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф), ки дар Иҷлосияи 44-уми Кумитаи ҳуқуқи инсони СММ қабул шудааст , 10/03/1992, банди 15.

69 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ранинен нисбати Финландия (152/1996/771/972), 16/12/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58123, банди 55. Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ирландия нисбати Бритониёи Кабир (5310/71), 18/01/1978. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/en- g?i=001-57506, банди 162.

70 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Чэмбер нисбати дигарон (7188/03), 01/12/2008. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-87354, банди 49

душворӣ ё азобу машаққатро дар назар дошта бошад, ки дараҷаи он аз дараҷаи ногузири душвориҳои ба интизоми ҳарбӣ хос болотар аст; ва бо назардошти эҳтиёҷоти амалии чунин хидмат, саломатӣ ва некӯаҳволӣ бояд тавассути расонидани ёрии тиббӣ ба таври кофӣ кафолат дода шавад".[71] "Ҳангоми баррасии он, ки оё ҷазо ё муомила дар чаҳорчӯбаи моддаи 3 "таҳқиркунандаи шаъну шараф" аст ё хайр, Суд масъалаи он, ки оё ҳадафи таҳқир шахси дахлдор аст ё хайр ва инчунин оқибатҳои он, ки ки оё он ба шахсияташ ба тарзе, ки ба моддаи 3 мувофиқ набошад, таъсири манфӣ расонидааст ё на, баррасӣ мекунад".[72] Масалан, дар парвандаи *"Лялакин нисбати Россия"* Суд вайронкунии моддаи 3-ро муайян кард, зеро мақомоти давлатӣ дар бораи он, ки чаро барои дар шароити хидмати харбӣ нигоҳ доштани интизом даъвогарро маҷбур карданд бараҳна шавад, шарҳи боварибахш надод. Бо сабаби набудани асос, рафтори мавриди назар ба ҳадди зарурӣ расидааст, ки ба доираи моддаи 3 дохил шавад.[73] Дар робита ба КЗШ, баъзе давлатҳо, аз қабили Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, қаблан изҳор доштанд, ки ин ӯҳдадории байналмиллалӣ ба таври фарозаминӣ татбиқшаванда нест.[74] Бо вуҷуди ин, асосҳои чунин маҳдудиятҳои салоҳиятҳои юридикӣ мавриди баҳс қарор гирифтанд ва дар гузориши соли 2015, Гузоришгари махсуси КЗШ ба хулосае омад, ки давлатҳо бояд юрисдиксияи универсалии ҷиноятиро нисбати амалҳои экстерриториалии шиканҷа муқаррар кунанд ва давлатҳоро даъват намуд, ки аз болои кирдорҳои шиканҷаӣ ва муносибати бераҳмона, сарфи назар аз он ки кирдорҳои ғайриқонунӣ дар куҷо ба амал омадаанд, салоҳиятҳои юридикиро истифода баранд.[75] Ӯҳдадории мусбати моҳиятӣ давлатҳоро вазифадор мекунад, то "чораҳо андешанд, ки шахсони таҳти тобеияти онҳо ба шиканҷа, муносибат ва ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дучор нашаванд. Ин тадбирҳо бояд ҳимояи муассир, бахусус шахсони осебпазир, аз қабили даъватшавандагон ва амалҳои оқилонаро барои пешгирии муносибати бераҳмона, ки мақомот медонистанд ё бояд медонистанд, дар худ ҷо медиҳад". [76]

71 Карен Рид. 2015. Роҳнамои таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), p. 364.

72 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ранинен нисбати Финляндия (152/1996/771/972), 16/12/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58123, банди 55.

73 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Лялякин бнисбати Россия (31305/09), 14/09/2015. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-152726, бандҳои 77–78.

74 Чарли Саваж. ИМА. Ба гумон аст, ки Шартномаи ҳуқуққо дар хориҷа татбиқ карда шавад. The New York Times, 6 марти соли 2014. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.nytimes.com/2014/03/07/world/us-seems-unlikely-to-accept-that-rights-treaty-applies-to-its-actions-abroad.html; Сара Кливленд. 2014. Иёлоти Муттаҳида ва Конвенсияи зидди шиканҷа, Қисми I: Экстратерриториалӣ, фақат амният.Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.justsecurity.org/17435/united-states-torture-convention-part-i-extraterritoriality/.

75 Гузориши мутавассити Гузоришгари махсус оид ба шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (A/70/303), 2015. Банди 70. Ин хулоса дар Гузориши гузоришгари махсус оид ба шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона ва ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дар соли 2018 такрор шудааст. (A/ HRC/37/50), банди 13.

76 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Плачи нисбати Италия (48754/11), 21/04/2014. Тариқи линки зер дастрас аст: http:// hudoc.echr.coe.int/fre?i=001-140028, банди 49; Ҳамчунин нигаред ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Абдулло Йилмаз нисбати Туркия (21899/02), 17/09/2008. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/en-g?i=001-87046, бандҳои 67–72.

Бо вуҷуди ин, Суд бо назардошти мушкилоти нигоҳ доштани волоияти қонун дар ҷомеаи муосир, пешгӯинашаванда будани рафтори инсон ва интихоби амалие, ки бояд дар заминаи афзалиятҳо ва захираҳо анҷом дода шавад, доираи ӯҳдадориҳои мусбати ҳифзи давлатҳоро маҳдуд мекунад.[77] Аз ин рӯ, ин ӯҳдадорӣ "бояд тавре шарҳ дода шавад, ки ба зиммаи мақомоти давлатӣ масъулияти ғайриқонунӣ ё номутаносиб гузошта нашавад" ва "на ҳар як хатари гузоришшуда ба ҳаёт метавонад зарурати риояи талаботи Конвенсия оид ба андешидани чораҳои фаврии пешгирии чунин хатарро дошта бошад".[78] Бинобар ин муқаррар кардан зарур аст, ки мақомти давлатӣ дар бораи мавҷудияти хавфи ҳақиқӣ ва бевосита ба ҳаёт дар ҳамон вақт медонистанд ё мебоист донанд ва оё онҳо дар доираи ваколати худ чораҳои ислоҳӣ наандешидаанд, ки ба ақидаи онҳо метавонист аз чунин хатар пешгирӣ кунанд ё на.[79]

# 3. Парвандаҳои вобаста ба масъалаи баррасишаванда

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон парвандаҳои зиёдеро дар бораи манъи шиканҷа, муносибати ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ё ҳуқуқ ба ҳаётро баррасӣ мекунад. Дар баъзе аз инҳо Суд инчунин ҳуқуқҳои дигарро, аз қабили ҳуқуқ ба ҳимояи муассири ҳуқуқ (моддаи 13) баррасӣ мекунад, ҳатто дар ҳолатҳое, агар он ҳатман моҳияти вайронкунии эҳтимолии моддаи 3-ро арзёбӣ накунад.

***Абдулло Йилмаз нисбати Туркия:***[80] аз ҷониби падари ҷавонаскари 20-сола, ки ҳангоми адои хидмати ҳарбӣ дар пайи ҷароҳатҳои бардоштааш аз ҷониби афсари ҳайати сержантӣ даст ба худкушӣ задааст, даъво расидааст. Нисбати сержанти номбурда ду парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Аз рӯи натиҷаи баррасии якумдаъфаина ба муҳлати панҷ моҳ ҳукми ҳабс гирифта, ки иҷрои он барои рафтори нек боздошта шудааст; ва дуюмӣ барои набудани робитаи сабабӣ байни кирдори сержант ва худкушӣ қатъ карда шуд. Суд ӯҳдадории мусбати давлатҳоро оид ба андешидани чораҳои зарурии пешгирикунанда барои ҳифзи шахсони таҳти тобеияташон қарордошта аз кирдори шахсони дигар ё намояндагони худи давлатҳо қайд намуда, ба хулосае омад, ки чунин ӯҳдадориҳо беистисно нисбат ба шахсоне, ки хидмати ҳатмии ҳарбиро адо мекунанд, дахл дорад. Ин маънои онро дошт, ки аз давлатҳо талаб карда шуд, то стандартҳои баланди касбӣ дар байни кормандони

77 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Усмон нисбати Британиёи Кабир (87/1997/871/1083), 28/10/1998. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58257, банди 116.

78 Тариқи линки болой дастрас аст; инчунин нигаред ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Малик Бабаев нисбати Озарбойҷон (30500/11), 01/09/2017. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-173776, банди 66.

79 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Усмон нисбати Британиёи Кабир (87/1997/871/1083), 28/10/1998. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58257, банди 116.

80 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Абдулло Йилмаз нисбати Туркия (21899/02), 17/09/2008. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-87046.

ҳирфаии ҳарбӣ, ки амал ё беамалии онҳо, аз ҷумла нисбат ба шахсоне, ки ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда, метавонад мувофиқи моддаи 2 ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, риоя гардад. Ҳолатҳои парванда аз он шаҳодат медиҳад, ки сержант вазифаи мутахассиси артишеро, ки мебоист ҳолати ҳам ҷисмонӣ ва рӯҳии хидматчиёни ҳарбии таҳти фармондеҳии ӯ қарордоштаро ҳимоя кунад, натавонистааст ба ӯҳда гирад. Суд қарор кард, ки ин камбудиҳо дар заминаи меъёрию ҳуқуқӣ буда, мақомоти давлатӣ барои аз рафтори ношоистаи командиронаш муҳофизат намудани ҷабрдида тамоми кори заруриро ба ҷо наовардааст. Суд инчунин муайян кард, ки мурофиа ба меъёрҳои зарурӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт тибқи моддаи 2 мувофиқат намекунад.

***Мосендз нисбати Украина***:[81] даъворо модари аскарбача, ки ҳангоми адои хидмати ҳарбӣ вафот кардааст, пешниҳод намудааст. Вай изҳор дошта, ки моддаҳои 2, 3 ва 13-и Конвенсия вайрон карда шудааст. Марг расман ҳамчун худкушӣ сабт шудааст. Суд қарори худро оид ба ҳамин гуна масъала, парвандаи *"Сергий Шевченко нисбати Украина"*[82] ба роҳбарӣ гирифта, ҳукм кард, ки парвандаҳои худкуширо дар заминаи маҳрум кардан аз ҳуқуқ ба ҳаёт ба таври васеъ шарҳ кардан имкон надорад. Баръакс, ӯҳдадориҳои мусбати аз ин муқаррарот бармеомада метавонанд дар ҳолатҳое ба миён оянд, ки хатар барои шахс аз эҳтимоли расонидани зарар ба худ бошад, аз ҷумла ӯҳдадории мурофиавӣ оид ба гузаронидани тафтишоти самараноки ҳолатҳои чӣ будани худкушӣ.

Вобаста ба ҷанбаҳои муҳими ӯҳдадориҳои давлат, Суд вазифаи аввалиндараҷаи давлатро вобаста ба қабули меъёрҳои мутаносиб ба сатҳи хавф ба ҳаёт ё дахлнопазирии ҷисмониро, ки на танҳо бо хусусияти фаъолияти ҷангӣ ва амалиёти низомӣ аҳамияти бузург дорад, балки бо омили инсонӣ низ алоқаманд буда тавонистани онро дар мавридҳое, ки давлат дар бораи ба хидмати ҳарбӣ даъват кардани шаҳрвандони қаторӣ қарор қабул мекунад, қайд кард. Чунин қоидаҳо бояд андешидани чораҳои амалиро дар бар гирад, ки ба ҳифзи самараноки шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда аз хатарҳои ба ҳаёти ҳарбӣ хос ва тартиби дахлдори ошкор намудани камбудӣ ва хатоҳое, ки метавонанд дар ин бобат аз ҷониби фармондеҳони сатҳҳои гуногун содир карда шаванд.[83] Ҳангоми арзёбии таҷрибаи миллӣ, Суд таҳқирро ҳамчун як низоми ғайрирасмии муносибати бераҳмона нисбат ба наваскарон аз ҷониби бобосолорон (дедовшина) номид, ки он дар навбати худ ба сар задани вазъияти гурехтан аз муҷозот ва саҳлгирӣ мусоидат кард. Суд инчунин қайд кард, ки давлат вазифадор аст, далелҳои эътимодбахши радсозии қонуншикании эҳтимолиро пешниҳод созад. Ҳангоми арзёбии тавзеҳоте, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ ба таври асоснок баён карда шуд ва ӯҳдадории

81 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Мосендз нисбати Украина (52013/08), 17/04/2013. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/fre?i=001-115887.

82 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Сергей Шевченко нисбати Украина (32478/02), 04/07/2006. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-73040, банди 56.

мурофиавии марбута, Суд ҳукм кард, ки баррасӣ нашуда, инчунин дар робита ба камбудиҳо ва ихтилофот дар тафтишот, мақомоти давлатӣ барои тафтиши самарабахш нагузаронидан ва дуруст шарҳ надодани сабабҳои марги фарзанди даъвогар ӯҳдадориҳои худро иҷронакарда маҳсуб аст. Азбаски муайян карда шуд, ки дар натиҷаи таҳқир ва муносибати бераҳмона аз ҷониби роҳбарияти ҳарбӣ даъватшаванда ба худкушӣ даст задааст, дар марги ӯ давлат гунаҳкор дониста шуд. Дар натиҷа Суд далели вайрон кардани ҳуқуқ ба ҳаётро вобаста ба вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавӣ муқаррар намуд. Азбаски шикоят қисман ба моддаи 3 Конвенсия дахл дошт, Суд гуфт, ки баррасии алоҳида оид ба вайронкунии эҳтимолии моддаи 3 талаб карда намешавад. Илова бар ин, Суд вайронкунии моддаи 13-ро муайян кард.

***Переведентсевҳо нисбати Россия:*** [84] шикоятро падару модари аскари қаторӣ, ки ҳангоми адои хидмати ҳарбӣ вафот кардааст, ироа доштанд. Суд бори дигар ба маҷудияти дедовшина (бобосолорӣ) дар артиши давлат ва дучоршавии наваскарон ба муносибати бераҳмона аз ҷониби сарбозони "бобосолор" ишора кард ва қайд кард, ки маълумоти берунӣ дар бораи ин тарҷиба боиси нигаронии зиёд аст. Дар ин ҷо, Суд тасвияи хешро аз парвандаи *"Мосендз нисбати Украина"*-ро такрор кард, ки тибқи таърифи худ, онҳое, ки барои хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, таҳти назорати истисноии мақомоти давлатӣ боқӣ мемонанд, чун шароити хидмати онҳо асосан дар салоҳияти истисноии мақомот боқӣ мемонад. Ҳамин тариқ, мақомоти давлатӣ вазифадор аст, ки онҳоро муҳофизат кунанд.

Суд баҳо дод, ки оё мақомот дар бораи хатари воқеӣ ва бевосита ба ҳаёти аскарбачаро медонист ё бояд медонист ва оё барои пешгирӣ кардани чунин хатар ҳама корҳои заруриро анҷом додааст ё хайр. Суд муайян кард, ки мақомоти давлатӣ аз мушкилоти равонии ин аскар огоҳ буда, ба таври ҷиддӣ ин мушкилотро, ки аз рӯи хусусият ва вазнинии худ метавонист ҳаёти ӯро зери хатар гузорад, ба эътибор нагирифта, дар пайи ин барои пешгирии хатар чораҳои дахлдор наандешид. Ҳамин тариқ, Суд муайян кард, ки ҳуқуқ ба ҳаёт ба таври назаррас поймол карда шудааст. Дар робита ба ҷанбаҳои мурофиавӣ, Суд ба хулосае омад, ки раванди тафтишот беғаразона ва мустақил буда, вале бинобар таъхирҳои зиёд ба талаботи фаврӣ ҷавобгӯ нест. Ҳамчунин муайян кард, ки талаботи ҳамаҷонибаи тафтишот риоя нагардидааст, зеро дар ҷараёни он ихтилофот ва камбудиҳо, аз қабили тафтиш накардани парвандаҳои таҳқир, тамаъҷӯӣ, инчунин мавҷудияти ҷароҳатҳои эҳтимолӣ ва эълоннашудаи сарбози фавтида ё ҳамхидматонаш, ки ӯ дар мактубҳои худ қаблан навишта будааст, ошкор шудаанд. Бо ҳамхидматонаш танҳо пас аз се ҳафтаи марги сарбоз пурсишҳо гузаронида шуд ва то он вақт имкон дошт ҷароҳатҳои бардоштаашон шифо ёфтаву аз ин рӯ шояд намоён набошад.

83 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Килинч ва дигарон нисбати Туркия (40145/98), 07/09/2005. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-69269, банди 41.

84 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Переведентсевҳо нисбати Россия (39583/05), 13/10/2014. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-142516.

Суд инчунин муайян кард, ки манфиатҳои даъвогарон ҳамчун хешу табори наздик одилона ва ба таври лозимӣ ҳифз карда нашуда ва тафтишот аз ҷониби ҷомеа ба таври кофӣ назорат карда нашудаст. Дар натиҷа, Суд инчунин вайронкунии ҷанбаи мурофиавии ҳуқуқ ба ҳаётро муайян кард.

***Лялякин нисбати Россия***:[85] Даъвогар дар бораи муносибати бераҳмона дар вақти хидмати ҳарбӣ ва аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор тафтиш нашудани ҳолат ба суд муроҷиат кардааст. Муносибати эҳтимолии бераҳмона - аз тан кашидани либоси шахси мавриди назар, таҳдид бо пахш кардани пулемёт ба сараш, пӯшонидани либоси муҳофизатии ҳарбӣ ба аризадиҳанда дар ҳавои гарм ва бо ранги сурх кашидани ситора ба сараш ва баъдан расонидани зарар бо истифода аз оҳани тасма ба ҷисмаш, ки баъд гӯё ӯро ба ҷилав гирифта, бо таҷовуз ба номус таҳдид кардааст, мебошад. Доир ба мундариҷаи моддаи 3, Суд таъкид кард, ки азобу уқубат ва таҳқир бояд аз доираи он чизе, ки метавонад бо ягон шакли муомила ё ҷазои қонунӣ алоқаманд бошад, берун бошад. Дар ҳоле ки хидмати ҳатмии ҳарбӣ аксар вақт чунин муносибатро дар бар мегирад, амалҳое, ки дар акси ҳол ба таҳқиркунии шаъну шараф ё муносибати ғайриинсонӣ баробар мешаванд, метавонанд ҳангоми рух додани он дар артиш ба ҳадди мувофиқ нарасанд, агар нишон дода шавад, ки барои иҷрои вазифаи мушаххас мусоидат мекунад; масалан, ҳангоми омӯзиш дар шароити ҷангии қалбакӣ ё усулҳои пурсиш.

Моҳияти ҷамъиятии чунин муносибат метавонад барои баҳодиҳии он, ки шаъну шараф дар доираи ин модда таҳқир шудааст ё на, аҳамият дошта бошад ё омили вазнинкунанда бошад. Давлат вазифадор аст, ки ба шахси таҳти хидмати ҳарбӣ қарордошта шароитеро, ки ба шаъну шарафи инсонии ӯ мувофиқ аст, таъмин намояд; тартиб ва усулҳои тайёрии ҳарбӣ набояд шахсро дучори машаққат ё азобу уқубате кунад, ки берун аз дараҷаи ногузири душвориҳои ба интизоми ҳарбӣ хосбуда бошад; бо назардошти эҳтиёҷоти амалии ин гуна хидмат саломатӣ ва некӯаҳволии шахс бояд ба таври бояду шояд муҳофизат карда шавад.[86] Айбномаҳо бояд бо далелҳое тасдиқ карда шаванд, ки тибқи санҷиши далели исботкунандаи "бешубҳа" баҳо дода шавад, аммо он метавонанд дар як вақт мавҷуд будани хулосаҳои кофии қавӣ, возеҳ ва пайдарпайӣ ё як фарзияи раднашавандаи шабеҳи далел бошад. Доир ба кашидани либос аз тани даъвогар, Суд қайд кард, ки барои исботи зарурати ин кирдор ягон далели кофӣ пешниҳод карда нашудааст ва бинобар дар пеши дигарон кашидани либос аз тан даъвогар таҳти таҳқир қарор дода шудааст ва синну соли ҷавонаш як ҳолати иловагии вазнинкунанда ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, Суд нақзи моддаи 3-ро дар мавриди кашидани аз тан либосро муайян кард. Ин аввалин парвандае буд, ки дар он "Суд баррасӣ кард, ки

85 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Лялякин нисбати Россия (31305/09), 14/09/2015. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-152726.

86 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Чембер нисбати Россия (7188/03), 01/12/2008. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-87354, банди 49.

оё далели маҷбур кардани даъвогар ба кашидан аз тан либос ва истода дар назди қисми ҳарбии худ фақат бо либоси таҳи низомӣ ба ҳадди зарурии вазнинӣ расидааст, то парванда ба доираи моддаи 3 дохил шавад ё на".[87] Оид ба дигар даъвои рафтори бераҳмона Суд зарурати тафтиши онҳоро надонист; қисман аз сабаби набудани далелҳо ва инчунин аз сабаби набудани тафтиши самарабахш. Суд муайян кард, ки ҷанбаи мурофиавии моддаи 3 вайрон карда шудааст, зеро мақомот натавонистанд тафтиши самараноки даъвои муносибати бераҳмонаро таъмин кунанд ва ҳамзамон муайян кард, ки вайронкунии Моддаи 13 ба миён омадааст.

***Мурадян нисбати Арманистон:*** [88] Даъвогар падари сарбоз буд, ки ҳангоми хидмати ҳарбӣ дар натиҷаи даридан, деформатсия ва калон шудани сипурз, ки бо осеби шикам ҳамроҳӣ мекунад, гематомаҳои тоза ва қаблангирифташуда ба ҳалокат расидааст. Даъвогар аз он шикоят кардааст, ки писараш бар асари муносибати бераҳмона фавтидааст, баъдан ба ӯ ёрии дурусту саривақтии тиббӣ расонида нашудааст ва мақомот нисбати ин ҳолат тафтишоти муассир нагузарондаанд. Суд ба собиқаи ҳамсони парвандаҳо муроҷиат кард, ба мисли давлат барои онҳое, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, комилан масъул аст ва аз ин рӯ, давлат ӯҳдадор аст, ки барои ҳама гуна ҷароҳат ё марге, ки дар ҷараёни чунин хидмати ҳарбӣ рух медиҳад, шарҳи қаноатбахш ва боварибахш пешниҳод намояд. Ӯҳдадории гузаронидани тафтишоти муассир танҳо натиҷагирӣ аз он набуда, балки амал аст: мақомоти давлатӣ бояд барои оқилона баргузор кардани тафтишот маҳфуз нигоҳ доштани далелҳои ин ҳодиса, аз ҷумла, вале бе истисно, нишондодҳои шоҳидони айнӣ, далелҳои судиву тиббӣ ва татбиқшаванда, натиҷаҳои ташхис, ки сабти пурра ва дақиқи ҷароҳатҳо ва таҳлили объективии натиҷаҳои клиникӣ, аз ҷумла сабаби маргро таъмин кунад, чораҳо пеш гирад. Илова бар ин, хулосаҳои тафтишот бояд ба таҳлили ҳамаҷониба, объективӣ ва беғаразонаи ҳамаи унсурҳои дахлдор асос ёбад. Суд ҳангоми баҳо додани вайрон кардани ҷиҳати мурофиавии ҳуқуқ ба хаёт қайд намуд, ки барои кам кардани хавфи забоняккунии ашхоси мансабдор чораҳои кофӣ дида нашудааст, ки камбуди бузурги сифати тафтишот мебошад. Суд инчунин қайд намуд, ки дар рафти тафтиш ба тафтиши даъвоҳои муносибати бераҳмона эътибори нокифоя дода шудааст; инчунин таъкид ба эҳтимолияти беэътимод будани шоҳидони дахлдор аз тарси интиқом ва андешидани чораҳои ислоҳӣ дар ин хусус кард; ва ниҳоят, барои гузоришҳои тиббии норавшан ишора кард. Илова бар ин, дар бисёр ҷанбаҳои ин қазия, аз ҷумла пайдоиши гематомаҳо тафтиш карда нашудааст. Суд ҳамчунин изҳор дошт, ки наметавонад гузориши Комиссари Шӯрои Аврупо оид ба ҳуқуқи инсонро, ки дар он боб дар бораи вазъи ҳуқуқи инсон дар артиши Арманистон ҷой доштаву ин ҳолатро дар он таҷрибаи деринаи муносибати бераҳмона ва сатҳи пасти масъулиятро тавсиф мекунад, нодида гирад. Дар натиҷа, Суд далели вайрон кардани ҳуқуқ ба ҳаётро дар ҷанбаи мурофиавӣ муқаррар кард. Дар асоси ин хулосаҳо Суд зарурати тафтиши вайронкунии моддаҳои 3 ё 13-ро надид.

87 Шӯрои Аврупо – Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Баррасии собиқаи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон 2015 (Wolf Legal Publishers, 2016) Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Short_Survey_2015_ENG.pdf, саҳ. 32.

88 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Muradyan v. Armenia (11275/07), 24/02/2017. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-168852.

***Залян ва дигарон нисбати Арманистон:***[89] Даъворо ду корманди собиқи низомӣ бо иддаои он пешниҳод кардаанд, ки онҳо мавриди шиканҷа қарор гирифтаанд ва пас аз боздошти онҳо ба иттиҳоми куштори ду сарбози низомӣ, тафтиши муассир дар бораи даъвои шиканҷа анҷом наёфтааст. Суд муайян кард, ки даъвогарон далелҳои кофӣ, аз ҷумла муоинаи тиббии пешниҳодкардаашон, ки бешубҳа далели вайронкунии ҷиддии моддаи 3-ро нишон диҳад, ироа нкарданд. Суд ба хулосае омад, ки мақомот дар бораи шикояти даъвогарон дар бораи шиканҷа тафтиши самарабахш нагузарондааст. Суд қайд кард, ки дар ҳолатҳое, ки даъво ё даъвои эътимодбахши шахсе, ки дар бораи вайрон кардани моддаи 3 аз ҷониби полис ё дигар мақомоти шабеҳи давлатӣ зарар дидаасту ба он дахл дорад, муроҷиат кунад, бояд он зарурати тафтишоти муассир ва расмиро дар назар дошат бошад.

***Стяжкова нисбати Россия:***[90] даъвогар модари як сарбози даъватшуда буд, ки ҳангоми хидмат бо ду захми тир дар минтақаи паҳлӯи сар ва лату кӯб дар бадан ҷасадаш пайдо шуд. Вай аз рӯи моддаҳои 2, 3 ва 6 шикоят кардааст. Суд ҷанбаи моҳиятии моддаи 2-ро арзёбӣ намуда, аз рӯи моҳияти ҳолатҳои ин парванда аз ҳолатҳое, ки шахси ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда гирифтори бемории рӯҳӣ мебошад, *(Малик Бабаев нисбати Озарбойҷон) ё ин* ки дар он шахси даъватшаванда дар натиҷаи як қатор ҳодисаҳое, ки дар тӯли муддати муайяни вақт ба амал омад, мақомот барои муайян кардани хатари воқеӣ ва фаврии худкушӣ ба таври кофӣ интизор дошт, худкушӣ шавад *(Абдулло Йилмаз нисбати Туркия)* фарқиятҳо муайян намуд. Дар шароите, ки байни амалҳои эҳтимолии зӯроварӣ нисбат ба даъватшавандагон ва худкушии онҳо муддати кӯтоҳ мегузарад, аз фармондеҳони ин гуна даъватшавандагон ба таври оқилона интизор шудан мумкин нест, ки хатари воқеӣ ва фаврӣ - худкуширо пешбинӣ кунанд. Дар ин гуна мавридҳо рафтори ғайричашмдошти инсонро сарфи назар кардан мумкин нест ва ӯҳдадории мусбати давлатро тавре шарҳ додан лозим аст, ки ба зиммаи мақомоти давлатӣ масъулияти ғайричашмдошт ва номутаносиб гузошта нашавад. Оид ба парвандаи мазкур, азбаски мақомот ягон далел надошт, то барои муайян кардани хатари воқеӣ ва бевоситаи худкушии писари даъвогар заминаи оқилона фароҳам оварад, Суд аз рӯи моҳият вайронкунии моддаи 2-ро наёфтааст. Аз ҷиҳати мурофиавӣ суд аз фаврият, мустақилияти тафтишот ва сатҳи назорати ҷамъиятӣ қаноатманд буд. Бо вуҷуди ин, бо сабаби мавҷуд набудани дигар хатҳои тафтишот, ба ҷуз худкушӣ; ё ошкор накардани хидматчиёни ҳарбӣ, ки дар лату кӯби шахси ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда иштирок доштанд, инчунин дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода накардани тартиби муқарраршуда, суд вайронкунии ӯҳдадории мурофиавии дар моддаи 2 пешбинишударо муайян намуда, бинобар ин зарурати омӯхтани ҷиҳатҳои мурофиавии моддаи 3 ё моддаи 13-ро муқаррар накардааст.

89 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Залян ва дигарон нисбати Арманистон (36894/04 and 3521/07), 17/06/2016. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-161408.

90 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Стяжкова нисбати Россия (14791/04), 14/01/2020. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-200311.

Илова бар ин Суд қайд кард, ки татбиқи авф нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои муносибати бераҳмона ва ё ба ҳаёт таҳдидкунанда содир кардаанд, набояд қобили қабул бошад.Аз ин рӯ, ҳатто агар қонуни авф ҳангоми тафтишот эътибор пайдо мекард, тафтиши ҷиноиро нисбати гумонбаршудагон барои вайрон кардани ҳуқуқи дахлдор рад намекард. Оид ба ҷанбаи моҳиятии моддаи 3, Суд дар асоси маълумоте, ки аз мақомоти давлатӣ дастрас аст, далели вайронкуниро муайян кард. Суд ба хулосае омадааст, ки муҷозоти ин нафаре, дар хидмати ҳарбӣ даъват шуда буд, боиси дарди шадиди ҷисмонӣ ва таҳқири ӯ шуда, аз хадди ақали дараҷаи зӯроварӣ ва дараҷаи душвориҳои ногузири интизоми ҳарбӣ гузаштааст.

## 4.Парвандаҳои дигар

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ябансу ва дигарон нисбат ба Туркия (43903/09), 12/02/2014. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-128041.

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Чэмбер нисбати дигарон (7188/03), 01/12/2008.Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-87354.

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Малик Бабаев нисбати Озарбойҷон, 01/09/2017.Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-173776.

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Плачи нисбати Итолиё(48754/11), 21/04/2014. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/fre?i=001-140028.

# Озодии баён

## 1.Тавсиф ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ

Ҷон Стюарт Милл изҳор дошта, ки "агар ҳама инсонҳо ба ҷуз як фард ҳамфикр мебуданду танҳо як нафар ақидаи мухолиф медошт, башарият барои сокит кардани ин шахси дигарандеш асосе намедошт, ҳамон гуна ки дигарандеш низ, ҳатто, агар қудрате барои хомӯш кардани ҳамагонро доро бошад, асосе барои ба сукут даъват кардани дигаронро надорад". Дар айни замон, суханашро давом дода, қайд мекунад: "танҳо ҳадафе, ки метавон ба дурустӣ бар ҳар узви ҷомеаи мутамаддин бар хилофи майлаш аъмоли қудрат кард, ҷилавгирӣ аз осеб ба дигарон аст".[91] "Озодии сухан ва озодии баён сарчашмаи қувваи ҳаётбахши демократия буда, мусоидат ба мубоҳисаҳои ошкоро, баррасии дурусти манфиатҳо ва нуқтаи назари гуногун ва гуфтушунид ва созиш барои қабули қарорҳои мувофиқи сиёсӣ зарур аст”.[92]

Озодии баён дар санадҳои ҳуқуқи башари байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла, ЭУҲБ, ПБҲШС, КАҲИ, Хартияи Африқо оид ба ҳуқуқи инсон ва халқҳо (Хартияи Банҷул), Эъломияи Принсипҳо оид ба озодии баён, Оинномаи ҳуқуқҳои асосии Иттиҳоди Аврупо ва Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон зикр шудааст.[93] Дар моддаи 19-и ЭУҲБ гуфта мешавад: “Ҳар кас ҳуқуқ ба озодии ақида ва баён дорад; ин ҳуқуқ озодии риояи озодона ба эътиқоди худ ва озодии ҷустуҷӯ, гирифтан ва паҳн кардани иттилоот ва ғояҳоро бо ҳар восита ва сарфи назар аз сарҳади давлатӣ дар бар мегирад”. Кумитаи Ҳуқуқи Башари Созмони Милали Муттаҳид эълом мекунад, ки озодии афкор ва озодии баён шарти мукаммали рушди ҳамаҷонибаи шахсият аст; барои ҳар як ҷамъият зарур буда ва асоси ҳар як ҷамъияти озоду демократиро ташкил медиҳад. Ин ду озодӣ ба ҳам зич алоқаманданд ва озодии баён заминаи табодули афкор ва рушди афкор аст.[94] Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА) низ таъкид мекунад, ки ҳар як инсон ҳуқуқи озодии баён, аз ҷумла ҳуқуқи муоширатро дорад. Ин ҳуқуқ озодии эътиқод ва озодии гирифтан ва паҳн кардани иттилоот ва ғояҳоро бидуни дахолати мақомоти давлатӣ ва новобаста аз сарҳадоти давлатиро дар бар мегирад. Татбиқи ин ҳуқуқ метавонад танҳо бо маҳдудиятҳое

91 Ҷон Стюарт Милл. 1863. Дар бораи озодӣ. Бостон: Тикнор ва Филдс, саҳ.35.
92 Freedom House. Озодии баён. Тариқи линки зер дастрас аст: https://freedomhouse.org/issues/freedom-ex- pression
93 Ба рӯйхати ҳуҷҷатҳо инҷо нигаред: https://www.ohchr.org/EN/Issues/FreedomOpinion/Pages/Standards.aspx.
94 Иҷлосияи 102-уми Кумитаи ҳуқуқи инсон, Женева, 11-29 июли 2011. Шарҳи умумӣ № 34. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www2.ohchr.org/english/bodies/hrc/docs/gc34.pdf

сурат гирад, ки қонун пешбинӣ кардааст ва ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад.[95]Дар моддаи 10 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон гуфта шудааст: “ҳар кас ҳақ дорад, ки фикри худро озодона баён кунад. Ин ҳуқуқ озодии эътиқод ва озодии гирифтан ва паҳн кардани иттилоот ва ғояҳоро бе ягон дахолати мақомоти давлатӣ ва сарфи назар аз сарҳади давлатиро дар бар мегирад. Ин модда ба давлатҳо аз додани иҷозатнома ба корхонаҳои пахш, телевизион ва кинематография монеа намекунад”. Дар мақола минбаъд вазифаҳо, масъулиятҳо ва маҳдудиятҳои эҳтимолӣ шарҳ дода шудааст: "татбиқи ин озодиҳо, ки ӯҳдадориҳо ва масъулиятҳоро ба миён меоранд, метавонад бо расмиятҳои муайян, шартҳо, маҳдудиятҳо ё муҷозотҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст ва дар ҷомеаи демократӣ заруранд, ба манфиати амнияти миллӣ, тамомияти арзӣ ё тартиботи ҷамъиятӣ, бо мақсади пешгирии бетартибӣ ё ҷиноят, ҳифзи саломатӣ ва ахлоқӣ, ҳифзи обрӯ ва ҳуқуқи дигарон, пешгирии ифшои маълумоти ба таври махфӣ гирифташуда ё таъмини салоҳият ва беғаразии ҳокимияти судӣ алоқаманд бошанд".[96] Суд баъдан дар қарорҳои худ чунин тавзеҳ медиҳад: "Моддаи 10 на танҳо моҳияти ғояҳо ва ахбор, балки шакли баёни онҳоро ҳам ҳифз мекунад".[97]

Дар таҷрибаи худ, Суд тасдиқ кардааст, ки моддаи 10 ба Интернет комилан татбиқ мешавад.[98] Моддаи 10 на танҳо ҳуқуқи додани ахбор, балки ҳуқуқи аҳли ҷамъиятро ба гирифтани ахбор низ кафолат медиҳад. Азбаски Интернет яке аз василаҳои аввалиндараҷаест, ки тавассути он ҷомеа метавонад иттилоотро дастрас ва паҳн кунад ва бо ин васила василаҳои муҳимро барои иштирок дар фаъолиятҳо ва мубоҳисаҳо оид ба масъалаҳои сиёсат ва масъалаҳои мавриди таваҷҷӯҳи умумӣ таъмин менамояд, он таҳти ҳимояи моддаи пешбинишудаи 10 қарор дорад.[99] Тавре Суд қайд карда, "дар заминаи дастрасии Интернет ва қобилияти он барои нигоҳдорӣ ва интиқоли миқдори зиёди иттилоот, он дар тавсеаи дастрасии ҷомеа ба ахбор ва мусоидат ба паҳнкунии иттилоот дар маҷмӯъ нақши муҳим дорад" ва идома медиҳад: "фаъолияти аз ҷониби корбарон тавлидшуда дар Интернет як

95 Ҳуҷҷати ИАҲА Копенгаген 1990. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.osce.org/odihr/elec- tions/14304?download=true.

96 КҲҲОАИ, моддаи 10.

97 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи News Verlags GmbH & Co.KG нисбати Австрия (31457/96), 11/04/2000. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58587, банди 39.

98 Шӯрои Аврупо: Кумитаи роҳбарикунанда оид ба ВАО ва ҷомеаи иттилоотӣ. 2014. 1197 Воҳӯрӣ – 5 ВАО “Тавсияномаи CM/Rec(2014)6-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба дастур оид ба ҳуқуқи инсон барои истифодабарандагони Интернет – Меморандуми тавзеҳӣ”. Тариқи линки зер дастрас аст: https://rm.coe.int/CoER-MPublicCommonSearchServices/DisplayDCTMContent?documentId=09000016804d5b31; Ба инҷо нигаред: Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2020. Варақаи маълумот - Технологияҳои нав. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/FS_New_technologies_ENG.pdf.

99 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Times Newspapers Ltd (№№ 1 ва 2) нисбати Британиёи Кабир (3002/03 ва 23676/03), 10/06/2009.Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-91706, банди 27; and Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ченгиз ва дигарон нисбати Туркия (48226/10 ва 14027/11), 01/03/2016. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-159188, банди 49.

платформаи бесобиқа барои татбиқи озодии баён эҷод мекунад".[100] Интернет ба як василаи ҳатмӣ барои муошират дар байни низомиён табдил ёфтааст, аз ҷумла барои даъватшавандагон, ки бояд ҳуқуқи истифодаи онро дошта бошанд, ба шарте ки он бо масъалаҳои амнияти миллӣ ва ҳуқуқӣ ва маҳаллӣ мухолифат накунад. Даъватшавандагон ҳуқуқ доранд ақидаи худро дошта бошанд ва дар ҳолатҳои муайян бидуни дахолати мақомоти давлатӣ ва сарфи назар аз сарҳади давлатӣ маълумот ва ғояҳоро дастрас ва паҳн кунанд. Онҳо инчунин бояд ба иттилоот, ҳатто дар баъзе мавридҳо, ба маълумоти роҳбарияти ҳарбӣ дастрасӣ дошта бошанд.[101] Эҳтиром ва татбиқи пурраи ин стандарт барои қувваҳои мусаллаҳ муҳим аст. Грaзиелла Павоне аз Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА (ДСИДҲИ) қайд карда, ки "азбаски озодии баён бо худбаёнӣ, муошират ва ҳамкорӣ зич аст, артиш метавонад аз пешбурди рушди он баҳра барад, зеро он метавонад ба болидарӯҳӣ ва шаффофият дар дохили ташкилоти ҳарбӣ оварда расонад".[102]

## 2. Маҳдудиятҳои озодии баён ё ба иҷрои он халал расонидан

Ҳуқуқ ба озодии баён мутлақ нест ва метавонад дар шароити муайян маҳдуд карда шавад. Мутобиқи моддаи 19 (3) ПБҲШС ҳама гуна маҳдудият бояд тибқи қонун пешбинӣ карда шавад; барои эҳтироми ҳуқуқ ё эътибори дигарон истифода шавад; ба муҳофизати бехатарии давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқи аҳолӣ саҳм гузорад; ва барои ноил шудан ба ҳадафи қонунӣ зарур ва мутаносиб бошад. Тавре ки дар боло зикр гардид, дар моддаи 10 (2) Конвенсия гуфта мешавад, ки амалигардонии ин озодиҳо, ки ӯҳдадориҳо ва масъулиятро ба миён мегузоранд, метавонанд ба маҳдудиятҳои муайяне (ва ғайра), ки "бо қонун муқаррар карда шудаанд" ва "дар ҷомеаи демократӣ заруранд" ба манфиати як ё якчанд шахс аз ҳадафҳои пешбинишуда ҳамбаста бошад. Ғайр аз ин, дар шароити даъвати ҳарбӣ муқаррар карда шуд, ки мақсади "пешгирии бетартибӣ ё ҷинояткорӣ" пешгирӣ кардани бетартибӣ "дар доираи гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ"-ро дарбар мегирад ва аз ин рӯ, риояи интизоми ҳарбиро фаро мегирад ("Энгел нисбати Нидерландия"). Оид ба маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои дар моддаи 10 пешбинишуда дар бораи қонунӣ будани маҳдудият ё мамнӯъият ва/ё ҷаримаҳое, ки бо вайрон кардани онҳо алоқаманданд, саволҳо ба миён омада метавонад. Барангехтани зӯроварӣ ба доираи ҳимояи

100 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Чингиз ва дигарон нисбати Туркия (48226/10 and 14027/11), 01/03/2016. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-159188, банди 52.

101 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Тарсасаг а Саабадсагжогокерт нисбати Маҷористон (37374/05), 14/07/2009. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-92171, банди 35; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ташаббуси Ҷавонон барои Ҳуқуқи Башар нисбати Сербистон (48135/06), 25/09/2013. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-120955, банди 20.

102 102 САҲА. Озодии баён ва баён дар қувваҳои мусаллаҳ мавриди таваҷҷӯҳи ДСИДҲИ ва ТААҲИК дар Варшава, 17 сентябри соли 2018. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.osce.org/odihr/395732.

пешбининамудаи моддаи 10 дохил намешавад, вақте ки истифодаи барқасдона аз тасвияи мустақим барои таҳрики зӯроварӣ вуҷуд дорад ва эҳтимоли воқеии рух додани зӯроварӣ дар оянда мавҷуд аст. Суханони нафрат нисбати ақаллиятҳо тибқи моддаи 10 ҳифз карда нашудааст.[103] Моддаи 10-ро инчунин дар якҷоягӣ бо муқаррароти моддаи 17 дида баромадан мумкин аст, ки дар он суиистифода аз ҳуқуқҳоро манъ мекунад ва пешбинӣ мекунад, ки ҳеҷ чиз дар Конвенсия набояд маънои онро дошта бошад, ки ягон гурӯҳ ё шахс ҳуқуқи машғул шудан ба ҳама гуна фаъолият ё иҷрои ҳама гуна амалро дорад, - ё амалҳое, ки ба барҳам додани ҳама гуна ҳуқуқу озодиҳои муқарраршуда ё ба андозаи бештар маҳдуд кардани онҳо нисбатан ба Конвенсия пешбинӣ шудаанд. Аз ин рӯ моддаи 10 вақте сухан дар бораи таҳқири беасос ё хушунати қавмӣ меравад, татбиқ намегардад.[104] Ин ба контексти ҳарбӣ, мисли ҳама чизҳои дигар дахл дорад. Масалан, дар парвандаи "*Руяк нисбати Хорватия*"[105] шикояти хидматчии ҳарбӣ дар бораи чораҳои интизомӣ бинобар ибораҳое, ки ӯ дар баҳс бо дигар хидматчиёни ҳарбӣ истифода кардааст, ба доираи ҳамин модда дохил намешавад.[106] Суд муайян кардааст, ки “баъзе аз навъҳои сухан, аз қабили лафзи фаҳш ва ғайрисонсурӣ, дар баёни андеша нақши муҳиме намебозанд”, вақте ҳадафи ягонаи суханронии таҳқиромез бевосита таҳқир аст.[107]

Дар ҳолатҳое ки ҳифзи моддаи 10 татбиқ карда мешавад, худи қоида номгӯи мақсадҳои иҷозатро муайян мекунад, то давлат барои ноил шудан ба онҳо метавонад ба амалӣ намудани озодии баён монеа эҷод кунад ва маҳдуд созад. Суд қонунӣ будани чораҳои маҳдудкунии ҳуқуқҳои дар моддаи 10 пешбинишударо дар чаҳорчӯбаи контексти ҳарбӣ борҳо тафтиш кардааст. Як намуди муҳими маҳдудият ба қобилияти кормандони ҳарбӣ барои дастрасӣ ба маълумоти ҷамъиятӣ дахл дорад. Суд бо вуҷуди изҳори ҳамраъйии ғайриқонунӣ бо давлатҳо дар робита ба нигарониҳои онҳо дар бораи зарурати маҳдуд кардани дастрасӣ ба иттилоот дар дохили қувваҳои мусаллаҳ эътироф кард, ки фаъолияти дурусти артиш чунин қоидаҳоро талаб мекунад, то аз халалдор шудани интизоми ҳарбиро пешгирӣ кунанд ва дар баъзе ҳолатҳо ин метавонад ба таври қонунӣ маҳдудияти дастрасӣ ба баъзе иттилоотро дар назар дошта бошад (масалан, маълумоти махфии марбут ба амнияти миллӣ).[108] Ин тахмини васеътареро инъикос мекунад, азбаски қувваҳои

103 Доминика Бичавска-Синярска. 2017. Ҳимояи ҳуқуқ ба озодии баён дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Дастур барои ҳуқуқшиносон. Шӯрои Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://rm.coe.int/handbook-freedom-of-expression-eng/1680732814.

104 Карен Рид. 2015. Дастури таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 368.

105 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Қарори аввал дар Владимир Руяк нисбати Хорватия (57942/10), 02/10/2012, Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-114145.

106 Карен Рид. 2015. Дастури таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 368.

107 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Қарори аввал дар Владимир Руяк нисбати Хорватия (57942/10), 02/10/2012, Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-114145, банди 29.

108 Карен Рид. 2015. Дастури таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ 366-67.

мусаллаҳ то андозае давлатро намояндагӣ мекунанд, озодии баёни шахсоне, ки он ҷо хидмат мекунанд, бинобар хусусияти хидмати ҳарбӣ метавонад маҳдуд бошад. Агар ҳуқуқи гирифтан ва додани иттилоот ба таври оқилона маҳдуд карда шавад аъзои Қувваҳои Мусаллаҳ метавонанд ба амалиёти ҳарбӣ ҷалб карда шаванд ё дар машқҳои саҳроӣ иштирок кунанд. Ин тахмин ҳам ба даъватшавандагон ва ҳам ба хидматчиёни касбии ҳарбӣ дахл дорад, ҳарчанд нисбати онҳо метавонад ба таври гуногун ва нобаробар муносибат карда шавад. Суд дар парвандаи Энгел қайд кард, ки сохтори иерархӣ, ки ба артишҳо хос аст, фарқиятро аз рӯи рутбаҳо дар назар дорад. Унвонҳои гуногун ба ӯҳдадориҳои гуногун мувофиқат мекунад, ки дар навбати худ нобаробариҳои муайянро дар талаботҳои интизомӣ асоснок мекунад. Ҳамин тариқ, Конвенсияи Аврупо ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар робита ба фарқиятҳои оқилона дар муносибат бо категорияҳои гуногуни аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ озодии салоҳияти назаррас медиҳад.[109]

Суд инчунин эътироф кардааст, ки шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда бояд интизоми ҳарбиро риоя кунанд, ӯҳдадории риояи қоидаҳои муайянеро, ки дар кодексҳои рафтор муқаррар шудаанд, анҷом диҳанд ва вазифаҳои гуногуни марбут ба амнияти миллиро иҷро кунанд, дар ҳоле ки таҳти маҳдудиятҳои қонунӣ оид ба ҳуқуқҳо ба монанди озодии баён қарор доранд. Албатта, танҳо зарурати нигоҳ доштани интизоми ҳарбӣ барои асоснок кардани ҳама маҳдудиятҳои озодии баён кофӣ нест. Дар парвандаи "*Йокшас нисбати Литва*", Суд қайд кард, гарчанде Давлатҳои Аҳдкунанда метавонанд ба таври қонунӣ ба озодии баён маҳдудият ҷорӣ кунанд, вақте "таҳдиди воқеӣ" ба интизоми ҳарбӣ вуҷуд дорад, онҳо наметавонанд ин гуна маҳдудиятҳоро танҳо барои халалдор кардани баёни ақидаҳо ҷорӣ кунанд, ҳатто агар ин ақидаҳо ба муқобили артиш ҳамчун муассиса нигаронида шуда бошад.[110] Маҳдудиятҳои ба таври қонунӣ ноил шудан ба ин ҳадаф дар зер баррасӣ мешаванд.

Маълумоти махфӣ ва сирри давлатӣ ҷузъи ҷудонашавандаи хидмати ҳарбӣ буда, соҳаҳое мебошанд, ки дар онҳо бо сабабҳои амнияти миллӣ маҳдудиятҳои иловагӣ ба озодии баён ҷорӣ карда мешаванд. Дар парвандаи "*Ҳадҷианастассиу нисбати Юнон*", як сарбоз барои ифшои маълумоти махфӣ маҳкум шуда буд. Сарбоз маълумоти техникӣ дар бораи баъзе силоҳҳоро ифшо кард ва аз ин рӯ, дар расонидани зарари ҷиддӣ ба амнияти миллӣ гунаҳкор дониста шуд. Суд муайян кард, ки ҳарчанд ҳукми суд монеа барои озодии баёни сарбоз буд, аммо ба ҳар ҳол сафед карда шуд.[111]

109 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Энгел ва дигарон нисбати Нидерландия (5100/71; 5101/71; 5102/71; 5354/72; 5370/72). 08/06/1976. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/tur?i=001-57479.

110 Стефан Киршнер ва Ванесса Мария Фрез. 2014. Озодии баёни аъзоёни Қувваҳои Мусаллаҳ тибқи Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар Йокшас нисбати Литва. Маҷаллаи Балтика аз ҳуқуқ ва сиёсат 7:1. саҳ. 12—28.

111 Доминика Бичавска-Синярска. 2017. Ҳимояи ҳуқуқ ба озодии баён дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Дастур барои ҳуқуқшиносон. Шӯрои Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: https:// rm.coe.int/handbook-freedom-of-expression-eng/1680732814.

Маҳдудиятҳо инчунин метавонанд бо зарурати таъмини бетарафии сиёсии қувваҳои мусаллаҳ асоснок карда шавад, ки ҳадафи он ҳам дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам дар ҳуқуқи башар эътироф шудааст. Дар банди 23-и Кодекси рафтори САҲА оид ба ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳарбии амният омадааст, ки ҳар як давлат бо таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандии як сарбози алоҳида бетарафии сиёсии неруҳои мусаллаҳи худро таъмин мекунад.[112] Дар соли 2011 фармондеҳи Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) ва Амрико дар Афғонистон - генерал Ҷон Р. Аллен, генерал-лейтенант Питер Фуллер, муовини фармондеҳи барномаи ҳайати тамринии НАТО дар Афғонистонро аз вазифа барканор кард. Ин тасмим ба дунболи шарҳҳои оммавии номуносиби генерал-лейтенант Фуллер гирифта шуд, ки президент Корзойро пешгӯинашаванда ва калилзабон тавсиф намуда ва интиқодҳои дигар аз сиёсати Афғонистон кард.[113] Масъалаҳои бетарафии сиёсии қувваҳои мусаллаҳ низ дар мисоли Реквени нисбати Маҷористон инъикос ёфтаанд.[114] Ин парванда ба тағироти конститутсионӣ дахл дошт, ки ба кормандони полис ва амният шомил шудан ба ҳизби сиёсӣ ё машғул шудан ба ягон фаъолияти сиёсиро манъ мекунад. Дар робита ба интихоботи қарибулвуқӯъи парлумонӣ, раиси полиси миллӣ аз афсарони полис тақозо кард, ки аз фаъолиятҳои сиёсӣ худдорӣ кунанд ва таъкид кард, ки афроде мехоҳанд ба фаъолияти сиёсӣ машғул шаванд, маҷбуранд полисро тарк кунанд. Даъвогар идаъо дошт, ки манъи иштирок дар “фаъолиятҳои сиёсӣ”, ки дар банди 4 моддаи 40/В Конститутсияи Маҷористон омадааст, монеаи беасос ба ҳуқуқи ӯ ба озодии баён бар хилофи моддаи 10 Конвенсия мебошад. Суд таъкид кард, ки дар парвандаи мазкур ӯҳдадории худдорӣ аз фаъолияти сиёсӣ, ки ба зиммаи баъзе категорияҳои мансабдорони давлатӣ, аз ҷумла полис гузошта шудааст, ба ғайрисиёсӣ кардани хидматрасониҳои дахлдор ва ба ин васила мусоидат намудан ба таҳким ва нигоҳ доштани демократияи гуногунандешӣ дар кишвар равона шудааст. Кормандони полис салоҳияти танзими рафтори шаҳрвандонро доранд ва дар баъзе кишварҳо ба онҳо иҷозат дода мешавад, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ силоҳ дошта бошанд. Ҳамин тариқ, шаҳрвандон ҳақ доранд интизор шаванд, ки ҳангоми муоширaт бо полис, онҳо бо шахсони аз ҷиҳати сиёсӣ бетараф ва ғайрисиёсӣ дучор меоянд, ки метавонанд иҷрои беғаразонаи вазифаҳои худро зери хатар гузоранд. Ба эътиқоди Суд, зарурати таъмини он, ки нақши ҳаётан муҳими полис дар ҷомеа бо поймол кардани бетарафии сиёсии он халалдор нашавад, дар баъзе мавридҳо зарурати маҳдуд кардани озодии баёни кормандони он ба принсипҳои демократӣ мувофиқ аст.[115]

112 САҲА. 1994. Кодекси рафтор оид ба ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳарбии амният. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.osce. org/fsc/41355?download=true.

113 Род Нордланд, 5 ноябри соли 2011. Генерал бар асари изҳороти Корзой аз кор ронда шуд. “The New York Times”.Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.nytimes.com/2011/11/06/world/asia/us-general-fired-over-remarks-about-karzai.html

114 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Реквени нисбати Маҷористон. 20/05/1999. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58262.

115 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Реквени нисбати Маҷористон. 20/05/1999. Тариқи линки зер дастрас аст: http:// hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58262.

Гуфтан мумкин аст, ки чунин принсипҳо нисбати хидматчиёни ҳарбӣ низ татбиқ мешаванд.[116]

Аз сабаби мавҷуд набудани таҷрибаи судӣ оид ба ҳуқуқи шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда дар ин соҳа маълум нест, ки то чӣ андоза метавонад талаботи бетарафии сиёсӣ ва маҳдудиятҳои марбута нисбати он татбиқ карда шавад. Аз як тараф, ба таври оқилона интизор шудан мумкин аст, ки маҳдудиятҳои муайян нисбат ба онҳое низ, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд бояд татбиқ карда шавад. Аммо метавон гуфт, ки вазъи онҳо аз вазъи низомиёни касбӣ фарқ мекунад. Шахсоне, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, ба маҳдуд кардани озодиҳои худ розӣ набуданд ва мақоми онҳо ҳамчун хидматчии ҳарбӣ, аз рӯи таъриф, муваққатӣ аст. Илова бар ин, масъулиятҳои онҳо одатан танҳо бо омодагии касбӣ маҳдуд мешаванд, на амалӣ кардани қудрат.

Бинобар ин вақте ки ҳуқуқҳои шахсии онҳо бо манфиатҳои қонунии давлат муқоиса мешавад, ба онҳо муқаррар намудани ҳамон маҳдудиятҳое, ки нисбат ба дигар хидматчиёни ҳарбӣ дахл дорад, номутаносиб дониста мешавад. Тавассути фарқ гузоштан байни иштироки “фаъол” ва “ғайрифаъол”-и сиёсии  даъватшавандагон тавозун пайдо кардан мумкин аст: ҳамин тариқ, метавон аз даъватшаванда талаби бас кардан ё боздоштани иштироки фаъолонаро дар ҳаёти сиёсӣ  (масалан, иштирок дар маъракаҳои интихоботӣ; иштироки фаъолона дар маҷлисҳо ё дигар чорабиниҳои оммавӣ, ки аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ ташкил карда мешаванд, инчунин эълон кардани изҳороти сиёсӣ, мақолаҳо, баромадҳо ё талабҳои сиёсӣ) қонунӣ арзёбӣ кард, дар айни замон маҳрум кардани онҳо аз имконияти нигоҳ доштани узвият дар ҳизбҳои сиёсӣ ё ба таври пассив мансубият ба онҳо доштанро ғайриқонунӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Умуман, интизоми ҳарбӣ, амнияти миллӣ, пешгирии бесарусомонӣ ва ҷинояткорӣ ва ҳифзи маълумоти махфӣ мушкили асосиест, ки ба давлатҳо шартан имкони монеъ шудан ва маҳдуд кардани озодии баёни даъватшавандагонро қонунан медиҳад. Масалан, дар парвандаи Энгел, Суд бори дигар тасдиқ кард, ки озодии баён, ки дар моддаи 10 кафолат дода шудааст, ҳам ба аъзои қувваҳои мусаллаҳ ва ҳамчунин ба дигар ашхосе, ки тобеияти давлатҳои аҳдкунанда мебошанд, тааллуқ дорад. Аммо фаъолияти дурусти артиш режими ҳуқуқиро талаб мекунад, ки аз тарафи ҳарбиён вайрон кардани интизоми ҳарбиро номумкин мегардонад; ва Суд наметавонад "вазифаҳои мушаххас" ва "масъулиятҳо"-и ба низомиён гузошташударо сарфи назар кунад.[117] Дар натиҷа, дар мавриди ҷазо додани даъвогарон (бо ҷой додани онҳо ба қисми интизомӣ) барои нашр ва паҳн кардани

116 DCAF, OSCE/ODIHR. 2008. Дастур оид ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ. Аз ҷониби Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА нашр шудааст. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.dcaf.ch/sites/default/files/publications/documents/HandbookHumanRightsArmedForc- es-080409.pdf.

117 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Энгел ва дигарон нисбати Голландия (5100/71; 5101/71; 5102/71; 5354/72; 5370/72). 08/06/1976. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/tur?i=001-57479.

ҳуҷҷат, ки ҳадаф ва натиҷа будааст, вайронкунии моддаи 10 мушоҳида нашудааст. Парвандаи "Ле Курс Гранмейсон ва Фритс (нисбати Фаронса)" ҳамин гуна масъаларо ба миён гузошт. Даъвогароне, ки дар ҳайати полки Фаронса дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон хидмат мекарданд, барои дар байни хидматчиёни ҳарбӣ бо роҳи паҳн кардани варақаҳое, ки ҳузури низомии Фаронсаро дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон танқид мекард ва муроҷиатномаҳо дар бораи аз Олмон баровардани қушунҳои Фаронса пахш мекарданд ба итоатнопазирӣ ва иғво андохтан айбдор дониста шуданд ва ба муҳлати як сол аз озодӣ маҳрум карда шуданд. Даъвогарон дар бораи вайрон кардани моддаҳои 9 ва 10 аз сабаби он, ки дар рафти татбиқи Кодекси адлияи ҳарбӣ ва Фармон дар бораи қоидаҳои умумиинтизомӣ дар артиш ҳуқуқи озодии фикр, виҷдон ва баёни онҳо поймол карда мешавад, шикоят карданд. Суд розӣ нашуд, чун муайян кард, ки ҳукми даъвогарон бар асоси баррасиҳои ҳифзи амнияти миллӣ ва ҷилавгирӣ аз бесарусомонӣ дар артиш будааст. [118] Ин парвандаҳоро бо парвандаи ***Ассотсиатсияи сарбозони демократии Австрия ва Губи нисбати Австрия*** муқоиса кардан мумкин аст,[119] ки дар он ҷо суд муайян кард, ки давлат аз дохил кардани маҷаллаи алоҳида ба рӯйхати нашрияҳои даврие, ки артиши Австрия паҳн мекунад, мақсади қонунии нигоҳ доштани тартиботи қувваҳои мусаллаҳро ба амал овард, вале ба ин мақсад номутаносиб буд, зеро нашрия, ҳарчанд "танқидӣ ва ҳаҷвӣ" буд, беитоатӣ ё зӯровариро тавсия намедод, балки танҳо сабабҳои мушаххаси норозигӣ ва пешниҳодҳоро барои муҳокима ва ислоҳот изҳор мекард. Эътироф шуд, ки масъала дар доираи он чизе, ки "бояд ба артиши давлати демократӣ, аз ҷумла ба ҷомеаи дорои чунин артише, ки дар он хидмат мекунад иҷозат ҳаст" қарор дошт. Ҳамсони парвандаи ***Григориадес нисбати Юнон***[120] - афсари эҳтиётии ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда ба қумондонаш фикрҳояшро "дар бораи қувваҳои мусаллаҳи Юнон баъзе эродҳои дурушт ва бетамкинона" мактуб кардааст, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва маҳкум кардани ӯ сабаби кофӣ набуд, то он вайронсозии моддаи 10 номида шавад.

Қайд кардан муҳим аст, ки маҳдудиятҳои татбиқшаванда ба ҳуқуқи озодии баён бояд ба меъёрҳои муайян, аз ҷумла мутаносибӣ, зарурат дар ҷомеаи демократӣ ва татбиқи бидуни табъиз ҷавобгӯ бошад ва бояд дар қонунгузории миллӣ ба таври возеҳ тавсиф карда шавад. Тадбирҳо оид ба маҳдуд кардани озодии баён низ бояд ҳимояи мувофиқро аз худсарӣ таъмин кунад ва қобили пешгӯӣ бошад.[121]

118 Анна-Лена Свенссон-Маккарти. 1998. Қонуни байналмиллалии ҳуқуқи инсон ва давлатҳои истисноӣ бо истинод ба чорабиниҳои пешакӣ ва консепсияи собиқаи судии мақомоти байналмилалии назорат. Брилл. саҳ. 179.

119 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Мисоли Иттифоқи сарбозони демократии Австрия ва Губи нисбати Австрия (15153/89), 19/12/1994, Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57908.

120 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Григориадес нисбати Юнон (121/1996/740/939). 25/11/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/app/conversion/pdf/?library=ECHR&id=001-58116&file- name=001-58116.pdf.

121 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec(2010)4-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои узв оид ба ҳуқуқи инсони аъзои қувваҳои мусаллаҳ ва ёддошти тавзеҳӣ

122 Тариқи линки зер дастрас аст:https://policehumanrightsresources.org/content/uploads/2016/06/CoE- Guidelines on-Human-Rights-of-members-of-the-armed-forces.pdf?x96812.

Дар маҷмӯъ Суд чун қоида, ба давлатҳо имкон медиҳад, то дар мавридҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи хидматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла онҳое, ки хидмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо мекунанд, доираи васеи салоҳият истифода баранд.[122] Ин аз ҷумла ба номуайян будани мафҳуми "амнияти миллӣ" ва тафсирҳои гуногуни он вобаста аст. Аммо, агар давлат маҳдудияти заминаи дурусти ҳуқуқӣ доштаашро исбот карда натавонад, наметавонад интизор шавад, ки Суд чунин маҳдудиятро қабул кунад. Қайд карда шуда, ки озодии салоҳият ношаффоф боқӣ мемонад ва қарорҳои Суд метавонанд гуногун бошанд; чунон ки Суд Лоҳмус дар фикри махсуси худ қайд намуда аст: "Суд мувофиқи моддаи 10 дар татбиқи доктринаи худ дар мавриди озодии салоҳияти давлатҳо фарқ мегузорад. Агар дар баъзе мавридҳо озодии салоҳият васеъ бошад, дар дигар мавридҳо маҳдудтар аст. Аммо дақиқ кардан душвор аст, ки кадом принсипҳо ҳудуди озодии салоҳиятро муайян мекунад".[123]

Санҷиши мутаносибӣ, ки аз ҷониби системаи Конвенсия истифода мешавад, ба инобат гирифтани хусусият ва дараҷаи онро, ки маҳдудият ё монеа барои амалисозии ҳуқуқҳо бо мақсади ба даст овардани ҳадафи қонунӣ асоснок карда мешавад, талаб мекунад. Масалан, қонунҳое, ки паҳнкунии ҳама маълумоти марбут ба амнияти миллиро комилан ва бечунучаро манъ мекунанд, дар ҳоле ки имкони назорати ҷамъиятии хадамоти иктишофиро истисно мекунанд, вайронкунии моддаи 10-ро дар бар мегиранд, ҳарчанд ҳадафи қонунӣ доранд, онҳо "дар ҷамъияти демократӣ" зарур нестанд.[124] Мисолҳои бештар дар зер нишон дода шудааст. Бинобар ин равшан аст, ки сарфи назар аз доираи васеи озодии салоҳият, мушоҳидаи такрории Суд, ки "дар назди дарвозаҳои казармаҳои артиш амали моддаи 10 тамом намешавад" (масалан, ба *Григориадес нисбати Юнон* нигаред) қувваи муайянеро нигоҳ медорад. Роҳнамои дигарро дар Принсипи 12 Принсипҳои Йоҳаннесбург пайдо кардан мумкин аст, ки дар он гуфта мешавад: "давлат наметавонад дастрасӣ ба ҳама иттилооти марбут ба амнияти миллиро қатъиян рад кунад, балки бояд дар қонун танҳо ҳамон категорияҳои мушаххас ва маҳдуди маълумотеро, ки ифшои онҳо бояд бо мақсади ҳифзи манфиатҳои қонунии амнияти милли рад карда шавад, муайян намояд".[125] Ҳангоми таъмини дастрасӣ ба иттилооти дахлдор ва иҷозат додан ба паҳнкунии он бояд мавқеи пешфарзии давлатҳо дар ҳолатҳои муайян бошад, метавонад ба таври қонунӣ маҳдудиятҳо ҷорӣ карда шаванд. Масалан, ҳуҷҷатҳоро метавон дар асоси объективӣ ва ҳуқуқӣ буданашон тасниф кард. Илова бар ин, масъалаҳои ҳифзи амнияти миллӣ, мудофиа ё муносибатҳои байналмилалӣ низ метавонанд барои маҳдуд кардани дастрасӣ заминаи ҳуқуқӣ дошта бошанд.[126]

123 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Уингров нисбати Британиёи Кабир (17419/90), 25/11/1996. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/webservices/content/pdf/001-58080.

124 Доминика Бичавска-Синярска. 2017. Ҳимояи ҳуқуқ ба озодии баён дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Дастур барои ҳуқуқшиносон. Шӯрои Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://rm.coe.int/handbook-freedom-of-expression-eng/1680732814, саҳ.51.

125 Тариқи линки болой дастрас аст., саҳ. 53.

126 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec(2010)4-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои узв оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва меморандуми тавзеҳӣ, саҳ. 53.

Бо вуҷуди ин, давлатҳо бояд чунин истисноҳоро дар қонунгузории миллӣ ба таври возеҳ баён кунанд, то доираи манфиатҳои ҳифзшавандаро муайян сохта, кафолат диҳанд, ки онҳо ба талаботи амнияти миллӣ мувофиқанд.

Муайян кардан ва фарқ гузоштан байни изҳороти даъватшавандагоне, ки ҳамчун шахси мансабдори давлатӣ ва ҳамчун шахси воқеӣ ироа шудаанд, муҳим аст. Барои давлат ин тафовут муҳим аст, зеро изҳороте, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои расмии давлатӣ дода мешавад, бо он алоқаманд аст.[127] Ҳарчанд ҳуқуқи онҳое, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, бояд кафолат дода шавад, аз рӯи хусусияти хидмати онҳо фарқ кардан ва аз ин рӯ, ҳифзи озодии баёни онҳо ҳангоми амал кардан ба сифати шахси воқеӣ мушкил боқӣ мемонад.

## 3. Парвандаҳои вобаста ба масъалаи баррасишаванда

***Йокшас нисбати Литва:***[128] дар соли 2002 даъвогар дар қувваҳои мусаллаҳи Литва тибқи шартномаи панҷсола хидмат кардааст, ки дар ҳолатҳои муайян метавонад то ба анҷом расидани мӯҳлати эътибори он қатъ карда шавад. Дар соли 2006 рӯзномаи Литва мақолае нашр кард, ки дар он даъвогар қонунгузории навро барои ҳифзи нокифояи ҳуқуқи хидматчиёни ҳарбӣ дар мурофиаҳои интизомӣ интиқод кардааст. Тафтишоти дохилӣ шурӯъ шуд, вале дар ниҳоят бо далели он ки даъвогар интизоми ҳарбиро вайрон накардааст, қатъ гашт. Соли 2006 даъвогар ба синни нафақа расид ва шартномаи ӯ тибқи муқаррароти қонунии ҷорӣ қатъ карда шуд. Даъвогар нисбат ба ин ҳалнома дар судҳои маъмурӣ эътироз карда, далел овардааст, ки нисбати ӯ бар асоси ақидаи шахсиаш таҳти табъиз қарор гирифтааст ва аз Суд хоҳиш кардааст, ки нишондодҳои дигар хидматчиёни ҳарбии баталионаш, ки ба ақидаи ӯ, бояд онҳо низ аз рӯи синну сол аз кор озод карда мешудаанд, дастрас ва таҳлил карда шаванд. Шикояти даъвогар бо қароре рад карда шуд ва дар ниҳоят аз ҷониби Суди Олии маъмурӣ бетағйир монд. Суд бори дигар тасдиқ кард, ки аслан, "дар назди дарвозаҳои казармаҳои артиш амали моддаи 10 тамом намешавад" ва ҳарчанд давлатҳо метавонанд озодии баёнро "дар ҷое, ки ба интизоми ҳарбӣ хатари воқеӣ вуҷуд дорад" маҳдуд кунанд, ба онҳо иҷоза дода намешавад, "аз ин гуна қоидаҳо истифода баранд, то изҳори ақидаҳоро боздорад, ҳатто агар он фикрҳо зидди

127 Стефан Киршнер ва Ванесса Мария Фрез.2014. Озодии баёни аъзои Қувваҳои Мусаллаҳ тибқи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон дар Йокшас нисбати Литва. Маҷаллаи Балтика оид ба ҳуқуқ ва сиёсат 7:1. стр. 12–28.

128 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Йокшас нисбати Литва (25330/07). 12/11/2013. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/fre?i=001-128039.

артиш ҳамчун як ниҳод нигаронида шуда бошанд". Аммо Суд дар асоси фактҳо қайд намуд, ки тафтиши пештараи дохилии кирдорҳои даъвогар оид ба интишори фикраш дар рӯзнома бо далели он ки ӯ ягон меъёри қонунгузориро вайрон накардааст ва бинобар ин ягон ҷазои интизомӣ дода нашудааст, нисбати ӯ қатъ карда шудааст. Ҳамин тариқ, ба ақидаи Суд, даъвогар наметавонад даъво кунад, ки ӯ қурбонии вайронкунии Конвенсия дар робита ба тафтишоти қаблӣ шудааст ва аз ин рӯ шикояти ӯ дар мавриди қатъи шартнома беэътибор дониста шуд.

***Энгел ва дигарон нисбати Нидерланд***:[129] Манъи интишор ва паҳн кардани санади танқиди афсарони баландпоя аз ҷониби шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда аз назари Суд монеаи оқилона барои озодии баёни онҳо дониста шуд. Дар баробари ин, Суд ҳамчунин тасмим гирифт, ки "сухан дар бораи маҳрум кардани онҳо аз озодии баён нест, балки танҳо дар бораи ҷазо додани онҳо барои сӯиистифода аз ин озодӣ меравад".[130] Суд аз ҷумла қайд кард, ки ин даъвогарон дар интишор ва паҳни мақолаи зикршуда дар замоне саҳм гузоштаанд, ки фазои казармаҳои низомии онҳо аллакай то андозае муташанниҷ буд. Дар ин шароит Суд муайян кард, ки Суди Олии ҳарбӣ метавонад далелҳои асоснок дошта бошад, то шуморад, ки ин даъватшавандагон кӯшиши вайрон кардани интизоми ҳарбиро доранд ва аз ин рӯ, барои пешгирӣ намудани бетартибиҳо ҷазо таъин кардан лозим аст. Дар натиҷа, Суд чунин шумурд, ки ҳуқуқҳои онҳо тибқи моддаи 10 (2) Конвенсия поймол карда нашудаанд.

***Ассотсиатсияи аскарони демократии Австрия ва Губи нисбати Австрия***:[131] идораҳои давлатӣ ба хидматчиёни ҳарбӣ паҳн кардани нашрияи хусусиро, ки маъмурияти ҳарбиро танқид мекунад, манъ кардаанд. Мақомоти давлатии Австрия иддао дошт, ки нашрияи даврии даъвогарон ба системаи дифоъи кишвар ва қобилияти ҷангии артиш таҳдид мекунад. Суд бо далелҳои мақомоти давлатӣ розӣ нашуда, қарор кард, ки бештари маводҳои ин нашрия, аз ҷумла мундариҷаи шикоятҳо, пешниҳодҳо оид ба ислоҳот ва механизмҳое, ки шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда метавонанд шикояти ҳуқуқӣ пешниҳод кунанд, аз доираи он чизе, ки дар шароити мубодилаи озоди афкор иҷозат дода мешавад, берун нарафта, дар артиши давлати демократӣ, инчунин дар ҷамъияте, ки ин артиш хидмат мекунад, иҷозат дода шудааст.[132]

---

129 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Энгел ва дигарон нисбати Нидерланд (5100/71; 5101/71; 5102/71; 5354/72; 5370/72). 08/06/1976. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/tur?i=001-57479.

130 Доминика Бичавска-Синярска. 2017. Ҳимояи ҳуқуқ ба озодии баён дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Дастур барои ҳуқуқшиносон. Шӯрои Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://rm.coe.int/handbook-freedom-of-expression-eng/1680732814, саҳ.19.

131 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Иттифоқи сарбозони демократии Австрия ва Губи нисбати Австрия (15153/89). 19/12/1994, Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57908.

132 Доминика Бичавска-Синярска. 2017. Ҳимояи ҳуқуқ ба озодии баён дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Дастур барои ҳуқуқшиносон. Шӯрои Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://rm.coe.int/handbook-freedom-of-expression-eng/1680732814 , саҳ.58.

***"Обзервер" ва "Гардиан" нисбати Британиёи Кабир:***[133] соли 1986 ду рӯзнома эълон карданд, ки нияти нашри порчаҳоро аз китоби “Контрразведка”, ки онро афсари мустаъфии разведка Питер Райт навиштааст, нашр кунанд. Дар замони эълон ин китоб ҳанӯз нашр нашуда буд. Дар китоби ҷаноби Райт аз фаъолиятҳои гӯё ғайриқонунии Хадамоти иктишофии Британиё ва агентҳои он тавсиф шудааст. Вай иддао кард, ки МИ5 барои ҷамъоварии маълумот дар конфронсҳои дипломатие, ки солҳои 1950 ва 60-ум дар Лондон баргузор шуда буд, инчунин дар музокироти истиқлолияти Зимбабве дар соли 1979 аз дастгоҳҳои назоратии дахолаткунанда, аз ҷумла гӯш кардани суҳбатҳои телефонӣ истифода кардааст. Вай ҳамчунин иддаъо дошт, ки МИ5 аз усулҳои мушобеҳ алайҳи дипломатҳои Фаронса, Олмон, Юнон ва Индонезия ва ҳамчунин дар утоқи меҳмонхонаи оқои Хрушёв ҳангоми сафараш ба Британиё дар солҳои 1950 истифода кардааст; ки афсарони МИ5 консулгариҳои советиро ғорат ва суҳбатҳояшонро рустӣ гӯш мекардаанд; ки ба ҷони президенти Миср Носир дар давраи буҳрони Суэтс суиқасд карда буданд; захираҳои худро барои тафтиши фаъолияти гурӯҳҳои сиёсии чап, ки дар Британиёи Кабир амал мекунанд, равона карданд; ва инчунин дар давраи сарвазириаш аз соли 1974 то 1976 бар зидди Ҳаролд Вилсон дасисаҳо ангехтаанд. Додситони кулли он замон аз судҳо тақозо кард, ки алайҳи рӯзномаҳо ҳукми доимӣ содир кунанд, то аз чопи порчаҳо аз китоб ҷилавгирӣ карда шавад. Моҳи июли соли 1986 судҳо фармони муваққатӣ нисбати рӯзномаҳо вобаста ба чопи ин иқтибосҳо бароварданд, ки то мақсад аз лаҳзаи ҷорӣ шудани ҳукми доимӣ чизе нашр накунанд. Моҳи июли соли 1987 китоб дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нашр шуд ва нусхаҳои он дар Британиёи Кабир дастрас шуданд. Сарфи назар аз ин, фармони муваққтии зидди нашрияҳо то моҳи октябри соли 1988 эътибор дошт ва баъд аз он Палатаи лордҳо ба додани фармони доимие, ки Додситонии кул талаб кардааст, рад кард. Рӯзномаҳои "Обзервер" ва "Гардиан" аз ҳукми муваққатӣ ба Суди адлияи Аврупо шикоят бурданд. Дар навбати худ, ҳукумати Британиё изҳор дошт, ки дар замони содир шудани фармонҳои муваққатӣ маълумоте, ки Питер Райт ба он дастрасӣ дошт, ҳамчун махфӣ тасниф карда мешуд. дар Иёлоти Муттаҳида, ҳукумат дар бораи зарурати итминон додани давлатҳои муттаҳид ба ҳифзи самараноки иттилоот аз ҷониби хадамоти иктишофии Британиёи Кабир барои асоснок кардани парвандаи онҳо барои ҳукмҳои минбаъда изҳор дошт.

Суд тасмим гирифт, ки манъи муваққатӣ ҳадафи қонунии ҳифзи амнияти миллӣ ва ҷилавгирӣ аз хисоротест, ки китоби "Контрразведка" ба неруҳои амниятӣ расонда метавонист. Дар мавриди он, ки оё монеаи натиҷавӣ барои татбиқи ҳуқуқҳои дар моддаи 10 пешбинишуда дар ҷомеаи демократӣ зарур аст, Суд муайян кард, ки он пеш аз нашри китоб асоснок буд, на баъд аз он.

133 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи "Обзервер" и "Гардиан" нисбати Британиёи Кабир (13585/88), 26/11/1991, Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/tur?i=001-57705.

Пас аз интишор дар Иёлоти Муттаҳида, ин маълумот дигар махфӣ карда нашуд ва аз ин рӯ, барои ҳифзи иттилоот аз ҷомеа дигар ба мақсад мувофиқ набуд. Тарғиби таъсирбахшӣ ва эътибори хадамоти амниятӣ сабаби кофӣ барои маҳдуд кардани минбаъдаи интишори ин маълумот набуд.

***Ҳаҷянастассиу нисбати Юнон:***[134] афсар барои ба як ширкати хусусӣ супурдани маълумоти махфии ҳарбӣ бар ивази фоидаи молӣ ба муҳлати панҷ моҳ аз озодӣ маҳрум карда шуд. Иттилоъ ба баъзе аслиҳа ва донишҳои фаннии марбута алоқаманд буд ва ба назари ҳукумат, ифшои ин иттилоъ метавонист ба амнияти миллӣ хисороти зиёде ворид кунад.[135] Бо вуҷуди он ки маълумоти ҳарбӣ аз ҳимояи пешбининамудаи моддаи 10 хориҷ карда нашудааст, Суд ба ҳар ҳол муайян кард, ки маҳкумият барои ҳифзи “амнияти миллӣ” “дар ҷомеаи демократӣ зарур аст”. Вай ба хулосае омад, ки ифшои манфиати давлат ба ин яроқ ва донишҳои техникии марбута метавонад ба амнияти миллӣ зарари ҷиддӣ расонад ва далелҳои мавҷуда тавозуни оқилона ва мутаносибии воситаҳои истифодашаванда ва ҳадафи қонуниро нишон медиҳанд.[136] Бинобар ин, ягон вайронкунии моддаи 10 вуҷуд надошт.

***Зашман нисбати Австрия:***[137] даъвогар барои ба воситаи матбуот даъват намудани хидматчиёни ҳарбӣ ба итоат накардан ва вайрон кардани қонуни ҳарбӣ ба муҳлати се моҳ ва ба муҳлати шартии се сол аз озодӣ маҳрум карда шуд. Комиссия муайян кард, ки маҳкумияти даъвогар бо зарурати нигоҳ доштани тартибот дар артиши федералии Австрия ва ҳифзи амнияти миллӣ асоснок карда шудааст ва ба хулосае омад, ки "ташвиқ ба беэътиноӣ ба қонунҳои ҳарбӣ як даъвати зиддиконститутсионӣ мебошад, ки ба бекор кардани қонунҳои мувофиқи конститутсия қабулшуда нигаронида шудааст" ва ин, ки “ба ин гуна даъвати зиддиконститутсионӣ дар ҷамъияти демократӣ муросо кардан мумкин нест”.[138]

134 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ҳаҷянастассиу нисбати Юнон (12945/87), 16/12/1992. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57779.

135 Доминика Бичавска-Синярска. 2017. Ҳимояи ҳуқуқ ба озодии баён дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Дастур барои ҳуқуқшиносон. Шӯрои Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://rm.coe.int/handbook-freedom-of-expression-eng/1680732814, саҳ. 53

136 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ҳаҷянастассиу нисбати Юнон (12945/87), 16/12/1992. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57779, бандҳои 45-47.

137 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Ренат Зашман нисбати Австрия (23697/94), 27/2/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-3488.

138 Доминика Бичавска-Синярска. 2017. Ҳимояи ҳуқуқ ба озодии баён дар доираи Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Дастур барои ҳуқуқшиносон. Шӯрои Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://rm.coe.int/handbook-freedom-of-expression-eng/1680732814, саҳ.57; ва Суди Аврупо оид ба ҳуқуқҳои инсон. Ренат Зашман нисбати Австрия (23697/94), 27/2/1997 Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr. coe.int/eng?i=001-3488.

139 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Григориадис нисбати Юнон (121/1996/740/939). 25/11/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/app/conversion/pdf/?library=ECHR&id=001-58116&file- name=001-58116.pdf.

***Григориадис нисбати Юнон:***[139] даъвогар - афсари эҳтиётӣ, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудааст. Дар давраи хидмати ҳарбӣ ӯ изҳор дошт, ки аз як қатор қонуншиканиҳо нисбати шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда огоҳ шудааст; ин боиси мунокиша бо роҳбарияти ӯ ва оғози парвандаи ҷиноӣ ва интизомӣ гардид. Айбномаи ҷиноӣ алайҳи ӯ лағв карда шуд, вале ба ӯ ҷазои интизомӣ дода шуд, бинобар ин ӯ маҷбур шуд, ки муҳлати иловагие дар қувваҳои мусаллаҳ хидмат кунад. Баъдтар даъвогар фирор кард. Дере нагузашта, вай ба фармондеҳи қисми худ нома фиристод, ки дар он вогузоштаи Суд ҳамчун "суханҳои сахт ва қабеҳ дар бораи қувваҳои мусаллаҳи Юнон" тавсиф кардааст, фиристод. Ин афсар алайҳи даъвогар парвандаҳои ҷиноии нав оғоз кардааст, чун нома "таҳқир ба неруҳои мусаллаҳ" будааст. Даъвогар гунаҳкор донистa шуда, ба муддати се моҳ аз озодӣ маҳрум карда шуд. Вай дар бораи вайрон кардани моддаҳои 10 ва 11 Конвенсия изҳор дошт. Суд муайян кард, ки монеъ шудан ба ҳуқуққои даъвогар тибқи моддаи 10 бо роҳи таъқиб ва маҳкумият “дар қонун пешбинӣ шудааст” ва ҳадафҳои қонунии ҳифзи амнияти миллӣ ва тартиботи ҷамъиятиро ба инобат мегирад, зеро “интизоми самараноки ҳарбӣ тақозо мекунад, ки барои нигоҳ доштани ҷиноят дар қувваҳои мусаллаҳ чораҳои дахлдор андешида шаванд". Ғайр аз ин, вай чунин мешуморад, ки ин монеа “дар ҷомеаи демократӣ зарур нест”, зеро таъсири объективии навиштаҷот ба интизоми ҳарбӣ “ночиз аст’: аз ҷумла, эродҳои сахте, ки гуфта мешуд, як қисми контексти васеътарро дар бар мегирифт; ин мактуб ба оммаи васеътар паҳн карда нашуд; ва дар он таҳқир нисбати гиранда ё ягон шахси дигар вуҷуд надошт.

***Шен ва дигарон нисбати Туркия:***[140] даъвогарон шаҳрвандони Туркия буданд, ки ба ҳамроҳи оилаҳояшон бо далели қобили қабул набудани билетҳои ҳарбӣ ва шаҳодатномаи суғуртаи иҷтимоиашон, зеро дар аксҳо шаҳрвандон кулоҳҳои мусалмонӣ доштанд, ба биноҳои ҳарбӣ даромадан манъ шудааст. Даъвогарон низ ба далели пойбандӣ ба мафкураи "секта"-и мазҳабӣ ва пуштибонӣ аз идеалҳои "инқилобии исломӣ" барои нофармонӣ ва рафтори бадахлоқона аз вазифа озод карда шуданд. Ин шаҳрвандон бар асоси моддаҳои 9 ва 10 Конвенсияи Аврупо шикоят кардаанд. Суд қайд кард, ки даъвогарон бо интихоби касби ҳарбӣ ихтиёран системаи интизоми ҳарбиро қабул кардаанд, ки аз рӯи табиати худ имкони маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои муайянро дар назар дорад. Ин маҳдудиятҳо метавонанд ӯҳдадории аъзои қувваҳои мусаллаҳро дар бораи худдорӣ аз ширкат дар созмонҳо ва ҳаракатҳои мамнӯъ ё пайвастан ба ин созмонҳо ва ҳаракатҳо, масалан, онҳое, ки ақидаҳои радикалии исломӣ доранд, дар бар мегирад. Фармони барканорсозии онҳо на аз рӯи эътиқод ва ақидаи мазҳабӣ ва ё шеваи зуҳури онҳо, балки рафтору фаъолияти онҳост, ки гӯё интизоми ҳарбӣ ва принсипи дунявиро вайрон кардааст.

140 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Седат Шен ва дигарон нисбати Туркия (45824/99), 08/07/2003. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-23320.

Бинобар ин, Суд чунин мешуморад, ки аз кор озод кардани онҳо барои татбиқи ҳуқуқҳои пешбининамудаи моддаи 9 монеа эҷод намекунад. Суд ҳамин фикрро нисбати шикояти мутобиқи моддаи 10 татбиқ намуд.

# Манъи меҳнати иҷборӣ ё ҳатмӣ

## 1. Тавсиф ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ

Моддаи 4 (1) Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ба меҳнати иҷборӣ ишора мекунад (аз ҷумла гуфта мешавад: “Ҳеҷ кас набояд ба меҳнати иҷборӣ ё ҳатмӣ ҷалб карда шавад”). [141] Манъи меҳнати иҷборӣ дар бисёр дигар санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла як қатор конвенсияҳои асосии меҳнати иҷборӣ (ва Тавсияҳои марбута), ба монанди Конвенсияи СБМ, 1930 (№ 29), Суратмаҷлиси 2014 ба Конвенсияи меҳнати иҷборӣ аз соли 1930, Конвенсияи СБМ оид ба бекор кардани меҳнати иҷборӣ соли 1957, Тавсия СБМ оид ба меҳнати иҷборӣ (маҷбуркунии ғайримустақим), 1930 (№ 35) ва Тавсияи СБМ оид ба меҳнати иҷборӣ (тадбирҳои иловагӣ), 2014 (№ 203) пешбинӣ шудааст. Дигар санадҳои ҳуқуқи башар, ки муқаррарот дар бораи меҳнати маҷбуриро дар бар мегиранд, Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро дар бар мегиранд, ки дар он гуфта мешавад: "Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё бандагӣ нигоҳ дошта шавад”.[142] Илова бар ин, ПБҲШС пешбинӣ мекунад, ки "Ҳеҷ кас наметавонад касеро ба меҳнати иҷборӣ ё ҳатмӣ бо роҳи зӯрӣ ҷалб кунад".

Конвенсияи меҳнати иҷборӣ (КМИ)143 меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмиро ҳамчун "ҳама гуна кор ё хидмати аз ҳар як шахс таҳти таҳдиди ҷазо талаб карда мешуда, ки ин шахс барои иҷрои онҳо ихтиёран хидматҳои худро пешниҳод накардааст" таъриф мекунад.[144] Ба меҳнати маҷбурӣ дучор нашудан ҳуқуқи бунёдии инсон аст: ҳама давлатҳо новобаста аз он ки онҳо КМҲ-ро тасдиқ кардаанд ё на бояд принсипи барҳам додани меҳнати маҷбуриро эҳтиром кунанд. Хидмати ҳарбӣ аз мафҳуми меҳнати маҷбурӣ хориҷ карда шуда, фаъолияте, ки ҳангоми адои хидмати ҳарбӣ анҷом дода мешавад, меҳнати маҷбурӣ ба ҳисоб намеравад. КМҲ қариб ҳамаҷониба тасвиб шудааст (178 Давлати узв онро тасвиб кардааст), ин маънои онро дорад, ки

141 Ҳамчунин нигаред ба ПБҲШС, моддаи 8 (3а).
142 ЭУҲБ, моддаи 4.
143 Конвенсияи оид ба меҳнати иҷборӣ (28 июни соли 1930 кабул шуда, 1 май соли 1932 эътибор пайдо кардаст).
144 КМҲ, моддаи 2.
145 СБМ. см. Кумитаи коршиносон оид ба татбиқи конвенсияҳо ва тавсияҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ilo.org/global/standards/applying-and-promoting-international-labour-standards/committee-of-experts-on-the-application-of-conventions-and-recommendations/lang--en/index.html

қариб ҳамаи кишварҳо аз рӯи қонун ӯҳдадоранд муқаррароти онро риоя кунанд ва мунтазам ба мақомоти назорати СБМ оид ба стандартҳо гузориш диҳанд. Ба ин мақомот Кумитаи коршиносон оид ба татбиқи конвенсияҳо ва тавсияҳо[145] ва Кумитаи байналмилалии конференсияи меҳнат оид ба татбиқи стандартҳо дохил мешаванд[146] Онҳо ҳисоботҳоро дар бораи татбиқи қонун ва амалияи КМҲ аз ҷониби давлатҳои узв фиристодашуда, инчунин мушоҳидаҳои ташкилотҳои гуногуни коргарон ва ташкилотҳои корфармоён баррасӣ мекунанд.

Суратмаҷлиси соли 2014 ба Конвенсияи меҳнати иҷборӣ, соли 1930 ва Илова ба Конвенсияи меҳнати иҷборӣ, соли 1930 (№ 29) санадҳои мавҷудаи байналмилалиро бо пешниҳоди дастури мушаххас оид ба чораҳои муассир оид ба пешгирӣ, ҳифз ва аз байн бурдани ҳама шаклҳои меҳнати маҷбурӣ пурра мекунанд. Мутобиқи моддаи 7 Суратмаҷлис муқаррароти бандҳои 2 ва 3 моддаи 1 ва моддаҳои 3 то 24 Конвенсияи ибтидоиро истисно мекунад.[147] Моддаи 2-и Конвенсияи ибтидоӣ, ки меҳнати маҷбуриро муайян мекунад, эътибор дорад ва оварда шудааст: “хидмати ҳатмии ҳарбии дорои хусусияти сирф ҳарбист, меҳнати маҷбурӣ ҳисобида намешавад”. Дар моддаи 1 Суратмаҷлис гуфта мешавад: “таърифи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ дар Конвенсия бори дигар тасдиқ карда мешавад ва аз ин рӯ, тадбирҳои дар ин Суратмаҷлис пешбинишуда амалҳои мушаххасро оид ба мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон бо мақсади меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ дар бар мегиранд”.[148]

Масъулияти ҳар як кишвари узв дар таъмини манъи меҳнати маҷбурӣ мебошад. Оид ба ҷазо барои риоя накардан, моддаи 25-и КМҲ пешбинӣ мекунад, ки "меҳнати ғайриқонунии маҷбурӣ ё ҳатмӣ ҳамчун амали ҷиноӣ ҷазо дода мешавад ва ҳар як аъзое, ки ин Конвенсияро тасдиқ мекунад, ӯҳдадор аст ҷазоҳои қонунӣ ва қатъиро амалӣ кунад"[149]

146 СБМ. см. Комиссияи конференсия оид ба татбиқи стандартҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ilo.org/global/standards/applying-and-promoting-international-labour-standards/conference-commit-tee-on-the-application-of-standards/lang--en/index.html

147 Суратмаҷлиси соли 2014 ба Конвенсияи меҳнати иҷборӣ, 1930 (11 июни соли 2014 қабул шуда, 9 ноябри соли 2016 эътибор пайдо кардааст). Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ilo.org/dyn/normlex/en/f?p=NORMLEX-PUB:12100:0::NO::P12100_ILO_CODE:P029, Моддаи 7; Ҳамчунин нигаред ба СБМ. Конвенсияи меҳнати иҷборӣ, 1930 (№ 29).Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ilo.org/dyn/normlex/en/f?p=NORMLEXPUB:12100:0::NO::P12100_ILO_CODE:C029 : [19 майи соли 2020 муроҷиат шудааст]: Матни аслии Конвенсияи меҳнати иҷборӣ, соли 1930 (№ 29) ба давраи гузариш ишора мекунад, ки дар давоми он метавон ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ, бо назардошти шартҳои мушаххасе, ки дар бандҳои 2 муқаррар шудааст ва 3 моддаҳои 1 ва моддаҳои 3—24 истифода бурд. Дар тӯли солҳо Ҳайати Роҳбарикунанда, Конфронси Байналмилалии Меҳнат ва мақомоти назоратии СБМ, ба монанди Кумитаи коршиносон оид ба татбиқи конвенсияҳо ва тавсияҳо эътироф карданд, ки ин муқаррарот, ки бештар бо номи “муқаррароти давраи гузариш” маъруфанд, дигар қобили татбиқ нестанд. Соли 2014 Конфронси Байналмилалии Меҳнат Суратмаҷлиси Конвенсияи № 29-ро қабул кард, ки он ба таври возеҳ ҳазфи муқаррароти давраи гузаришро пешбинӣ кардааст.

148 Суратмаҷлиси соли 2014 ба Конвенсияи меҳнати маҷбурӣ, 1930 (11 июни 2014 қабул шуда, эътибор пайдо кард 9-уми ноябри 2016), Моддаи 1(3).

149 КМҲ, моддаи 25.

## 2. Маҳдудиятҳо оид ба манъи меҳнати иҷборӣ

Дар банди 3 (в) моддаи 8 ПБҲШС оварда шудааст: бандҳои зер "мафҳуми "меҳнати иҷборӣ ё ҳатмӣ"-ро дар бар намегирад: ... ii) ҳама гуна хидмати дорои хусусияти ҳарбӣ ва дар кишварҳое, ки саркашӣ аз хидмати ҳарбиро бо сабабҳои сиёсӣ ё динию этникӣ эътироф мекунанд, ҳама гуна хидмате, ки қонун барои шахсони аз рӯи эътиқод даст аз хидмати ҳарбӣ мекашанд, пешбинӣ намудааст" мебошад. Ба ҳамин монанд, моддаи 4 (3) (б) Конвенсия пешбинӣ мекунад, ки меҳнати иҷборӣ "ҳеҷ гуна хидмати дорои хусусияти ҳарбӣ ва дар кишварҳое, ки аз рӯи виҷдон даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ қонунӣ аст, хидмат ба ҷои хидмати ҳатмии ҳарбӣ таъин карда мешавад". Мувофиқи он Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон байни даъвати ҳарбӣ ва он чизе, ки меҳнати маҷбуриро ташкил медиҳад, фарқ мегузорад.[150] Ва ин дар парвандаи Китос нисбати Юнон (дар поён тавсиф карда мешавад) ба таври возеҳ баён карда шудааст; Моддаи 4 (3) (б) бо ҳолатҳои даъвати ҳарбӣ маҳдуд аст. Дар натиҷа, шахсоне, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, наметавонанд ин муқарраротро на дар судҳои дохилии худ ва на дар Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон истифода баранд. Аз ин рӯ онҳо ҳуҷҷати ҳуқуқӣ барои пешниҳоди шикоят дар бораи намуд ва ҳаҷми коре, ки бояд иҷро кунанд, надоранд, ба шарте ки ин ба дигар ҳуқуқҳо зарар нарасонад. Аз ин бармеояд, ки дар доираи моддаи 4 баъзе вайронкунии ҳуқуқи даъватшавандагон, масалан, бе розигӣ ва асоснокии ҳуқуқӣ дароз кардани муҳлати даъват, ё иҷрои вазифаҳои бевосита ба хидмати ҳарбӣ алоқаманд набуда, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории миллии мамлакат фаъолияти ғайриҳарбиро пешбинӣ мекунад, муқаррар карда шудааст, баррасӣ мешавад. Моддаи 2 (а) Конвенсияи меҳнати иҷборӣ истиснои маҳдудтареро нисбат ба таърифи меҳнати маҷбурӣ дар бар мегирад: "ҳар гуна кор ё хидмате, ки қонунҳо дар бораи хидмати ҳатмии ҳарбӣ талаб мекунанд ва барои кори дорои хусусияти сирф ҳарбӣ истифода мешаванд". Аз ин бармеояд, ки агар вазифаҳои мавриди назар характери сирф ҳарбӣ надошта бошанд, онҳо метавонанд дар ҳолатҳои муайян ба доираи моддаи 2 дохил карда шаванд. Дар мавриди он, ки оё хидмати ҳатмии ҳарбӣ бояд пурра аз таърифи меҳнати маҷбурӣ хориҷ карда шавад, баҳсҳо идома доранд. Соли 2019 созмони "Бародарони байналмилалии оштӣ" ба Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон шикоят бурд.[151] Хулоса, дар ин шикоят як қатор саволҳои мушкили марбут ба вазъи имрӯзаи ҳифзи ҳуқуқи инсони ҷавонон вобаста ба даъват ва хидмат ба артиш ба миён омадааст.

150 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ван дер Муссел нисбати Белгия (8919/80). 23/11/1983. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57591, банди 38.

Дар он гуфта мешавад: “хидмати ҳарбӣ аз таърифи меҳнати маҷбурӣ дар Конвенсияи СБМ соли 1930 ба таври возеҳ хориҷ карда шудааст. Аммо дар моҳияти ин гуна хадамот вақте ки он зери фишор сурат мегирад, чизе нест, ки ин фарқиятро мантиқан асоснок кунад. Ин истисно як гузашти оддӣ ба давлатҳо аз сабаби нигарониҳои онҳо ба назар мерасад, ки он замон дар аксари мавридҳо артиши тавассути даъватшавандаҳо сохташуда муҳимтарин маҳаки амнияти миллӣ дониста мешуд.” [152]

Тибқи ёддошти тавзеҳии Шӯрои Аврупо оид ба ҳуқуқи башари аъзои неруҳои мусаллаҳ, кормандони неруҳои мусаллаҳ набояд барои кори маҷбурӣ ё ҳатмӣ истифода шаванд. [153] Илова бар ин, дар он омадааст: “хидмати ҳарбӣ ё хидмате, ки ба ҷои хидмати ҳатмии ҳарбӣ зарур аст, набояд ҳамчун меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ тафсир карда шавад. Шартҳо ва давомнокии хидмат, ки гузариши онҳо ба ҷои хидмати ҳатмии ҳарбӣ зарур аст, набояд нисбат ба хидмати ҳарбӣ ҷазо номутаносиб ё беасос бошад”. Дар он ҳамчунин гуфта мешавад: “мақомоти давлатӣ набояд ба кормандони низомии касбӣ собиқаи кориро муқаррар кунанд, ки ин маҳдудкунии беасоси ҳуқуқи онҳо барои озод шудан аз сафи қувваҳои мусаллаҳ буда, ба меҳнати маҷбурӣ баробар мешавад”.[154] Тафоҳумнома инчунин пешниҳод менамояд, ки муқаррароти муайянкунандаи муҳлати хидмати ҳарбӣ ҳангоми даъват ба хидмати ҳарбӣ ба қонунгузории миллӣ бо мақсади беҳтар риоя намудани қоидаҳои манъи меҳнати маҷбурӣ пешбинӣ карда шавад.

Дар ёддошти Шӯрои Аврупо ҳамчунин қайд шудааст: “он далел, ки шахс ӯҳдадор мешавад ҳангоми ворид шудан ба хидмати ҳарбӣ, хоҳ ихтиёрӣ ва хоҳ бо даъват фармонҳоро иҷро кунад, маънои онро надорад, ки роҳбарияти ҳарбӣ метавонад аз хидмати онҳо барои мақсадҳои шахсӣ истифода барад. Ҳангоми ҳолатҳои фавқулодаи миллӣ ё офатҳои табиӣ, аз қабили обхезӣ, кормандони ҳарбӣ метавонанд барои хидмат дар дастаҳои ёрии таъҷилӣ ё полиси шаҳрвандӣ ҷалб карда шаванд, аммо аслан, аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ, махсусан даъватшавандагон бояд танҳо ҳамон вазифаҳоеро иҷро кунанд, ки расман ба он таъин шудаанд ё бо вазифаҳои ёрирасоне, ки ба рутбаи онҳо мувофиқанд, машғул шаванд”.[155]

151 Муносибати байналхалқии мусолиҳа. СМ. Пешниҳод ба таҳқиқот аз ҷониби Дафтари Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон оид ба ҳуқуқи инсон нисбат ба ҷавонон, ки дар Қарори Шӯрои Ҳуқуқи Башар 35/14 пешбинӣ шудааст. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ohchr.org/_layouts/15/WopiFrame.aspx?-sourcedoc=/Documents/Issues/Youth/IFOR.doc&action=default&DefaultItemOpen=1

152 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., p. 1.

153 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec (2010)4-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва тафоҳумномаи тавзеҳӣ.

154 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., саҳ. 8, бандҳои 14 ва 16.

155 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec (2010) 4 Кумитаи Вазирон ба давлатҳои узв оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва меморандуми тавзеҳӣ, саҳ. 32.

Дар сатҳи миллӣ муқаррароти гуногун ва баъзан норавшан оид ба намудҳои фаъолияте вуҷуд дорад, ки дар ҳолатҳои фавқулодаи миллӣ ё офатҳои табиӣ аз ҷониби ашхос дар хидмати ҳарбӣ иҷро карда мешаванд. Дар баъзе кишварҳо, аз кормандони низомӣ одатан талаб карда мешавад, то ба фаъолиятҳое машғул шаванд, ки табиати ҳарбӣ надоранд. Масалан, онҳо метавонанд ба поксозӣ ва кӯмак ба гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ҷалб карда шаванд.[156] Доираи фаъолият бояд бо қонунгузории миллии ҳар як кишвар муайян карда шавад. Ҳамин тариқ моддаи 37 Қонуни федералии "Дар бораи ӯҳдадории ҳарбӣ ва хидмати ҳарбӣ"-и Федератсияи Россия пешбинӣ менамояд, ки шахси ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда дар ҳолатҳои зерин иҷрокунандаи хидмати ҳарбӣ ҳисобида мешавад: инсон ва шаҳрванд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва амнияти ҷамъиятӣ; иштирок дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садамаҳо ва фалокатҳо; ё содир намудани кирдори дигаре, ки суд ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат содиршаванда эътироф кардааст".[157]

Ин муқаррарот дар назар дорад, ки дар амал аъзои касбии қувваҳои мусаллаҳ ва онҳое, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, маҷбур карда мешаванд талаботеро, ки аз доираи вазифаҳои муқаррарии хидмати ҳарбӣ берунтаранд, иҷро кунанд. Дар сурати мавҷуд набудани ягон муқаррарот ё стандарти байналмилалие, ки возеҳ будани доира ё иҷозат будани чунин вазифаҳоро таъмин мекунад, ин масъалаҳо салоҳияти ҳар як давлате боқӣ мемонад, ки хидмати ҳарбӣ дорад ва аз ин рӯ, ба салоҳияти қонунгузории дохилӣ ворид мешавад.

Хидмати ҳарбӣ бояд вазифаи аввалиндараҷа бошад, ҳатто, агар он барои муддати тӯлонӣ анҷом дода шавад. Аммо дар чунин маврид қоидаи таносуб риоя карда шуда, дар мавриди зарурат ҷубронпулӣ дода шавад. Масалан, дар вақти ҳолатҳои фавқулодаи ҷумҳуриявӣ сарбозон метавонанд аз рӯи қонун вазифадор шаванд, ки муҳлати зиёдтар хидмат кунанд ва ё иҷрои вазифаҳоеро, ки бевосита ба таърифи хидмати ҳарбӣ алоқаманд нестанд.

156 Масалан, дар Ӯзбекистон қувваҳои мусаллаҳ ба санитария ва ҳифзи иншоотҳои карантинӣ дар давраи пандемияи Ковид-19 ҷалб карда мешаванд: Хроленко, А., 2020. "X" рӯз пеш аз фармоиш: Чаро артиши Ӯзбекистон аз коронавирус наметарсад. Sputnik Ӯзбекистон. Тариқи линки зер дастрас аст: https://uz.sputniknews.ru/columnists/20200406/13865628/Iks-dney-do-prikaza-pochemu-armii-Uzbekista-na-ne-strashen-koronavirus.html

157 Консултант. 2020. Моддаи 37. Иҷрои ӯҳдадориҳои хидмати ҳарбӣ. Тариқи линки зер дастрас аст: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_18260/c133ea4f8b0bae92750182a8748f- 87e45c560878/

# 3. Парвандаҳои вобаста ба масъалаи баррасишаванда

Азбаски хидмати ҳатмии ҳарбӣ аз таърифи меҳнати маҷбурӣ тибқи КМҲ хориҷ карда шудааст,[158] аскарон дар айни замон метавонанд дар бораи шароити хидмати худ асосан тавассути муроҷиат ба ҳуқуқҳои дигари дар Конвенсияи Аврупо, ба монанди ҳуқуқҳои дар моддаи 9 пешбинишуда (озодии ибодат, дину эътиқоди худ, аз ҷумла ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ дар робита ба эътиқоди динӣ ва ё дигар ҳуқуқҳо) ё моддаи 14 (озодӣ аз табъиз) шикоят намоянд. Масалан, тавре ки дар зер баррасӣ хоҳад шуд, дар парвандаи *"Баятян нисбати Арманистон"* [159] Суд бори аввал дар таърих моддаи 9-ро эътироф кард, ки ҳуқуқи аз рӯи эътиқод даст кашидан аз хидмати ҳарбиро ифода мекунад.[160]

***Китос нисбати Юнон:***[161] Даъвогар пизишке буд, ки ба хидмати ҳарбӣ рафта, дар баробари гирифтани маошу имтиёзҳо ройгон таҳсил мекард. Меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи миллӣ дар навбати худ аз ӯ талаб мекард, ки муҳлати муайян дар қувваҳои мусаллаҳ хидмат кунад (ё чун ҷуброни шартӣ ба давлат маблағи муайян диҳад). Вай изҳор дошт, ки аз ӯ талаб кардани мондан дар артиш барои муддати хеле тӯлонӣ ё пардохти музди аз ҳад зиёд ба давлат дар ивази қатъи хидматаш кори маҷбурӣ ё ҳатмиро ташкил медиҳад, зеро ин бар дӯши ӯ бори номутаносиб вазнини озодии шуғл ва маҳдудияти нолозим мегузорад. Суд бодиққат баррасӣ намуд, ки оё истиснои моддаи 4 (3) оид ба "хидмати ҳарбӣ" мавриди истифода қарор гирифтааст ё на ва муайян кард, ки он танҳо ба хидмати ҳатмии ҳарбӣ дахл дорад ва ба "коре, ки хидматчиёни ҳарбӣ иҷро мекунанд" дахл надорад. Аз ин рӯ, Суд метавонад тафтиш кунад, ки оё вайронкунии моддаи 4 (2) мавҷуд аст ё на.

Даъвогар изҳор дошт, ки ӯ ҳеҷ гоҳ "хидматҳои худро барои ин кор ихтиёран пешниҳод накардааст". Вай бо розигии хеш тасмим гирифтааст, ки афсари неруҳои мусаллаҳ шавад ва аз ин рӯ, бояд тамоми талаботҳои марбут ба ин тасмимро риоя кунад. Аммо вай фақат мақоми умумиро қабул кард ва изҳороти ӯро тавофуқи ошкоро дар бораи ба зимма гирифтани ӯҳдадориҳое номидан мумкин нест, ки хилофи ҳуқуқҳои дар Конвенсия зикргардида бошад. Ғайр аз ин ҳукуматдорони қувваҳои мусаллаҳи Юнон ба вай дар бораи вазифаи гӯё дар давоми панҷ соли дигар дар артиш хидмат карданаш хабар надоданд. Бо вуҷуди ин, Суд чунин қарор

158 КМҲ, моддаи 2(2а); Ҳамчунин ниг. ба Стивен Грир. 1997. Истисноҳо аз моддаҳои 8 то 11 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри Шӯрои Аврупо). Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/ LibraryDocs/DG2/HRFILES/DG2-EN-HRFILES-15(1997).pdf, саҳ. 5.

159 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Баятян нисбати Арманистон (23459/03), 07/07/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-105611.

160 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2020. Варақаи маълумотӣ- Саркашии аз хидмати ҳарбӣ бо далелҳои виҷдонӣ. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/FS_Conscientious_objection_ENG.pdf.

161 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Китос нисбати Юнон (51637/12), 19/10/2015. Тариқи линки зер

дод, ки даъвогар аз миқёси ӯҳдадориҳое, ки бар ивази имтиёзҳои дастрас мекардааш, ба зимма гирифт, огоҳ буд.

Дар мавриди иҷрошаванда будани ин ӯҳдадорӣ, Суд муайян кард, ки талаби маблағе, ки давлат аз даъвогар барои озод шудан аз қувваҳои мусаллаҳ мекард, ба дӯши ӯ “бори номутаносиб вазнин” мегузорад, аз ҷумла дар асоси он, ки дар он вақт, дар ҳоле ки шикояти даъвогар дар кишвараш баррасӣ мешуд, барои ситонидани фоизҳои назаррас аз ин маблағ иҷозат дода шуд (ҳарчанд баъдан аз ҷониби судҳои болоӣ ислоҳ карда шуд). Бинобар ин, моддаи 4 (2) вайрон карда шудааст.

# Ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ ва ҳуқуқ ба мурофиаи одилона

## 1. Тавсиф ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ

Мутобиқи моддаи 5 (1) Конвенсия дар бораи ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ, “ҳар кас ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ дорад”, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар моддаи 5 (1) Конвенсия ва бо тартиби муқарраркардаи қонун пешбинишуда. Мутобиқи дигар муқаррароти моддаи 5 Конвенсия ба шахсони ҳабсшуда ё боздоштшуда дар бораи сабабҳои ҳабси онҳо ва ҳама гуна иттиҳомоти зидди онҳо фавран бо забоне, ки ба онҳо фаҳмост, хабар дода мешавад. Агар дар робита ба содир намудани ҷурми ҷиноӣ ҳабс ё боздошт карда шуда бошад, шахс "бояд фавран ба назди судя ё дигар шахси мансабдоре, ки тибқи қонун ваколатҳои судӣ дорад, оварда шуда, ҳуқуқ дорад дар муҳлати оқилона муҳокима карда шавад ё дар интизории мурофиа муаққатан озод карда шавад". Шахсе, ки бо роҳи ба ҳабс гирифтан ё боздошт аз озодӣ маҳрум карда шудааст, "ҳуқуқ дорад аз ҷониби суд қонунӣ будани ҳабси ӯро фавран баррасӣ кар да шавад ва дар сурате, ки ҳабси ӯро суд ғайриқонунӣ эътироф кардааст, озод карда шавад". Шахсоне, ки “қурбонии ҳабс ё боздошт бар хилофи муқаррароти ҳамин модда шудаанд, ба ҷуброн ҳақ доранд”.[162] Моддаи 5 нақши духӯра мебозад: он муқаррароти шароитҳои қонунии нигоҳ доштан ва маҳрум кардан аз озодиро дарбар мегирад ва кафолату ҳимояи мурофиавии шахсони аз озодӣ маҳрумшударо муайян мекунад.[163]

дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-155209.

162 КҲҲОАИ, моддаи 5.

163 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2020. Дастур оид ба моддаи 5 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон – Ҳуқуқ ба озодӣ ва амният. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Guide_Art_5_ENG.pdf.

Мутобиқи моддаи 6 (1) Конвенсия дар бораи ҳуқуқ ба мурофиаи одилона, "ҳар як шахс ҳангоми баҳс оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гражданиаш ё ҳангоми эълони айби ҷиноӣ дар нисбаташ дар муҳлати оқилона ба муҳокимаи одилона ва ошкоро аз ҷониби суди мустақил ва беғаразе, ки қонун муқаррар кардааст, ҳуқуқ дорад". Ӯҳдадориҳои дар моддаи 6 Конвенсия пешбинишуда ҳуқуқи бегуноҳиро дар содир намудани ҷиноят то замоне ки гунаҳкор буданаш тибқи қонун исбот нашавад, таъмин менамояд. Мутобиқи қисми 3 ҳамин модда шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят айбдор карда мешавад, ҳадди ақал ҳуқуқҳои зеринро дорад: "а) дар бораи моҳият ва асосҳои айбномаи ба ӯ пешниҳодшуда бо забони ба ӯ фаҳмо, фавран ва муфассал хабар дода шавад; б) барои омода намудани мудофиаи худ вақт ва шароити кофӣ дошта бошад; в) шахсан ё бо ёрии ҳимоятгари интихобкарда худро дифоъ кунад ё дар сурати надоштани имкони пардохти ҳаққи хидмати ҳимоятгар, аз хидмати ҳимоятгари борояш таъиншуда ройгон истифода барад, агар манфиатҳои адолат ва қарори одилона ин чизро талаб кунад; г) аз шоҳидон, ки бар зидди ӯ шаҳодат медиҳанд, бозпурсӣ гузаронад ё ҳуқуқ дорад аз ин шоҳидон пурсиш гузаронида шавад ва ҳуқуқ дорад, ки ба манфиати хеш шоҳидонро даъват карда бозпурсӣ гузаронад; д) агар забони дар суд истифодашавандаро нафаҳмад ё бо он ҳарф назанад, аз ёрии ройгони тарҷумон истифода барад".[164]

Аз муқаррароти моддаи 6 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқ ба мурофиаи одилона бармеояд, ки гарчанде озодии хидматчиёни ҳарбӣ тибқи моддаи 5 Конвенсия метавонад маҳдуд карда шавад, ҳама гуна мурофиаи ҷиноятии алоқаманд, новобаста аз он ки онҳо тибқи қонунгузории миллӣ ба сифати интизомӣ тасниф шудаанд ё ҷиноятӣ бояд таҳти кафолати мурофиаи одилона бошад. Бо дарназардошти ин, Шӯрои Аврупо (ША) қайд мекунад, ки аз ин рӯ барои таъмини "мустақилият ва беғаразии ҳокимияти судӣ, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ иштирок мекунанд фарқияти аниқ байни прокурорҳо ва судяҳо" зарур аст.[165] Мисоли ин парвандаи *Фети Демирташ нисбати Туркия* аст, ки дар он Суди Аврупо оид ба Ҳуқуқи инсон зарурати таъмини судяҳои низомиеро таъкид кардааст, ки дар парвандаҳои ҷиноӣ қарор қабул мекунанд, "ба тарафҳои мурофиаи судӣ баробар карда нашаванд", зеро ин бетарафӣ ва беғаразии онҳоро халал эҷод мекунад.[166]Суд ба парвандаи қаблӣ - *Купер нисбати Британиёи Кабир* истинод кард, ки дар он Палатаи Бузург ҳангоми баррасии он, ки оё суди ҳарбӣ метавонад ба талаботи моддаи 6 ҷавобгӯ бошад, тасдиқ кард, ки чунин суд метавонад мустақил ва беғараз ҳисобида шавад ва омилҳои дахлдори тартиби таъини аъзои трибунал ва давомнокии ваколатҳои онҳоро дар бар мегирад; оё трибунал "усули мустақилият"-ро нишон додааст; ва оё он кафолатҳои кофӣ барои истисно кардани ҳама гуна шубҳаҳои қонунӣ дар бораи эҳтимолияти ғаразро фароҳам овардааст ё хайр.

164 КҲҲОАИ, моддаи 6.

165 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Фети Демирташ нисбати Туркия (5260/07), 17/04/2012. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-108617.

166 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

Суд муайян кард, ҳузури шаҳрванди ғайринизомӣ, ки дар мурофиа нақши калидӣ мебозад, яке аз кафолатҳои муҳимтарини мустақилияти судии трибунали ҳарбӣ мебошад. [167]

Дар парвандаи Георгиадис нисбати Юнон, Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон Қарор қабул карда аст: тартибе, ки дар он ҳуқуқҳои граждании бидуни баррасии пешниҳоди тарафҳо муайян карда мешаванд, наметавонад мувофиқ ба банди 1 моддаи 6 ҳисоб шавад.[168] Дар ҳамин ҳолат Суд чунин шуморид, ки даъвогар наметавонад қарори суди ҳарбиро мавриди баҳс қарор диҳад ва қайд кард, дар сурати маҳкум кардан ба ҷиноят, аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ бояд ба мақомоти болоии салоҳиятдор ва мустақил муроҷиат кунанд.[169]

Илова ба санадҳои минтақавии ҳуқуқи башар, махсусан Конвенсияи Аврупо,[170] ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ва ҳуқуқ ба мурофиаи одилона дар як қатор ҳуҷҷатҳои байналхалқие, ки ҳуқуқи анъанавии байналхалқиро ифода мекунанд, ба монанди Эъломияи умумии ҳуқуқҳои инсон муқаррар карда шудаанд.[171]

Тибқи Билл дар бораи ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ, шартномаи бисёрҷониба, ки бо Қатъномаи 2200A (XXI) Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 16 декабри соли 1966 қабул шудааст, ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ, ҳуқуқи башар ва суди одилонаро эътироф мекунад. Дар моддаи 9 гуфта мешавад: “Ҳар кас ба озодӣ ва амнияти шахсӣ ҳуқуқ дорад” ва: “Ҳеҷ кас набояд аз озодӣ маҳрум карда шавад, ба истиснои асосҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонун”.[172] Моддаҳои 14 ва 16 ПБҲШС ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаро ҳифз мекунанд. Моддаи 14 (1) ҳуқуқи асосӣ ба мурофиаи одилонаро муқаррар мекунад, дар ҳоле ки моддаи 14 (2) эҳтимолияти бегуноҳро пешбинӣ мекунад ва моддаи 14 (3) ҳуқуқҳои ҳадди ақали мурофиаи судиро дар мурофиаи ҷиноятӣ номбар мекунад.

---

167 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Купер нисбати Британиёи Кабир (48843/99), 16/12/2003. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-61549.

168 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Георгиадис нисбати Юнон (21522/93), 29/05/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58037, банди 40.

169 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

170 Дигар санадҳои минтақавии ҳуқуқи инсон, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ ва мурофиаи одилона алоқаманданд, моддаҳои 3, 4, 6 ва 7-и Хартияи Африқо оид ба ҳуқуқи инсон ва халқҳоро дар бар мегиранд. Моддаҳои 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9 ва 10 Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон инчунин ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ ва мурофиаи одилонаро муқаррар мекунанд.

171 Дар моддаҳои 6, 7, 8 ва 11-и ЭУҲБ эҳтимолияти бегуноҳӣ то исботи гунoҳи айбдоршаванда зикр шудааст. Моддаи 10 муқаррароти калидӣ дар бораи ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаро дар бар мегирад ва гуфта мешавад, ки “Ҳар кас ҳуқуқи баробарии комил ба баррасии одилона ва ошкоро аз ҷониби суди мустақил ва беғараз, ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояш ва ҳама гуна иттиҳоми ҷиноятӣ дорад. Дар мавриди ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ, дар моддаи 3-юми ЭУҲБ гуфта мешавад: “Ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва амнияти шахсӣ дорад". Барои маълумоти бештар ба Созмони Милали Муттаҳид нигаред. 2015. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.un.org/en/udhrbook/pdf/udhr_booklet_en_web.pdf.

172 ПБҲШС, парвандаи 9.

Моддаи 14 (5) ҳуқуқи маҳкумшуда барои аз нав дида баромадани ҳукм ва ҳукми ӯро суди боло муқаррар мекунад ва моддаи 14 (7) такроран ҷиноят эълон кардани ҳамон ҷиноятро манъ мекунад. Моддаи 14 (1) ПБҲШС пешбинӣ мекунад, ки "ҳама шахс дар назди судҳо ва трибуналҳо баробар аст. Ҳангоми баррасӣ ҳар кас ҳуқуқ дорад ҳама гуна иттиҳоми ҷиноӣ алайҳи ӯ ё ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ӯ дар ҳама гуна мурофиаи граждании барои муҳокимаи одилона ва ошкоро аз ҷониби суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки қонун таъсис додааст, баррасӣ карда шавад"[173]. Дар моддаи 16 омадааст: "ҳар шахс ҳуқуқ дорад дар ҳама ҷо ба унвони як шахси дар назди қонун ба расмият шинохташуда бошад".[174] ПБҲШС дар ҳуқуқи байналмилалӣ барои давлатҳое, ки тарафҳои он мебошанд, ҳатмӣ мебошад. Тадбирҳо оид ба татбиқи ин муқарраротдар моддаи 2 оварда шудаанд, ки қабули "чунин чораҳои қонунгузорӣ ё дигар чораҳоеро пешбинӣ мекунанд, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои дар ҳамин Паймон эътирофшуда заруранд".[175]

Хидмати ҳарбӣ тибқи Конвенсия маҳрум кардан аз озодӣ нест, зеро он ба таври возеҳ дар моддаи 4 (3) (б) иҷозат дода шудааст.[176] Масъалаҳои интизоми дохилӣ аз эҳтимол дур нест, ки мушкилоте ба вуҷуд оранд, агар муҷозоти мувофиқ ҳабс ё ҷазои дигареро дар бар нагирад, то ҷазои ҷиноиро кафолат диҳад. Новобаста аз он, ки маҳдудият барои як узви қувваҳои мусаллаҳ, дар муқоиса бо шаҳрванди ғайринизомӣ, маҳрумият аз озодиро ташкил медиҳад ё на, аз он вобаста аст, ки он то чӣ андоза аз шароити муқаррарии зиндагӣ дар қувваҳои мусаллаҳи Давлати дахлдори Аҳдкунанда фарқ мекунад. Омилҳое, ки ҳангоми арзёбии ин шароит ба назар гирифта мешаванд, хусусият, давомнокӣ, оқибатҳо ва тарзи иҷрои ҳукм ё чораро дар бар мегирад.[177] Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки ҳабси хонагӣ берун аз вақти корӣ кофӣ нест, ҳабси "қатъӣ", яъне ҳабси шабона ва рӯзона дар камера нигоҳ доштан ва аз иҷрои вазифаҳои муқаррарӣ маҳрум кардан кофист.[178]

173 Моддаи 14 (1) банди ПБҲШС ироа медорад: "Ҳама одамон дар назди судҳо ва трибуналҳо баробаранд. Ҳар як шахс ҳангоми баррасии ҳама гуна айбномаи ҷиноятии алайҳи ӯ ё муайян кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ӯ дар ҳама гуна мурофиаи граждании ҳуқуқ дорад, ки парвандааш аз ҷониби суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки қонун таъсис додааст, одилона ва ошкоро баррасӣ карда шавад. Матбуот ва ҷомеа метавонанд бо сабабҳои ахлоқ, тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти миллӣ аз ҳама ё қисман дар ҷомеаи демократӣ ё вақте ки манфиатҳои ҳаёти шахсии тарафҳо инро тақозо мекунанд ё ба қадри он, ки ба ақидаи суд, қатъиян зарур аст, дар ҳолатҳои махсусе, ки ошкорбаёнӣ манфиатҳои адолатро вайрон мекунад аз мурофиа хориҷ карда шаванд; аммо ҳама гуна қарори суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ ё шаҳрвандӣ бояд ошкоро бошад, ба шарте ки манфиатҳои ноболиғон тартиби дигареро талаб накунанд ё ин ки масъала ба баҳсҳои ақди никоҳ ё парасторни кӯдакон дахл надошта бошад".

174 ПБҲШС, парвандаи 16.

175 ПБҲШС, парвандаи 2.

176 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Энгел ва дигарон нисбати Нидерланд (5100/71; 5101/71; 5102/71; 5354/72; 5370/72), 08/06/1976. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/tur?i=001-57479, банди 59.

177 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Энгел ва дигарон нисбати Нидерланд (5100/71; 5101/71; 5102/71; 5354/72; 5370/72), 08/06/1976. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/tur?i=001-57479, банди 59.

178 Карен Рид. 2015. Роҳнамои таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон

Ҳама гуна ҳабс, ки бо маҳрум кардан аз озодӣ дар доираи маънои моддаи 5 кафолатҳои мурофиавиро дар бар мегирад, ба монанди: ҳуқуқи фавран расонад ба назди корманди судии дорои салоҳияти баровардани фармон дар бораи озод кардан; ва ҳуқуқи амали мурофиавие, ки қонунӣ будани ҳабсро таҳти шубҳа мегузорад.[179] Дар парвандаи Ҳуд нисбати Британиёи Кабир фармондеҳи сарбози ҳабсшуда ба қадри кофӣ корманди судии мустақил ё беғараз ҳангоми қабули қарор дар бораи ҳабси пешакӣ мувофиқи моддаи 5 (3), амалкунанда дониста нашудааст, аз ҷумла аз сабаби он, ки ӯ барои интизоми дохилӣ ва тартибот дар қисмҳои тобеи худ ҷавобгар буд ва аз сабаби иштироки зиёди ӯ дар ҳар гуна мурофиаи минбаъдаи таъқибкунӣ.

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд моддаи 5 (1) Конвенсия ҳуқуқи шахсони боздоштшуда ё ҳабсшударо барои дастрасӣ ба адвокат мустақиман таъмин намекунад, Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон муайян кардааст, ки моддаи 5 (4) ба ҳуқуқи эътироз ба қонунӣ будани ҳама гуна ҳабсгирӣ дахл дошта маънои онро дорад, ки шахси дар ҳабс қарордошта бояд ба ёрии ҳуқуқӣ дастрасӣ дошта бошад.[180] Ин дар як қатор санадҳои дигари ҳуқуқӣ, аз ҷумла қоидаи 23.1-и Қоидаҳои ислоҳшудаи аврупоии оид ба иҷрои ҷазои Шӯрои Аврупо ва аксари қонунҳои дохилӣ зикр шудааст. Принсипи 18 (4) санади СММ – Кодекси Принсипҳои ҳифзи ҳамаи ашхоси таҳти ҳама гуна шакли ҳабс ё боздошт қарордошта ба шахсони дастгиршуда ё ҳабсшуда ҳуқуқ медиҳад ҳангоми муроҷиат ба адвокат бо намояндаи қонунии худ як ба як суҳбат кунанд.[181] Вобаста ба Конвенсияи Аврупо, моддаи 6 оид ба ҳуқуқ ба мурофиаи одилона ба таври возеҳ гуфта шудааст: "ҳар як шахс дар сурати ба миён омадани баҳс оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандӣ ё ҳама гуна иттиҳоми ҷиноӣ нисбат ба ӯ ба суди одилона ва муҳокимаи оммавӣ дар муҳлати мувофиқ аз ҷониби суди мустақил ва беғараз, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ҳуқуқ дорад".[182]

Дар Тавсияи CM/Rec (2010) 4, Шӯрои Аврупо аз ҳукуматҳои ҳамаи давлатҳои иштирокчӣ даъват мекунад, то "боварӣ ҳосил намоед, ки принсипҳои дар замимаи ин тавсия зикршуда дар қонун ва юриспруденсияи миллӣ нисбати аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ риоя карда шавад".

(Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 362; инчунин нигаред ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Энгел ва дигарон нисбати Нидерланд(5100/71; 5101/71; 5102/71; 5354/72; 5370/72), 08/06/1976. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc. echr.coe.int/tur?i=001-57479, бандҳои 59– 63; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Пулатли нисбати Туркия (38665/07), 26/07/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001- 104638, банди 32

179 Карен Рид. 2015. Роҳнамои таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 362.

180 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec(2010)4-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои узв оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва меморандуми тавзеҳӣ, саҳ. 34; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Баумар нисбати Белгия (9106/80) 29/02/1988. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57445, банди 60.

181 Ба Принсипи 18(4)-и Мақоми Принсипҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ҳамаи ашхосе, ки таҳти ҳама гуна шакли ҳабс ё боздошт қарор доранд, нигаред. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ohchr.org/EN/ProfessionalInterest/Pages/ DetentionOrImprisonment.aspx.: 'Мусоҳибаи шахси боздоштшуда ё зиндонӣ ва машваратчии ҳуқуқии ӯ метавонад дар доираи назорати як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошад, аммо на барои шунидани он'.

182 КҲҲОАИ, моддаи 6, банди 1; Ҳамчунин нигаред ба ПБҲШС, моддаи 14(1).

Ҳарчанд ин тавсия асту аз ин рӯ ҳатмӣ нест, вале баъзеи онҳо кафолатҳои асосии моддаҳои 5 ва 6-ро инъикос мекунанд ва бинобар ин барои давлатҳо ҳатмӣ мебошанд. Ва ба он ҳуқуқи саривақт дар бораи сабабҳои ҳабс ё боздошти онҳо огоҳ шудани аъзои қувваҳои мусаллаҳ; ҳама гуна иттиҳом алайҳи онҳо ва ҳуқуқҳои мурофиавии онҳоро дар бар мегирад.[183] Суд дар парвандаи Гергиалис бар зидди Юнон аҳамияти инро таъкид намуда, муайян кард, ки судҳои ҳарбии мавриди назар барои қарорҳои худ асосҳои кофӣ пешниҳод накардаанд ва аз ин рӯ, моддаи 6 (1)-ро вайрон кардаанд.[184] Хулосаи шабеҳ дар парвандаи "*Залян ва дигарон нисбати Арманистон*" ба даст омадааст: Суд қарор кард, ки айбдоршаванда аз ҳуқуқи огоҳонидани фаврӣ дар бораи сабабҳои ҳабсаш ва ҳуқуқи ба таври фаврӣ ба суд оварда расонидан бар хилофи қонун, аз ҷумла бо вайронкунии моддаи 5 (2) ва 5 (3) мутаносибан, маҳрум шудааст.[185]

Ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсиро инчунин метавон бо озодии ҳаракат, ки дар моддаи 2 Суратмаҷлиси № 4 Конвенсияи Аврупо пешбинӣ шудааст, алоқаманд кард.[186] Ин муқаррарот озодии тарки кишварро кафолат медиҳад ва дар ин замина байни ғайринизомиён ва аъзои неруҳои мусаллаҳ тафовут намедиҳад.[187] Маҳдудиятҳои хеле васеи озодии ҳаракати хидматчиёни ҳарбӣ бинобар талаботи махсуси хидмати ҳарбӣ заруранд, бинобар ин, маҳдудиятҳои муқаррарии чунин озодӣ ба доираи моддаи 5 дохил намешаванд.[188] Бо вуҷуди ин, Суд дар собиқаи худ қайд карда, ки маҳдудияти мутлақи манъи ҳаракати байнидавлатии собиқ хидматчиёни ҳарбӣ, сарфи назар аз ҳадаф ва давомнокии сафар, дар ҷомеаи демократӣ зарур нест ва ба манфиатҳои амнияти миллӣ ҷавобгӯ нест.[189]

Илова бар ин Суд дар таҷрибаи худ тасдиқ кардааст, ки монеъ шудан ба шахс барои амалӣ кардани ҳуқуқи худ барои тарки кишвараш бо далели дорандаи сирри давлатӣ буданаш ба меъёрҳои зарурӣ ва мутаносибӣ мувофиқат намекунад.[190] Ҳарчанд дар баъзе ҳолатҳо, кормандони ҳарбӣ метавонанд маҳдудиятҳои бештари сафарро нисбат ба шаҳрвандони ғайринизомӣ маҳдуд кунанд, ин гуна маҳдудиятҳо дар ҳама ҳолатҳо бояд ба вазифаи муҳофизатии онҳо мувофиқ бошанд.[191]

183 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec (2010)4-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои узв оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва меморандуми тавзеҳӣ, саҳ. 9.

184 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Григориадис нисбати Юнон (121/1996/740/939). 25/11/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/app/conversion/pdf/?library=ECHR&id=001-58116&file-name=001-58116.pdf, банди 43.

185 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Залян ва дигарон нисбати Арманистон (36894/04 ва 3521/07), 17/06/2016. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-161408.

186 Суратмаҷлиси № 4 ба Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, ки ҳуқуқу озодиҳои муайянеро таъмин менамояд, ба истисноӣ ҳуқуқҳое, ки аллакай ба Конвенсия ва Суратмаҷлиси якуми он дохил карда шудаанд (барои имзо 16 сентябри соли 1963 боз шудааст, 2 майи соли 1968 эътибор пайдо кардааст).

187 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Солтисяк нисбати Россия (4663/05), 20/06/2011.Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-103354, банди 54.

188 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Энгел ва дигарон нисбати Нидерланд (5100/71; 5101/71; 5102/71; 5354/72; 5370/72), 08/06/1976. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/tur?i=001-57479, банди 59.

189 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Бартик нисбати Россия (55565/00), 21/03/2007. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-78792, бандҳои 47–52.

190 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Солтисяк нисбати Россия (4663/05), 20/06/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-103354, банди 51.

# 2. Маҳдудиятҳо ё монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқ ба озодӣ

Санадҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба ҳуқуқи инсон муқарраротеро дар бар мегиранд, ки дар он ҳолатҳои маҳдудкунии ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ ҷой дорад. Моддаи 5 (1) Конвенсияи Аврупо рӯйхати мукаммали чунин ҳолатҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла:[192] "а) ҳабси қонунии шахс пас аз ҳукми суди салоҳиятдор; б) қонунан ҳабс кардан ё боздошт кардан (ҳабс кардан)-и шахс барои иҷро накардани ҳалномаи суд, ки тибқи қонун бароварда шудааст ё бо мақсади таъмини иҷрои ҳама гуна ӯҳдадориҳои пешбининамудаи қонун; в) ҳабс ё боздошти қонунии шахсе, ки бо мақсади ба мақомоти салоҳиятдор пешниҳод кардани ӯ бо гумони асоснок дар содир намудани ҷиноят ё мавҷуд будани асосҳои оқилона барои пешгирии содир намудани ҷиноят ё гурехтани ӯ пас аз содир намудани чунин ҷиноят; г) боздошти ноболиғ бо амри қонунӣ барои назорати тарбиявӣ ё ҳабси қонунии ӯ бо мақсади ба мақомоти салоҳиятдор овардани ӯ; д) бо мақсади пешгирӣ намудани паҳншавии бемориҳои сирояткунанда, инчунин ҳабси қонунии шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ, майзадагон, нашъамандон ва оворагон; ва е) ҳабс ё боздошти қонунии шахс бо мақсади пешгирии воруди ғайриқонунии ӯ ба кишвар ё шахсе, ки нисбати ӯ барои хориҷ ё истирдоди ӯ чораҳо андешида мешаванд”.[193] Ҳама гуна маҳдудиятҳо барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо бояд "бо тартиби муқаррарнамудаи қонун" амалӣ карда шаванд. Ҳарчанд мутаносибият дар моддаи 5 (1) ба таври возеҳ зикр нашуда бошад ҳам, Суд ба ҳар ҳол тафтиш мекунад, ки оё як маҳрумияти хос аз озодӣ робитаи таносубие бо далели маврид истинод дорад ё хайр.

Ҳарчанд дар моддаи 9 ПБҲШС ҳолатҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ба озодӣ мушаххас нашуда бошад ҳам, дар он гуфта шудааст: "Ҳеҷ кас ба истиснои асосҳо ва тартиби муқаррарнамудаи ва тартиби муқаррарнамудаи қонун аз озодӣ маҳрум карда намешавад".[194] Ҳама гуна маҳдудиятҳо ба ин ҳуқуқ бояд дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ карда шаванд, яъне ҳолатҳое, ки дар он маҳдудият ҷорӣ карда мешавад, бояд дар санади меъёрии дастрас ба таври возеҳ муайян карда шавад, ки матни он набояд норавшан бошад, то ҳуқуқи аз ҳад зиёди ихтиёрдорӣ ва ғайричашмдошт дар татбиқ имконро роҳ диҳад.[195] Ҳуқуқҳое, ки дар моддаи 9 (1) муқаррар карда шудаанд,

191 Тариқи линки болой дастрас аст, банди 53.

192 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2020. Дастур оид ба моддаи 5 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон – Ҳуқуқ ба озодӣ ва амният. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Guide_Art_5_ENG.pdf, банди 26.

193 КҲҲОАИ, моддаи 5(1).

194 ПБҲШС, парвандаи 9.

195 Сара Ҷозеф ва Мелисса Кастан. 2013. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ: парвандаҳо, мавод ва шарҳҳо (Нашри 3-юми Донишгоҳи Оксфорд) саҳ. 31, банди 1.83.

метавонанд бо назардошти таносуб ҳангоми муайян кардани андозаи чунин маҳдудиятҳо қонунан маҳдуд карда шаванд.[196]

Тавре ки дар хулосаҳои Суди Аврупо оид ба Ҳуқуқи Инсон дар *Энгел ва дигарон нисбат ба Нидерланд* инъикос ёфтааст, “Интизоми ҳарбӣ... аз доираи моддаи 5§1 берун намеравад”.[197] Ин маънои онро дорад, ки ҳама гуна маҳрумият аз озодӣ дар заминаи интизоми ҳарбӣ бояд ба талаботи ин муқаррарот мувофиқ бошад. Сарфи назар аз ин, ША қайд мекунад, ки маҳдудиятҳо дар бораи ҳаракати озодии хидматчиёни ҳарбӣ метавонанд "хеле васеъ" бошанд ва "дар робита ба талаботи махсуси хидмати ҳарбӣ" татбиқ карда шаванд ва ҳар як давлат "ҳуқуқи ташкили системаи интизоми ҳарбии худро дорад ва аз озодии муайян дар ин масъала бархурдор бошанд".[198] ША инчунин қайд мекунад, ки "давлатҳо ба моддаи 5 оид ба татбиқи чораҳои интизомӣ дар қувваҳои мусаллаҳ қайду шартҳо гузоштаанд" ва "интизоми ҳарбӣ метавонад ҳамчун ҷазо муҳлати кӯтоҳи ҳабсро талаб кунад".[199]

Моддаи 5 (3) Конвенсия Давлатҳоро вазифадор мекунад, ки шахсони боздоштшуда ё ҳабсшуда “фавран ба назди судя ё дигар мансабдоре, ки тибқи қонун салоҳияти судӣ дорад ва ҳуқуқ дорад, ки дар муҳлати оқилона муҳокима баргузор кунад ё то баррасии парванда озод кунад, расонида шаванд”. Тавре ки дар парвандаи Де Йонг, Балйет, ван ден Бринк нисбати Нидерланд таъкид шудааст, ин ҳуқуқ ба аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ҳамон тарзе, ки ба ҳама дахл дорад, мутааллиқ мебошад. Комиссияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон дар хулосаҳои худ аҳамияти фаврӣ ба мақомоти судӣ расонидани ҳар як шахсе, ки тибқи моддаи 5 (1) (в) Конвенсия ҳабс ё боздошт шудааст, ки дар банди 3 моддаи 5 пешбинӣ шудааст, таъкид намудааст. Комиссия афзуда, ки масъалаи таъҷилӣ бояд дар ҳар маврид бо назардошти вижагиҳои он, талаботи хидмати ҳарбӣ ва адолати ҳарбӣ арзёбӣ шавад.[200] Ҳангоми аз озодӣ маҳрум шудан, хидматчиёни ҳарбӣ бояд "ҳуқуқи аз ҷониби суд фавран тафтиш карда шудани қонунӣ будани боздошти онҳо ва дар сурати ғайриқонунӣ будани ҳабс аз ҷониби суд озод шуданро дошта бошанд".[201] Ҳарчанд чунин суд метавонад трибунали ҳарбӣ, суди миллӣ ё суди байналмилалӣ бошад, хулосаҳои Суди Аврупо дар мавриди Фети Демирташ бар зидди Туркия аз он шаҳодат медиҳанд, ки судҳои ҳарбӣ на ҳамеша мустақил ва беғараз ҳисобида мешаванд.

196 Тариқи линки болоӣ дастрас аст, саҳ. 31, банди 1.84.

197 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Энгел ва дигарон нисбати Нидерланд (5100/71; 5101/71; 5102;71; 5345/72; 5370/72), 08/06/1976, банди 57.

198 Тариқи линки болоӣ дастрас аст, банди 59.

199 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec (2010)4 Кумитаи Вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва ёддошти тавзеҳӣ.

200 Комиссияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Де Йонг, Балйет, ван ден Бринк нисбати Нидерланд (8805/79, 8806/79, 9242/81). Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/app/conversion/pdf?li-brary=ECHR&id=001-73414&filename=DE%20JONG%2C%20BALJET%20AND%20VAN%20DEN%20BRINK%20v.%20THE%20NETHERLANDS.pdf.

201 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec(2010)4-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои узв оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва меморандуми тавзеҳӣ, саҳ. 9–10.

Бо ин кор, Суд қайд кард, ки бинобар ба суди фармондеҳии қувваҳои ҳавоӣ, ки танҳо аз афсарони ҳарбӣ иборат аст, расонидани даъвогар, судяҳои ин гуна трибуналро метавон ҳамчун “иштирокчиёни парванда” маънидод кард.[202]

Принсипи ҳуқуқи ҳар фард, аз ҷумла даъватшавандагон ба мурофиаи одилона ба кафолатҳои дар моддаи 6 Конвенсия пешбинишуда мувофиқат мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳуқуқи дастрасӣ ба суд мутлақ нест ва метавонад маҳдуд карда шавад, агар маҳдудиятҳо ҳадафи қонунӣ дошта бошанд ва агар воситаҳои истифодашаванда ба ҳадафи ноил шудан ба таври кофӣ мутаносиб бошад. Аммо хулосаҳои Суд дар парвандаи Голдер нисбати Британиёи Кабир нишон медиҳанд, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба суд метавонад танҳо ба ҳадде маҳдуд карда шавад, ки ин маҳдудият моҳияти ҳуқуқро таҳриф накунад ва хилофи дигар ҳуқуқҳои дар конвенсия пешбинишуда набошад.[203] Моҳияти чунин маҳдудиятҳоро метавон ҳам дар заминаи ҳарбӣ ва ҳам дар шароити шаҳрвандӣ татбиқ кард.

Ҳуқуқи шахс, аз ҷумла нафари ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда, ки барои содир намудани ҷиноят айбдор карда шудааст, хомӯш истодан ва худро айбдор накардан мутлақӣ нест. Таҷрибаи Суд дар бораи *Ҷон Мюррей нисбати Британиёи Кабир* нишон медиҳад, ки дар ҳолатҳои муайян хомӯшии айбдоршаванда вақти бозпурсӣ ё мурофиа метавонад боиси хулосабарорӣ ба фоидаи тарафи муқобил гардад.[204] Моҳияти чунин маҳдудиятҳоро метавон ҳам дар заминаи ҳарбӣ ва ҳам дар шароити шаҳрвандӣ татбиқ кард. Бо вуҷуди ин, Суд инчунин чунин мешуморад, ки ҳангоми қабули қарор дар бораи баровардани чунин хулосаҳо, ба ҳакамон (ҳайати машваратчиёни қасамӣ) бояд аз тарафи судяе, ки мурофиаро пеш мебарад, ба таври бояду шояд дастур дода шавад.[205]

202 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Фети Демирташ нисбати Туркия (5260/07), 17/04/2012. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-108617.

203 The Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Голдер нисбати Британиёи Кабир (4451/70), 21/02/1975. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57496.

204 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Ҷон Мюррей нисбати Британиёи Кабир (18731/91), 08/02/96. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-57980.

205 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Кондрон нисбати Британиёи Кабир (35718/97), 02/05/2000. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58798.

# 3. Парвандаҳои вобаста ба масъалаи баррасишаванда

***Георгиадис нисбати Юнон:***[206] даъвоҳо оид ба вайрон кардани моддаҳои 6 ва 13 Конвенсияи Аврупо аз ҷониби як даъватшавандаи собиқи адои хидмати ҳарбикарда пешниҳод шуда, ӯ изҳор дошта, ки вобаста ба ҷуброн барои боздошти гӯё ғайриқонуниаш ба муносибати саркашӣ карданаш аз адои хидмати ҳарбӣ бар хилофи моддаи 6 (1) суди одилона надошт; ва азбаски қарорҳои трибуналҳои ҳарбӣ дар бораи ҷубронро мавриди баҳс қарор додан ғайриимкон аст, бар хилофи моддаи 13, тибқи қонунгузории миллӣ барои вайрон кардани ҳуқуқҳои ӯ тибқи Конвенсия ягон воситаи муассир мавҷуд набудаст. Суд қарор кард, ки даъвогар аз ҳуқуқи худ ба баррасии судии ҷуброн даст накашидааст ва "тартиби баррасии ҳуқуқҳои граждании дар суд бидуни шунидани изҳороти тарафҳо ба қисми 1 моддаи 6 мувофиқ дониста намешавад".[207]

Илова бар ин Суд муайян кард, ки "қарори proprio motu дар бораи ҷуброн, ки трибуналҳои доимии ҳарбӣ қабул кардаанд, воқеан ба даъвогар аслан имкон намедод, то оид ба масъалаи ҷуброн худаш ариза диҳад" ва "ӯ имкон надорад, ки ин қарорро эътироз кунад". Суд инчунин муайян кард, ки бар хилофи моддаи 6 (1), судҳои ҳарбии мавриди назар барои қарорҳои худ далелҳои мувофиқ пешниҳод карда натавонистанд, зеро онҳо ба иттиҳоми "хунукназарии дағалона" такя мекарданд, ки ба назари Суд, як мафҳуми дақиқ нест. Аз ин рӯ, Суд талаб кард, ки "судҳо далелҳои дақиқтаре пешниҳод кунанд, хусусан бо назардошти он ки хулосаи онҳо барои ҳуқуқи даъвогар ба ҷуброн муҳим аст". Вобаста ба моддаи 13, Суд муайян кард, ки азбаски қарори аввалаи суди ҳарбӣ моддаи 6-ро вайрон кардааст, зарурати баррасии даъвои ҷавобгар дар бораи вайрон кардани моддаи 13 вуҷуд надорад.

*Залян ва дигарон нисбати Арманистон:*[208] собиқ сарбози даъватшуда дар бораи вайрон кардани моддаи 5 (1) аризаи даъвоӣ пешниҳод дошт, ки вай ҳангоми тафтиши куштори ду наваскар ғайриқонунӣ дастгир карда шудааст. Ҳарчанд ҳукумати Арманистон иддаъо кард, ки муттаҳам бо ҳадафҳои интизомӣ аз озодӣ маҳрум карда шудааст, Суд муайян кард, ӯ аз озодӣ бо мақсади таҳқиқи ҷиноӣ маҳрум карда шудааст ва ин "ғайриқонунӣ буда, заминаи мувофиқи ҳуқуқӣ надорад". Ҳарчанд ҳукумати Арманистон нақзи гӯё моддаи 5-ро Арманистон ҳангоми ба тасвиб расидани Конвенсия изҳор дошт, ки моддаи 5 нисбати чораҳои интизомӣ татбиқ намегардад рад кард, дар асоси он Суд муайян кард, ки "ҷазои

206 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Георгиадис нисбати Юнон (21522/93), 29/05/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58037.

207 Тариқи линки болоӣ дастрас аст, банди 40.

208 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Залян ва дигарон нисбати Арманистон (36894/04 and 3521/07), 17/06/2016. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-161408.

интизомӣ танҳо як баҳонаи расмӣ аст ва сабаби аслии аз озодӣ маҳрум кардани даъвогар тафтишоти ҷиноӣ буд”. Ҳамин тариқ, бо дарназардошти он, ки ба ақидаи Суд, "ҷазои интизомии мавриди назар ҳатто иҷро нашудааст", Суд эътирози Ҳукуматро рад кард ва муайян кард, ки моддаи 5 (1) вайрон шудааст. Илова бар ин чунон киСуд муайян кард, дар парвандаи дуюм, ки айбдоршаванда бар хилофи муқаррароти моддаи 5 дар ҳабс нигоҳ дошта шуда буд, "барои пешгирии ҳабси номуайян мӯҳлат муқаррар нашуда ва боздошт дар ҳолатҳое иҷозат дода шудааст, ки умуман ба банди 1 моддаи 5 дахл надоранд, масалан, шиносоии судшаванда бо парванда”.[209] Суд инчунин муайян кард, ки судшаванда бар хилофи моддаҳои 5 қисми 2 ва 5 банди 3 аз ҳуқуқи огоҳонидани саривақт дар бораи сабабҳои ҳабс ва аз ҳуқуқи ба таври фаврӣ овардан ба судя маҳрум карда шудааст.

***Булду ва дигарон нисбати Туркия:***[210] нисбат ба вайронкуниҳои моддаҳои 3, 5, 7, 9 ва 13 аз ҷониби даъвогароне, ки аз рӯи эътиқоди динӣ ё дигар эътиқодҳо аз хидмати ҳарбӣ саркашидаанд, талаби адои хидмати алтернативии гражданиро кардаанд. Яке аз чаҳор даъвогар ҳамчунин дар бораи нақзи моддаи 6 (1) изҳор дошт, ки ӯро ҳарчанд худро шахси ғайринозомӣ меҳисобад, маҷбур кардаанд, ки ба суди ҳарбӣ бо иттиҳоми "фирор аз хидмат" ҳозир шавад. Вай ҳамчунин изҳор дошт, ки дар ҷараёни баррасии парвандааш аз ҷониби суди ҳарбӣ адолати мурофиавӣ вуҷуд надошт. Ҳарчанд ҳукумат даъвои ӯро рад кард, Суд муайян кард, ки ҳукумат бо маҷбур кардани як шаҳрванди ғайринизомӣ дар ҳозир шудан ба суди ҳарбӣ моддаи 6 (1)-ро вайрон кардааст. Суд қарори худро бо он асоснок кардааст, ки суди ҳарбӣ, ки танҳо аз хидматчиёни ҳарбӣ иборат аст, метавонад дар баррасии парванда бо иштироки ҷавобгарони гражданӣ ғаразнок бошад ва ин эҳтимол хилофи ҳуқуқи ҳар як шахс ба “баррасии муҳокимаи одилона ва ошкоро дар муҳлати мувофиқ аз ҷониби мақомоти мустақил ва суди беғарази бо роҳи қонунӣ таъсис додашуда аст", ки дар моддаи 6 (1) Конвенсия зикр гашта.

***Пулатли нисбати Туркия:***[211] даъвоҳоро оид ба вайрон кардани моддаҳои 5 ва 6 собиқ сержанти ҳарбӣ пешниҳод кардааст, ки иддао дошт ӯ аз озодӣ дар асоси қарори нисбаташ қабулкардаи командири ҳарбиаш на тавассути суди мустақилу холисона маҳрум карда шудааст. Даъвогарро ба тарки гарнизони худ бе иҷоза муттаҳам кардаанд ва ба дунбол бо фармони фармондеҳи ҳарбӣ ӯро ба муддати ҳафт рӯз дар камераи интизомӣ нигоҳ доштаанд. Ҳукумат ин иддаоро рад карда, изҳор дошт, ки боздошти ӯ бар асоси моддаи 171-и Кодекси ҷиноии низомии

209 Ҳамчунин нигаред, Барановский бар зидди Лаҳистон, 28358/95, § 57, ECHR 2000-III ва Йечиус бар зидди Литва, 34578/97, § 59, ECHR 2000-IX.

210 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Булду ва дигарон нисбати Туркия (14017/08), 03/09/2014. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-144352.

211 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Пулатли нисбати Туркия (38665/07), 26/07/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-104638.

Туркия сурат гирифтааст. Суд бо хулоса омад, ки тибқи моддаи 5 (1) Конвенсия, боздошти ӯро танҳо дар сурате асоснок кардан мумкин аст, ки он дар асоси қарори суди салоҳиятдор роҳандозӣ шудааст. Дар ин асос, Суд муайян кард, ки ҳуқуқҳои ӯ тибқи моддаи 5 (1) поймол шуда ва ҳамин тавр, даъвои ӯро қонеъ кард. Илова бар ин, Суд инчунин аҳамияти баррасии парвандаҳои ҷамъбастиро, ки бояд таҳти назорати судӣ қарор дошта бошад, таъкид кард ва ба хулоса омад, ки "адами мунтазами ҳуқуқ ба бознигарӣ дар мурофиаҳои судӣ аз ҷониби фармондеҳони ҳарбӣ дар Туркия ҳуқуқи Пулатлӣ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ поймол шудааст".

***Фети Демирташ нисбати Туркия:***[212] даъвоҳо оид ба вайрон кардани моддаҳои 3, 6 ва 9 дар асоси он, ки ҳуқуқи шикояткунанда дар бораи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ дар асоси эътиқоди динӣ бар хилофи моддаи 9 Конвенсия поймол карда шудааст; дар вақти дар ҳабс нигоҳ доштан нисбати вай бар хилофи моддаи 3 муносибати бераҳмона раво дида шудааст; ба таври иҷборӣ ба ҳабс гирифтани ӯ аз тарафи трибунали ҳарбӣ, ки бар хилофи моддаи 6 (1) мустақил ва беғараз набуд, қабул карда шудааст. Дар заминаи ҳуқуқ ба мурофиаи одилона, Суд муайян кард, ки азбаски даъвогар маҷбуран ба артиш даъват шуда буд ва мақоми ҳарбиро қабул накардааст ва инчунин ба суди фармондеҳии неруҳои ҳавоӣ бурда шуд, ки танҳо аз афсарони ҳарбӣ иборат аст, судяҳо метавонанд "ба тарафҳои парванда баробар карда шаванд". Дар натиҷа, Суд чунин шуморид: "бинобар ин метавон гуфт, ки шубҳаҳои даъвогар дар бораи мустақилият ва беғаразии судӣ ба таври объективӣ асоснок карда шуданд" ва ҳамин тавр даъворо дар бораи вайрон кардани моддаи 6 (1) қонеъ кард.

212 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Фети Демирташ нисбати Туркия (5260/07), 17/04/2012. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-108617.

# Ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ бо сабаби эътиқоди динӣ ё дигар эътиқодҳое, ки ба озодии фикр, виҷдон ва дин асос ёфтаанд

## 1. Тавсифи қонун ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ

Даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ бо сабабҳои динӣ ё дигар эътиқодот ба озодии фикр, виҷдон ва дин асос меёбад, ки дар аввал дар моддаи 18-уми ЭУҲБ муқаррар шудааст. Ин ҳуқуқ дар дигар санадҳои байналмилалӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсон низ пешбинӣ шудааст. Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон муқаррароти марбут ба озодии фикр, виҷдон ва динро дар бар мегирад: "ҳар як инсон ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқод дорад. Ин ҳуқуқ озодии нигоҳ доштан ё тағир додани дин ё эътиқоди худ ва озодии пайравӣ ё паҳн кардани дин ё эътиқоди худро дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо дигарон, ба шакли оммавӣ ё хусусӣ, омӯзиш, ба ҷо овардани расму оинҳои диниро дар бар мегирад".[213] ПБҲШС,[214] КАҲИ[215], Хартияи Африқоии ҳуқуқҳои инсон ва халқҳо (ХАҲИХ)[216] ва Оинномаи ИА оид ба ҳуқуқҳои бунёдӣ [217] инчунин озодии виҷдон ва динро таъмин мекунад.

Ҳарчанд дар ягон санади байналмиллалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ПБҲШС, ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ ба таври возеҳ зикр нашудааст, Кумитаи ҳуқуқи инсон дар соли 1993 изҳор дошт, ки ба ақидаи ӯ, чунин ҳуқуқ метавонад аз моддаи 18 Паймон бароянд, зеро ӯҳдадории истифодаи қувваи марговар метавонад ба озодии виҷдон ва ҳуқуқи эътиқод ба дин ё эътиқод мухолифат кунад.[218] Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқи аз рӯи эътиқод даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ ҳамчун

213 КҲҲОАИ, моддаи 9(1).

214 ПБҲШС, парвандаи 18(1,2пешбинӣ мекунад, ки '1. Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва эътиқоди динӣ ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ озодии доштан ё қабул кардани дин ё эътиқоди интихобкардаи худ ва озодии ба таври инфиродӣ ё дар якҷоягӣ бо дигарон ва ба таври оммавӣ ё хусусӣ зоҳир кардани дин ё эътиқоди худ дар ибодат, маросим, амал ва таълимро дар бар мегирад. 2. Ҳеҷ кас набояд маҷбур карда шавад, ки озодии ӯро барои доштан ё қабул кардани дин ё эътиқоди интихобкардааш маҳдуд созад".

215 КАҲИ, Моддаи 12(1) пешбинӣ мекунад, ки "1. Ҳар як инсон ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқод дорад. Ин ҳуқуқ озодии нигоҳ доштан ё тағир додани дин ё эътиқоди худ ва озодии пайравӣ ё паҳн кардани дин ё эътиқоди худро дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо дигарон, ба шакли оммавӣ ё хусусӣ дар бар мегирад.

216 ХАҲИХ, дар Моддаи 8 омадааст, ки "Озодии виҷдон, касб ва эътиқоди динӣ кафолат дода мешавад. Ҳеҷ кас наметавонад бо риояи қонун ва тартибот чораҳои маҳдудкунандаи амалисозии ин озодиҳоро татбиқ кунад".

217 Хартияи ҳуқукҳои асосии Иттиҳоди Аврупо (7 декабри соли 2000 эълон шуда, 1 декабри соли 2009 эътибор пайдо кардааст), Моддаи 10.

218 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ Шарҳи умумӣ № 22: Моддаи 18 (Ҳуқуқ ба озодии фикр, виҷдон ва дин). Дар иҷлосияи 48-уми Кумитаи ҳуқуқи башари СММ, 30 июли 1993, банди 11 қабул шудааст.

ҳуқуқи ҳосилшуда тавсиф карда мешавад. [219] Кумитаи ҳуқуқи башар ҳуқуқи дар боло зикршуда ва "вазифаи истифодаи неруи марговар"-ро носозгор номид. Ин тафсир аз мафҳуми шахсе, ки аз адои хидмати ҳарбӣ ва иҷрои ҳама гуна вазифаи низомӣ, аз ҷумла вазифаҳои ғайриҷангӣ комилан саркашӣ мекунад, фарқ дорад.[220] Кумита дар қарори қаблии худ (Вестерман нисбати Нидерланд, Эъломияи № 682/1996) маҳдудияти ӯҳдадории истифодаи қувваи марговарро тасдиқ кард.

Дар робита ба ӯҳдадориҳои байналмилалие, ки тибқи ПБҲШС ба зимма гирифта шудааст, Кумитаи ҳуқуқи башар дар муқаррар намудани ҳуқуқи аз рӯи эътиқодот рад кардани хидмати ҳарбӣ дар асоси озодии фикр, виҷдон ва дин нақши калидӣ бозид. Кумита на танҳо муқаррар кардааст, ки ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ аз рӯи эътиқодоти динӣ ё дигар дар тафсири моддаи 18 Паймон ба таври возеҳ аст, балки як қатор масъалаҳои дигари ба он алоқамандро дар мушоҳидаи ҷамъбастии худ оид ба гузоришҳои давлатҳои узв баррасӣ кардааст.[221] Ба инҳо асосҳое дохил мешаванд, ки тибқи он аз хидмати ҳарбӣ бо асосҳои эътиқодоти динӣ ё дигар асосҳо озод кардан мумкин аст; раванди гирифтани чунин озодкунӣ; муҳлат ва шартҳои адои хидмати алтернативӣ ва ҳуқуқҳои шахсоне, ки хидмати алтернативиро рад мекунанд; оё хидмати алтернативӣ баробари хидмати ҳарбӣ ҳуқуқ ва имтиёзҳои иҷтимоиро фароҳам меорад; барои адо накардани хидмати ҳарбӣ ҷазо такрорӣ дода мешавад ё на.[222] Нисбат ба давлатҳои алоҳида дар бораи набудани равандҳои мустақили қабули қарорҳо,[223] хидмати алтернативии ба таври номутаносиб тӯлонӣ[224] ва табъизи эътирофи ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ изҳори нигаронӣ карда шуд.[225]

Кумита дар бисёр дигар қарорҳо масъалаи аз рӯи эътиқодот даст кашидан аз хидмати ҳарбиро дида баромад. Вай бори аввал моддаи 18-и ПБҲШС -ро дар парвандаи Йоон ва дигарон нисбати Ҷумҳурии Корея,[226] татбиқ кард, ки дар он изҳор шуда: ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ ба моддаи 18 асос ёфтааст ва барои ҳамаи давлатҳои аъзои Паймон татбиқ мешавад.

219 Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон. 2012. Саркашӣ аз хидмати ҳарбӣ бар асоси эътиқодоти динӣ ва дигар эътиқодҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ohchr.org/Documents/Publications/ConscientiousObjection_en.pdf, саҳ. 7

220 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., саҳ. 10.

221 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., саҳ 14.

222 Масалан, дар гузоришҳои солонаи Кумитаи ҳуқуқи башар ба мушоҳидаҳои ҷамъбастии он нигаред: Венесуэла (A/48/40, банди 291); Австрия, Эквадор ва Беларус (A/47/40, бандҳои 110, 247 ва 536); Испания (A/46/40, банди 172); Португалия ва Сент-Винсент ва Гренадинҳо (A/45/40, бандҳои 156 ва 251); Норвегия ва Нидерланд (A/44/40, бандҳои 83 ва 219); Финляндия ва Маҷористон(A/41/40, бандҳои 210 ва 398); Исландия, Австралия ва Перу (A/38/40, бандҳои 113, 150 ва 269); Норвегия (A/36/40, банди 358); ва Канада (A/35/40, банди 169).

223 Масалан, дар гузориши солонаи Кумитаи ҳуқуқи башар, мушоҳидаҳои ҷамъбастии он оид ба Исроил (A/58/40, банди 85).

224 Масалан, дар гузоришҳои солонаи Кумитаи ҳуқуқи башар, мушоҳидаҳои ҷамъбастии он оид ба Латвия (A/59/40, банди 65) ва Гурҷистон (A/57/40, банди 78).

225 Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон. 2012. Саркашӣ аз хидмати ҳарбӣ бар асоси эътиқодот. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ohchr.org/Documents/Publications/ConscientiousObjection_en.pdf, саҳ. 14.

226 Кумитаи ҳуқуқи инсон. № 1321/2004 ва 1322/2004.

Дар парвандаи *Юнг ва дигарон нисбати Ҷумҳурии Корея*,[227] Кумита мавқеъи қаблии худро тасдиқ кард ва ба хулоса омад, ки давлат ӯҳдадор аст, ки чораҳои муассир таъмин намояд. Дар парвандаи *Чжонг ва дигарон нисбати Ҷумҳурии Корея*,[228] Кумита ба такрори далелҳои қаблии худ илова кард, ки "Ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ аз ҳуқуқи озодии фикр, виҷдон ва дин тааллуқ дорад. Он ба ҳар фард ҳуқуқ медиҳад, ки аз хидмати ҳатмии ҳарбӣ озод карда шавад, агар он бо дин ё эътиқоди ин шахс мувофиқат накунад."

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон бори нахуст соли 2011 дар парвандаи Баятян нисбати Арманистон ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбиро бо сабабҳои эътиқоди динӣ ё дигар эътиқодот эътироф кард.[229] Дар парвандаи мазкур Суд аз сабабҳои баровардани ҳукмҳои қаблӣ дар партави таҳаввулоти муҳим ҳам дар низоми ҳуқуқии дохилии кишварҳои узви Шӯрои Аврупо ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ба таври возеҳ дур шудааст.[230] Барои ба ин ҳуқуқ мувофиқат кардан, шахс бояд "байни вазифаи хидмат дар артиш ва виҷдонаш ё эътиқоди самимии динӣ ва дигар эътиқодҳои ҷиддӣ ва ҳалнашавандаро эҳсос кунадЭ;[231] ва ба муқобили иштирок кардан дар ҳар гуна шаклҳои ҷанг ва бурдани ярок эътирози қатъӣ ва самимона дошта бошад.[232] Эътироф кардани ҳуқуқ ба радкунии хидмати ҳарбӣ дар заминаи эътиқоди динӣ ва ё дигар эътиқодот боиси пайдо шудани ҳуқуқи давлатҳо оид ба пешниҳоди хидмати алтернативии граждании дорои "хактери воқеии гражданӣ", ки "боздоркунанда ё муҷозоткунанда" нест[233] ва ӯҳдадории давлатҳо барои таъмини "тартиби муассир ва дастрас" барои муайян кардани мақоми саркашӣ аз хидмати ҳарбӣ, аз ҷумла қабули қарорҳо аз ҷониби мақомоти ба таври кофӣ мустақилро фароҳам овард.[234] Умуман, дар собиқаи худ, Суд тафтиш карда, ки оё даъвогар ба мафҳуми шахси дар асоси эътиқодот аз хидмати ҳарбӣ саркашикунанда дохил мешавад ё на; оё алтернативаҳое вуҷуд доранд, ки ба таври муассир мушкилоти саркашӣ аз хидмати ҳарбӣ дар заминаи эътиқоди динӣ, аз ҷумла хидмати алтернативии ғайриҷазоӣ расидагӣ кунад; ва оё ҳадаф ва асосҳои қонунӣ барои муомилаи тафриқавӣ ё ҷазо додани саркашҳо дар асоси дин ва эътиқодот вуҷуд дорад ва оё чунин равиш ё муҷозот дар ҷомеаи демократӣ мутаносиб ва зарур аст ё на.

227 Кумитаи ҳуқуқи инсон. Огоҳиномаҳои № 1593-1603/2007.

228 Кумитаи ҳуқуқи инсон. Огоҳиномаҳои № 1642–1741/2007. Андешаҳо 24 марти соли 2011 қабул шудаанд.

229 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Баятян нисбати Арманистон (23459/03), 07/07/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-105611.

230 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., банди 101.

231 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., банди 110.

232 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Энвер Айдемир нисбати Туркия (26012/11). 07/09/2016. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-163456.

233 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Адян ва дигарон нисбати Арманистон (75604/11), 12/10/2017. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-177429.

234 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Савда нисбати Туркия (42730/05), 12/09/2012. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-111414; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Папавасилакис нисбати Юнон (66899/14), 15/09/2016. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-166850; нигаред ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Дягилев нисбати Россия (49972/16). 07/09/2020. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-201649.

Ин ҷанбаҳо бо назардошти он, ки оё қонунҳои амалкунанда мувозинати одилона байни манфиатҳои давлат ва ҳуқуқҳои шахсро риоя мекунанд, баҳо дода мешаванд. Суд инчунин масъалаи мавҷудияти чаҳорчӯби ҳуқуқии татбиқшавандаро баррасӣ намуда, шарҳ дода, ки чаро собиқаи судӣ оид ба ин масъала одатан дар якҷоягӣ бо муқаррароти моддаи 14 оид ба манъи табъиз[235] ва баъдан дар чаҳорчӯбаи моддаи 6 (1) оид ба ҳуқуқ ба мурофиаи одилона фаҳмида мешавад.[236]

Дар мавридҳое, ки хидматчиёни ҳарбӣ вобаста ба эътиқодот ва фаъолияти динии худ ҷазо ё фишор оварда шудаанд, шикоятҳо мувофиқи моддаи 9 баррасӣ мешавад. Ин парвандаҳо пеш аз ҳама ба иқдомот дар артиши Юнон нисбати воизон ва дар артиши Туркия нисбати афроде, ки бунёдгароёни исломӣ маҳсуб мешаванд, марбут аст.[237] Эҳтиром ба эътиқоди динии фард ба андозае муҳим аст, ки қабули як дини муайян набояд худ ба худ таҳримот ё барканор шуданро асос шавад.[238]

## 2. Маҳдуд кардани ҳуқуқи аз рӯи этиқодоти динӣ ё дигар эътиқодот даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ ё монеъ шудан ба татбиқи ин ҳуқуқ

“Озодии эътиқод ба дин танҳо бо ҳамон маҳдудиятҳое сурат мегирад, ки қонун муқаррар кардааст ва дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқ ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дигарон зарур аст”. [239] Маҳдудиятҳои шабеҳ дар Қонунҳои зер низ пешбинӣ шудаанд: КАҲИ [240] ва ПБҲШС.[241] Ҳолатҳои умумӣ, ки ин маҳдудиятҳо метавонанд ба пайравӣ ба дин ё эътиқод дар заминаи хидмати ҳарбӣ татбиқ карда шаванд, дар зер

235 Нигаред Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Н. нисбати Шветсия (10410/83), 11/10/1984. Тариқи линки зер дастрас аст: http:// hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-74737; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Петерс нисбати Нидерланд (21132/93), 06/04/1994. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-1835; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Тлимменос нисбати Юнон (34369/97), 06/04/2000. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc. echr.coe.int/eng?i=001-58561.

236 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Фети Демирташ нисбати Туркия (5260/07), 17/04/2012. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-108617; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Савда нисбати Туркия (42730/05), 12/09/2012. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-111414.

237 Барои мисол нигаред ба: Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Калач нисбати Туркия (20704/92), 01/07/1997. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58042; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Лариссис ва дигарон нисбати Юнон (140/1996/759/958-960), 24/02/1998. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr. coe.int/eng?i=001-58139.

238 Карен Рид. 2015. Роҳнамои таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 368.

239 КҲҲОАИ, моддаи 9(2).

240 КАҲИ, моддаи 12(2, 3) таъмин менамояд, ки 2. Ҳеҷ кас набояд ба маҳдудиятҳое, ки метавонад ба озодии нигоҳ доштан ё тағир додани дин ё эътиқоди ӯ халал расонад, қарор дода шавад. 3. Озодии эътиқод ба дин ва эътиқоди худ метавонад танҳо бо маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонун, ки барои ҳифзи амнияти ҷамъиятӣ, тартибот, саломатӣ ё ахлоқ, ҳуқуқ ё озодиҳои дигарон заруранд, татбиқ карда шавад.

муфассалтар баррасӣ карда мешаванд. Дар сатҳи системавӣ, Суд хеле равшан нишон дода, ки мавҷуд набудани алтернативаи хидмати ҳарбӣ барои саркашӣ аз рӯи пайравӣ ба дин ва эътиқод ба шахсон аз хидмати ҳарбиро танҳо бо "эҳтиёҷоти шадиди иҷтимоӣ" асоснок кардан мумкин аст,[242] зеро "зарурияти ҳифзи якпорчагии ҳудудии давлат"-ро баҳона нишон додан барои набудани шакли дахлдори алтернативии хидмат басанда нест.[243] Дар сатҳи инфиродӣ, Суд рад кардани давлатро аз эътироф кардани шахсе, ки аз рӯи эътиқод ва пайравии динӣ аз хидмати ҳарбӣ саркашӣ мекунад, ҳамчун монеа барои амалисозии ҳуқуқҳои пешбининамудаи моддаи 9 аз ҷониби ин шахс баррасӣ мекунад, ки асосноккуниро талаб дорад, аммо - ба шарте ки раванди қабули қарор аз ҷониби давлат ба ӯҳдадориҳои он дар моддаи 9 мувофиқ бошад (ниг. ба болотар) - хулосаи худро қабул мекунад, ба истиснои ҳолатҳои "худсарӣ ё беасосии ошкоро" (ниг. парвандаи "Диагилев нисбати Россия", ҳарчанд дар замони навиштани ин парванда дархост дар бораи ба Палатаи Бузург фиристодани парванда дар назар аст).

Инчунин бояд қайд кард, ки маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ метавонад танҳо ба ҳуқуқи эътиқодҳо ва пайравии инфиродӣ ва хусусии динӣ гузошта шавад, аммо на дар ҳаққи пайрав будан ба онҳо.[244] Ҳуқуқи доштани ҳама гуна эътиқод ва тағир додани дин ё эътиқоди худ дар ҳар вақт як ҳуқуқи мутлақ ва бидуни шарт аст. Давлат наметавонад тавассути ба сари одамон бор кардани низоми муайяни эътиқод, инчунин андешидани ҳама гуна чораҳои иҷборӣ барои маҷбур кардани шахс ба тағир додани эътиқоди мавҷуда ва татбиқи он халал расонад.[245]

241 ПБҲШС, парвандаи 18(3) "Озодии эътиқод ба дин ё эътиқодоти худ метавонад танҳо бо маҳдудиятҳое сурат гирад, ки қонун муқаррар кардааст ва барои ҳифзи амнияти ҷамъиятӣ, тартибот, саломатӣ ё ахлоқ ё ҳуқуқу озодиҳои асосии дигарон зарур аст". Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Баятян нисбати Арманистон (23459/03), 07/07/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-105611, банди 123.

242 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Мушфиг Маммадов ва дигарон нисбати Озарбойҷон (14604/08), 17/01/2020.

243 Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-197066, банди 97.

244 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2020. Дастур оид ба моддаи 9 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Озодии фикр, виҷдон ва дин. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Guide_Art_9_ENG.pdf, банди 25.

245 Барои мисол нигаред ба: Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Иванова нисбати Булғория (52435/99), 12/07/2007. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-80075 , банди 79; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Москуте нисбати Литва (66490/09), 27/05/2018. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-181202 , банди 119

# 3. Парвандаҳои вобаста ба масъалаи баррасишаванда

То соли 2000 таҷрибаи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбиро эътироф намекард. Якчанд шикоятҳо тибқи моддаи 4 (3) (б) аз рӯи моҳият ғайри қобили қабул дониста шуданд (масалан, ниг. Г.З. нисбати Австрия, № 5591/72, 02.04.1973 ё К. (Х.) нисбати Олмон", №7705/76, 05.07.1977). Дар қарорҳои баъдӣ Суд шикоятҳои шахсонеро, ки тибқи моддаи 9 даъват шудаанд, танҳо дар якҷоягӣ бо муқаррароти моддаи 14, ки дар робита ба муқаррароти мавҷуда дар бораи хидмати алтернативии шаҳрвандӣ рад карда шудаанд, баррасӣ намуд (ниг. Н. нисбати Шветсия", №10410/83, 11.10.1984). Тағирот дар вазъ дар мавриди эътирофи ҳуқуқ ба саркашӣ аз хидмати ҳарбӣ дар асоси эътиқодоти динӣ ҳамчун ҳуқуқи мустақил аз соли 2000 дар баробари ба вуҷуд омадани як консенсуси анқариб универсалӣ дар байни давлатҳои иштирокчӣ дар мавриди эътирофи саркашӣ аз хидмати ҳарбӣ дар асоси эътиқодоти динӣ ба амал меояд.[246]

***Тлимменос нисбати Юнон**:*[247] Даъвогар, Шоҳиди Яҳува, барои саркашӣ аз пӯшидани либоси низомӣ ҳангоми сафарбаркунии умумӣ ба итоат накардан маҳкум шуд. Пас аз адои нисфи мӯҳлати зиндон ӯ барои дарёфти вазифаи муҳосиби оинномавӣ муроҷиат кард, аммо ба далели маҳкум шуданаш дар ҷинояти вазнин хоҳиши ӯро рад карданд. Сарфи назар аз мавҷудияти қонуне, ки тибқи он шахсони барои итоат накардан дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ маҳкум шудаанд, метавонанд барои эътирофи эшон ба ҳайси шахси аз хидмати ҳарбӣ бо сабабҳои эътиқоди динӣ саркашикарда муроҷиат кунанд, аз ин рӯ, барои бекор кардани доғи онҳо муроҷиат намоянд, аризаи ӯ рад карда шуд. Ба дунбол, ӯ ба мақомоти давлатӣ шикоят бурда, изҳор дошт, ки "байни шахсоне, ки танҳо бар асоси эътиқоди динии онҳо барои ҷиноятҳои содиркардаашон ва дигар ҷиноятҳо маҳкум шудаанд, ҳеҷ тафовут гузошта нашудааст ва далелҳои шикоятшуда воқеан ҳам ба доираи салоҳияти моддаи 9 қонун дахл доранд". Суд муайян кард, ки дар якҷоягӣ бо муқаррароти моддаи 9 моддаи 14 вайрон карда шудааст, зеро хориҷ кардани ӯ аз касб ба ҳадафи таъмини ҷазои мувофиқ барои онҳое, ки аз хидмат саркашӣ мекунанд, номутаносиб аст, зеро ӯ аллакай мӯҳлати зиндонишавиро адо кард. Ҳарчанд комиссияе, ки аризаи ӯро оид ба вазифаи муҳосиби оинномавӣ баррасӣ мекунад, вазифадор буд, қонунро татбиқ кунад, аммо маълум шуд, ҳуқуқи даъвогар аз ҷониби қонунгузории дахлдори Юнон поймол карда шудааст, ки истисноҳои зарурӣро дар бар намегирад. Суд ба хулосае омад, маҳз давлат бо қабули қонунҳои дахлдор ҳуқуқи даъвогарро, ки ҳангоми татбиқи ҳуқуқаш тибқи моддаи 9 Конвенсия ба табъиз дучор нашавад, поймол кардааст. Давлат ин ҳуқуқро вайрон карда, ба тартиботи қонуние, ки ба

246 Карен Рид. 2015. Роҳнамои таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 368.

247 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Тлимменос нисбати Юнон (34369/97), 06/04/2000. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58561.

шахсони барои ҷинояти вазнин маҳкумшуда кор карданро ба сифати муҳосиби оинномавӣ манъ мекунад, истисноҳои дахлдор содир накардааст.

***Ӯлке нисбати Туркия:***[248] ин даъвогар худро патсифист (сулҳпарвар) эълон карда, аз хидмати ҳарбӣ бо сабаби эътиқодҳояш саркашӣ мекард. Дар натиҷаи рад кардани чандинкарата ӯ бо сабабҳои гуногун ба ҷавобгарӣ кашида шуд. Суд дар асоси ҳукми қаблии худ дар Тлимменос нисбати Юнон қарори якдилона баровард, ки хулосаҳои моддаи 9-ро нодида гирад ва ба ҷои он вайронкунии эҳтимолии моддаи 3-ро тафтиш кунад. Он ба манфиати даъвогар ҳукм баровард ва муайян кард, ки вайронкунии моддаи 3 аз сабаби мавҷуд набудани заминаи қонунии татбиқшаванда, ки ба назари Суд, барои ҳифзи дахлдори ҳолатҳое, ки дар натиҷаи аз рӯи эътиқодҳо саркашӣ кардан аз хидмати ҳарбӣ ба вуҷуд меоянд, таъмин карда шудааст. Суд инчунин муайян кард, ки амалҳои минбаъдаи паси ин ҳолат рухдода ба мақсадҳои таъмин намудани адои хидмати ҳарбӣ аз ҷониби даъвогар номутаносиб буданд.

***Баятян нисбати Арманистон:***[249] Бори аввал буд, ки Суд воқеан саволеро баррасӣ кард, оё ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ дар моддаи 9-уми Конвенсияи Аврупо кафолат дода шудааст ё на?[250] Даъвогар Шоҳиди Яҳува буд, ки ҳарчанд аз хидмати ҳатмии ҳарбӣ даст кашид, аммо пешниҳод кард бар ивaз хидмати алтернативии шаҳрвандӣ ба ҷо оварад. Аммо дар он вақт Арманистон чунин алтернатива пешниҳод намекард ва бинобар ин даъвогар аз вайрон кардани моддаи 9 иддао кардааст. Суд ҳукм кард, ки ҳарчанд Комиссия қаблан нисбат ба шахсони аз рӯи эътиқоди динӣ аз хидмати ҳарбӣ саркашикарда татбиқи муқарраротӣ моддаи 9-ро рад карда бу, ин тафсири маҳдудкунанда ақидаҳои дар он вақт паҳншударо инъикос мекард ва аз он вақт дигаргуниҳои муҳим ба амал омаданд. Вай қайд кард, ки моддаи 9 набояд танҳо дар якҷоягӣ бо моддаи 4 (3) банди "б" хонда шавад: "ба ин муносибат Суд қайд мекунад, ки дар моддаи 9 ба таври возеҳ ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ ба сабабҳои эътиқоди диниро пешбинӣ накардааст. Аммо Суд бар ин назар аст, ки эътироз ба хидмати ҳарбӣ, вақте ки он бар асари ихтилофи ҷиддию бартарафнашавандаи байни ӯҳдадории хидмат дар артиш ва виҷдони шахс ё эътиқоди амиқи динӣ ё дигар эътиқодҳои ӯ сурат мегирад, эътиқод ё нуқтаи назари ӯ ақидае, ки ба қадри кофӣ раднашаванда, ҷиддӣ, пойдор ва муҳим барои татбиқи кафолатҳои моддаи 9 асоси кофист".[251] Суд ҳамчунин қайд кард, ки ин гуна парвандаҳо бояд дар алоҳидагӣ баррасӣ шаванд.[252] Суд ҳамчунин муайян кард, ки маҳкумияти даъвогар барои саркашӣ аз хидмати ҳарбӣ дахолат ба эътиқоди динии ӯ будааст. Ҳангоми қарор дар бораи асоснок будани чунин дахолат

248 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, Парвандаи Ӯлке нисбати Туркия (39437/98), 24/04/2006. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-72146.

249 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Баятян нисбати Арманистон (23459/03), 07/07/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-105611.

250 Дафтари Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон. 2012. Саркашӣ аз хидмати ҳарбӣ бар асоси виҷдон. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ohchr.org/Documents/Publications/ConscientiousObjection_en.pdf, саҳ.15.

251 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Баятян нисбати Арманистон (23459/03), 07/07/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-105611, банди 110.

252 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

суд инҳоро таҳлил кардан: (i) оё он аз ҷониби қонун пешбинӣ шудааст; (ii) оё он як ё якчанд ҳадафҳои қонунии дар банди 2 пешбинишударо амалӣ кардааст; ва (iii) оё он дар ҷомеаи демократӣ зарур буд. Суд тасмим гирифта, ки дастури қонунро баҳо надиҳад, аммо қарор кард ҳадафи қонунӣ вуҷуд надорад, зеро дар замони маҳкумият мақомоти давлатии Арманистон аллакай ӯҳдадор шуда буданд, ки хидмати алтернативии шаҳрвандӣ ҷорӣ кунанд. Инчунин, ҳангоми муайян кардани он, ки оё чунин дахолат дар ҷомеаи демократӣ зарур аст, Суд қайд кард, ки низоми Арманистон дар асоси эътиқоди дохилӣ ҳеҷ гуна озодкуниро аз хидмати ҳарбӣ пешбинӣ накардааст ва онҳоеро, ки аз хидмати ҳарбӣ саркашӣ кардаанд, ҷазо медиҳад. Ба ҳамин тариқ, вай дар байни манфиатҳои тамоми ҷамъият ва манфиатҳои ин даъвогар таносуби одилонаро ба вуҷуд наовард. Илова бар ин, он далел, ки Арманистон аллакай ба таъсиси хидмати алтернативии шаҳрвандӣ розӣ шуда буд, аз эътирофи он шаҳодат медиҳад, ки озодии эътиқод метавонад дар қабул накардани хидмати ҳарбӣ ифода карда шавад ва ин масъала бояд бо роҳи ҷорӣ намудани чораҳои алтернативӣ нисбат ба ҷазо додани шахсоне, ки барои эътиқоди динӣ ва дигар эътиқодҳо аз хидмати ҳарбӣ саркашӣ мекунанд, ҳал карда шавад. Ҳамин тариқ, ҳеҷ гуна ниёзи фаврии иҷтимоӣ вуҷуд надошт, ки чунин дахолатро асоснок кунад. Дар натиҷа Суд бори аввал дар таърихи худ вайрон кардани моддаи 9-ро дар асоси аз рӯи эътиқодот рад кардани хидмати ҳарбиро муайян кард.

*Эрчеп нисбати Туркия:*[253] Даъвогар, Шоҳиди Яҳува, аз хидмати ҳарбӣ даст кашид ва баъдан дар беш аз бисту панҷ даври муҳокимаи парванда барои фироркорӣ ба ҷавобгарӣ кашида шуд. Вай дар асоси моддаи 9-уми Конвенсия даъво пеш овард. Суд муайян кард, ки вайронкунии моддаи 9 ҷой доштааст, зеро заминаи мувофиқи ҳуқуқии танзимкунандаи мақоми саркашӣ аз рӯи эътиқоди динӣ вуҷуд надорад ва дар сурати мавҷуд набудани шаклҳои алтернативии хидмат чораҳои аз ҷониби Ҳукумат нисбати даъвогар андешидашуда нолозиманд. Суд ҳамон далелеро истифода бурд, ки дар парвандаи Баятян нисбати Арманистон,[254] зикр карда буд: "системаи хидмати ҳатмии ҳарбӣ дар Туркия ба зиммаи шаҳрвандон ӯҳдадориҳое мегузорад, ки барои саркашӣ бо сабаби эътиқоди динӣ оқибатҳои вазнин дошта бошанд" ва "чунин низом байни манфиатҳои ҷомеа дар маҷмӯъ ва манфиатҳои саркашҳои бо сабабҳои эътиқоди динӣ мувозинати одилонаро ба вуҷуд намеовард. Аз ин рӯ, муҷозоте, ки ба даъвогар бидуни назардошти талаботи эътиқоди ӯ таъин шудааст, чораи зарурӣ дар ҷомеаи демократӣ дониста намешавад”. Баъдан, Суд дархост кард, ки ба қонунгузории дохилӣ ислоҳот ворид карда шавад, то мутобиқати он бо ҳуқуқҳои дар Конвенсия зикршуда мувофиқат кунад.

253 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Эрчеп нисбати Туркия (43965/04), 22/11/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=002-313.

254 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Баятян нисбати Арманистон (23459/03), 07/07/2011. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-105611.

***Фети Демирташ нисбати Туркия:***[255] Даъвогар, Шоҳиди Яҳува, сарфи назар аз он, ки такя ба ақидаи диниаш аз адои хидмати ҳатмии ҳарбӣ саркашӣ мекард, маҷбуран ба хидмати ҳарбӣ даъват карда шуд. Ба полки худ омада, аз пӯшидани либоси низомӣ худдорӣ кард. Баъдан, нисбат ба ӯ парвандаи ҷиноӣ боз шуд ва трибунали фармондеҳии неруҳои ҳавоӣ чанд ҳукми зиндон баровард. Даъвогар ҳамчунин иддао кардааст, ки ҳангоми боздошт ӯ ба муносибати бераҳмона ва таҳдидҳо дучор шудааст. Палата вайронкунии моддаҳои 3 ва 9-ро муайян кард, зеро имкони адои хидмати алтернативӣ вуҷуд надошт ва низоми хидмати ҳатмии ҳарбӣ, ки мавриди баррасӣ қарор дорад, тавозуни одилона байни манфиатҳои тамоми ҷомеа ва манфиатҳои шахсони аз рӯи эътиқоди динӣ аз хидмати ҳарбӣ саркашидоштаро ба вуҷуд наовард. Дар натиҷа, маълум шуд, ки ҷазоҳои таъиншуда дар ҷомеаи демократӣ зарур нестанд. Палата инчунин муайян кард, ки моддаи 6 (1) вайрон карда шудааст.

***Савда нисбати Туркия:***[256] Даъвогар худро сулҳхоҳи худхонда эълон карда, хидмати ҳарбиро тарк кардааст. Пас аз адои ҳукми зиндон ба ӯ амр шуд, ки хидмати ҳарбӣ кунад, аммо ӯ аз пӯшидани либоси низомӣ сарпечӣ кард ва саркашиашро аз хидмати хидмати ҳарбӣ бо сабабҳои эътиқодӣ эълон кард. Дар пайи як қатор парвандаҳои ҷиноӣ ва ташхиси бемории "ихтилоли шахсияти зидди иҷтимоӣ" даъвогар аз хидмати ҳарбӣ озод карда шуд. Ин шикоят ба ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ тибқи моддаи 9 дахл дошт, ки дар Туркия эътироф нашудааст ва барои он ҳеҷ гуна ҳимояи ҳуқуқии миллӣ вуҷуд надошт. Суд вайронкунии моддаҳои 9, 3 ва 6 (1) муайян кард. Ҳамчун далели худ Суд чунин шуморид, ки мансабдорони давлатӣ вазифадор буданд, ки ба даъвогар воситаи муассир ва дастрасро фароҳам оваранд, бад-ин васила ба ӯ имкон дода мешуд муайян созад, ки оё вай барои аз рӯи эътиқод даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ барои муҳофизати манфиатҳои дар моддаи 9 кафолатдодашуда ҳуқуқ дошт ё на. Системае, ки инро таъмин накард, мувозинати одилонаи манфиати тамоми ҷамъият ва манфиати шахсони аз рӯи эътиқод аз хидмат саркашикардаро таъмин карда натавонист. Аз ин бармеояд, ки мақомоти дахлдор ӯҳдадориҳои дар моддаи 9 ба зимма гирифтаашонро иҷро накардаанд.

***Энвер Айдемир нисбати Туркия:***[257] баъди ба хидмати ҳарбӣ даъват шудан даъвогар аз иҷрои он саркашӣ намуда, худро шахси аз рӯи эътиқоди динӣ аз хидмати ҳарбӣ дасткашида эълон кардааст. Дар ҷараёни баррасии парвандаи ҷиноӣ ӯ рад кардани аслияти дунявии Туркия ва пойбандӣ ба фиқҳи "шариат"-и исломиро дар дифоъ аз тасмимаш дар бораи напӯшидани либоси низомии мутааллиқ ба Ҷумҳурии Туркия унвон кард. Зимни боздошт ӯро маҷбур ба пӯшидани либоси низомӣ кардаанд ва

255 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Фети Демирташ нисбати Туркия (5260/07), 17/04/2012. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-108617.

256 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Савда нисбати Туркия (42730/05), 12/09/2012. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-111414.

257 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Энвер Айдемир нисбати Туркия (26012/11), 07/09/2016. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-163456.

гӯё ба шаклҳои гуногуни муносибати бераҳмона гирифтораш кардаанд. Суд ба он ишора кард, ки Кумитаи ҳуқуқи инсон консепсияи консептуалии даст кашидан аз хидмати ҳарбиро, ки бо ӯҳдадории истифодаи қувваи марговар алоқаманд аст, ташаккул додааст, аммо қайд кард, ки дар доираи қонунгузории худ радкунии адои хидмат аз рӯйи сабабҳои эътиқоди динӣ ё дигар, инчунин ба эътирози қатъӣ, доимӣ ва самимӣ нисбат ба иштирок дар ҳама гуна шаклҳои ҷанг ё доштани силоҳ дахл дорад. Вай инчунин қайд кард, ки "Кишварҳои Аҳдкунанда дар муайян кардани ҳолатҳое, ки онҳо ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбиро эътироф мекунанд ва дар таъсиси механизмҳои баррасии даъвоҳо дар ин замина аз озодии салоҳият бархурдор шудаанд". Суд ҳангоми таҳлили он, ки оё ҳукми даъвогар асос барои саркашӣ аз адои хидмати ҳарбӣ буд, қайд кард, ки "на ҳама ақидаҳо ва эътиқодҳо ба доираи банди 9 банди 1 Конвенсия дохил мешаванд. Шикояти даъвогар ба шакли эътиқод ба дин ё эътиқод бо роҳи ибодат, иҷрои расму оинҳои динӣ ва таълим дар доираи маънои қисми дуюми банди 1 моддаи 9 дахл надорад. Илова бар ин, истилоҳи "расму русуми мазҳабӣ" дар банди 1 моддаи 9 на ҳар амалеро, ки дар зери таъсири дин ё эътиқод анҷом дода шуда буд ва ё бо ангезаи онҳо сурат гирифтааст, фаро мегирад ... Далелҳо ... нишон намедиҳанд, ки эътиқоди изҳоркардаи ӯ эътирози қатъӣ, устувор ва самимӣ ба иштирок дар ҳама гуна шакли ҷанг ё ба даст гирифтани силоҳро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ Суд далелҳои кофӣ ба даст наовард, то ба хулосаеояд, ки эътирози даъвогар ба адои хидмати ҳарбӣ ба эътиқоди самимии динӣ асос ёфтааст, то бо ӯҳдадории адои хидмати ҳарбӣ мухолифати ҷиддӣ ва ҳатмӣ дошта бошад".[258] Аз ин рӯ Суд тибқи моддаи 9 баррасии ин аризаро рад кард, зеро аз рӯи эътиқоди динӣ даст кашидани аризадиҳанда аз хидмати ҳарбӣ бо эътиқоди динӣ ё дигар эътиқоди ба ин монанд асос надошт. Бо вуҷуди ин Суд вайронкунии моддаи 3-ро аз сабаби вайрон кардани қонуни моддӣ ва мурофиавиро муайян кард.

***Папавасилакис нисбати Юнон:***[259] шикоят аз ҷониби як шаҳрванди Юнон, ки худро Шоҳиди Яҳува эълон кард (вале бидуни таъмид), ки ба зӯроварӣ эътироз кард ва дар ин замина барои хидмати алтернативии шаҳрвандӣ муроҷиат кард. Тибқи қонунҳои Юнон қабул ба ин гуна хидмат бо қарори вазорати дифоъи миллӣ, бар асоси хулосаи Шӯрои вижае, ки аз афроди алоҳида иборат аст, дар асоси ҳуҷҷатҳо ё ҷаласа сурат мегирад. Дархости ӯ рад карда шуд ва баъдан ба ӯ супориш доданд, ки барои итоат накардан ҷарима супорад. Суд чунин мешуморад, ки "давлатҳо дар чунин масъалаҳо ӯҳдадориҳои мусбат доранд ва он танҳо бо таъмини он, ки мувофиқи қонунгузории дохилӣ расмиёти баррасии дархостҳо дар бораи даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ аз рӯи эътиқодот вуҷуд дорад ё на, маҳдуд нест; ин тартиб низ бояд самаранок ва дастрас бошад. Яке аз шартҳои муҳими самаранокии чунин фармон мустақилияти шахсони иҷрокунандаи он буд".[260]

258 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2016. Хулосаи ҳуқуқӣ Энвер Айдемир нисбати Туркия (26012/11). Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=002-11230.
259 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Папавасилакис нисбати Юнон (66899/14), 15/09/2016. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-166850.

Суд бар асоси ҳукми қаблии худ, ҳамчунин қайд кард, ки хатари асосноки маҷбур кардани шахсони аз рӯи эътиқодот аз хидмати ҳарбӣ саркашимекарда барои ҳозир шудан ба суди ҳарбӣ вуҷуд дорад. Он эътироф кард, ки шахси радкунандаи адои хидмати ҳарбӣ аз рӯи эътиқоди динӣ ё дигари танҳо барои ҷиноятҳои дорои хусусияти ҳарбӣ ба суди ҳарбӣ овардашуда, метавонад тарафи парванда ҳисобида шавад ва шахси манфиатдор метавонад тарси оқилона дошта бошад, ки Суд метавонад беасос ба таъсири ғаразнок гирифтор шавад (инчунин ба парвандаи Фети Демирташ дар боло нигаред). Ба ин муносибат Суд қайд кард, ки агар ду нафар аъзои Шӯро, ки шаҳрвандони ғайринизомӣ буданд, ҳузур дошта бошанд, аксарияти аъзои Шӯро шаҳрвандони ғайринизомӣ хоҳанд буд. Ба гуфтаи Суд, "даъвогар аз ин рӯ метавонад ба таври оқилона битарсад, ки бидуни узви ҷомеаи динӣ вай наметавонад эътиқоди идеологии худро ба афсарони мансабие, ки дар иерархияи ҳарбӣ мансабҳои баланд доранд, фаҳмонида тавонад". [261] Дар натиҷа Суд муайян кард, ки мақомоти салоҳиятдор барои таъмини талаботи моддаи 9 - аз ҷониби комиссияҳои муваққатӣ бо мақсади баҳо додан ба асоснокии даъвоҳои шахсони аз рӯи эътиқоди динӣ аз хидмат саркашикарда ба тарзе, ки самаранокии мурофиаро кафолат диҳад ва то ин ки дар ин комиссияҳои ҳам хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳам ғайринизомиён баробар намояндагӣ кунанд, пурсиш нагузаронида, ҳамин тариқ ӯҳдадориҳои мусбаташонро иҷро накардаанд.

***Адян ва дигарон нисбати Арманистон:***[262] даъво тибқи моддаи 9 аз ҷониби як гурӯҳи Шоҳидони Яҳува пас аз адои як қисми ҳукми зиндон барои саркашӣ аз адои ҳам хидмати ҳарбӣ ва ҳам шаҳрвандӣ, бо мазмуни зер ироа шудааст: хидмати алтернативии граждании пешниҳодшуда воқеан гражданӣ нест, зеро роҳбарии он аз тарафи мақомоти ҳарбӣ ба амал бароварда шудаст. Суд қайд кард, ки танҳо мавҷудияти хидмати алтернативӣ барои ба хулосае омадан, ки мақомоти давлатӣ ӯҳдадориҳои худро тибқи моддаи 9 иҷро кардаанд, кифоя нест. Суд чунин шумурд, ки дар сурати ба давлат иҷозат додани ҷорисозии системаи хидмати алтернативии дорои табиати боздоранда ва ҷазодиҳанда ҳуқуқи даст кашидан аз хидмати ҳарбии бо моддаи 9-и Конвенсия кафолатдодашударо ботил хоҳад кард. Агарчи Суд тасдиқ карда, ки корҳои аз тарафи шахсони хидмати алтернативиро ба ҷо оварда характери гражданӣ дошт, "муаянсозии хусусияти кори анҷомдодашуда танҳо як омилест, ки характери шаҳрвандӣ доштани хидматро тасдиқ карда метавонад. Барои ҳалли ин масъала омилҳо ба монанди идоракунӣ, назорат, қоидаҳои татбиқшаванда ва атрибутҳои беруна низ метавонанд муҳим бошанд".[263] Ҳангоми арзёбии хусусияти хидмати алтернативии шаҳрвандӣ, Суд ду хулосаи иловагӣ ба даст овард. Аввалан, ин хидмати алтернативӣ аз ҷиҳати фармондеҳӣ ва назорат ба қадри кофӣ аз низоми ҳарбӣ ҷудо карда нашудааст, зеро низомиён дар роҳбарӣ ва

260 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2016. Хулосаи ҳуқуқӣ - Папавасилакис нисбати Юнон (66899/14). Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=002-11317.

261 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

262 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Адян ва дигарон нисбати Арманистон (75604/11), 12/01/2018. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-177429.

ташкили хидмати алтернативӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои санҷишӣ, беиҷозат ба кор рафтан, интиқол, таъинот ширкат доштанд. Дар мавриди татбиқи қоидаҳои ҳарбӣ бошад, шахсони ғайринизомие, ки дар ин хидматро адо мекарданд, бояд либоси ҳарбӣ пӯшанд. Сониян, Суд қайд кард, ки собиқаи хидмати алтернативӣ (ба ҷои 24 моҳи хидмати ҳарбӣ 42 моҳ) эҳтимолан таъсири боздоранда ва ҳатто ҷазо дошт. Бинобар ин, Суд чунин мешуморад, ки вайронкунии моддаи 9 ба амал омадааст, зеро мақомоти давлатӣ талаботи эътиқодии даъвогаронро ба қадри кофӣ ба эътибор нагирифта, системаи хидмати алтернативиро, ки таносуби одилонаи манфиати тамоми ҷамъият ва манфиати даъвогаронро (ки дар ҷомеаи демократӣ зарур аст) таъмин намояд, кафолат намедод.

***Мушфиг Маммадов ва дигарон нисбати Озарбойҷон:*** [264] Даъвогарон, як гурӯҳи Шоҳидони Яҳува бар асоси моддаи 9 шикоят карданд, ки пас аз рад шудани дархости онҳо дар бораи хидмати алтернативии шаҳрвандӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, онҳо ба ҷавобгарӣ кашида шуда, ба ҳабс маҳкум шуданд. Суд дар асоси таҷрибаи қаблии худ таҳлил кард, ки оё чораҳои дар сатҳи миллӣ андешидашуда асосан асоснок ва мутаносиб буданд ё на. Суд вайронкунии моддаи 9-ро бинобар мавҷуд набудани низоми хидмати алтернативӣ, ки монеа барои татбиқи ҳуқуқҳои дар моддаи 9 пешбинишуда буд, муайян кард ва он дар ҷомеаи демократӣ зарур набуд. Суд ҳукумати Озарбойҷонро муваззаф кардааст, ки ба қонунгузории марбута тағирот ворид кунад.

263 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Адян ва дигарон нисбати Арманистон (75604/11), 12/01/2018. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-177429, банди 68.

264 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Мушфиг Маммадов ва дигарон нисбати Озарбойҷон (14604/08), 17/01/2020. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-197066.

# Озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо

## 1. Тавсиф ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ

“Дар Санади ниҳоии Ҳелсинки ва бисёр дигар созишномаҳои ИАҲА/САҲА ҳамаи давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадор шуданд, ки аз ҷамъомадҳои осоишта ва эҳтироми ҳуқуқи шахсони алоҳида ба иттиҳодия бо дигарон, ҳатто, агар онҳо андешаҳои интиқодӣ ё умуман нописанд нисбат ба ҳукуматро баён кунанд, тахти ҳимояи хеш гиранд".[265] Татбиқи озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо дар ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Ҷереми Бентам дар асари худ дар соли 1776 "Фрагментҳо дар бораи ҳукумат" озодии иттиҳодияро ҳамчун амнияте тавсиф кардааст, ки одамони норозӣ метавонанд эҳсосоти худро баён кунанд, нақшаҳои худро мувофиқат кунанд ва ҳама шаклҳои мухолифатро истифода баранд, ба истиснои исёни ҳақиқӣ, пеш аз он ки аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дахолати иҷроия асоснок шавад".[266] Аз он вақт инҷониб, консепсияи озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо таҳаввул ёфт ва ҳоло дар санадҳои асосии ҳуқуқи инсон эътироф карда мешавад. Озодии ҷамъомадҳо маҷлисҳои оммавӣ ё хусусӣ, роҳпаймоиҳо, маршҳо, намоишҳо ва нишастҳоро дар бар мегирад, ки ҳадафи онҳо метавонад сиёсӣ, динӣ ё рӯҳонӣ, иҷтимоӣ ё дигар хел бошад. Дар ҳақиқат ба ин гуна мақсадҳо, ба ғайр аз шарте, ки ҳар як ҷамъомад бояд осоишта бошад, ягон маҳдудият ҷорӣ кардан мумкин нест. Ба вуқӯъ омадани зӯроварии тасодуфӣ маънои онро надорад, ки ҷамъомад аз ҳимояи он, ки бо ҳуқуқи озодии ҷамъомадҳо кафолат дода мешавад, маҳрум аст, ба шарте ки ҷамъомад ҳадафи харобиовар надошта бошад.[267] Аммо ассотсиатсияҳое, ки ба фаъолиятҳои хилофи арзишҳои Конвенсия машғуланд, наметавонанд аз ҳимояи дар моддаи 11 пешбинишуда тибқи муқаррароти моддаи 17, ки истифодаи Конвенсияро бо мақсади бекор кардан ё ғайриқонунӣ маҳдуд карданро манъ мекунад, аз ҳуқуқҳои бо он кафолат додашуда баҳра баранд.[268] Озодии иттиҳодияҳо ҳуқуқи муттаҳид шудан бо дигаронро барои таъсиси созмонҳое, ки тавассути онҳо ҳадафҳои умумӣ амалӣ хоҳанд шуд, таъмин менамояд.

265 Комиссияи оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо. Озодии иттиҳодияҳо ва ҷамъомадҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.csce.gov/issue/freedom-association-and-assembly.

266 "Озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо”. Ҳукуматҳои ҷаҳон: Роҳнамои глобалӣ оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон. Encyclopedia.com. (30 сентябри соли 2020). Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.encyclopedia.com/international/legal-and-political-magazines/freedom-assembly-and-association; Ҳамчунин нигаред, Бентам, Ҷереми - Библиографияи иловагӣ. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.encyclopedia.com/people/philosophy-and-religion/philosophy-biographies/jeremy-bentham.

267 Шӯрои Аврупо. Озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.coe.int/en/web/ echr-toolkit/la-liberte-de-reunion-et-dassociation.

268 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2020. Дастур оид ба моддаи 11 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/ Guide_Art_11_ENG.pdf, банди 109.

Дар он аз ҷумла, ҳуқуқи ташкили иттифоқҳои касаба барои ҳифзи манфиатҳои аъзоёни худ пешбинӣ шудааст. Ба ғайр аз иттифоқҳои касаба, ду намуди иттиҳодия аҳамияти махсус доранд: ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ.[269]

Дар моддаи 11 (1) Конвенсия гуфта мешавад, ки ҳар як шахс ба озодии ҷамъомадҳои осоишта ва озодии иттиҳодияҳо бо дигарон, аз ҷумла ҳуқуқи таъсис додан ва ҳамроҳ шудан ба иттифоқҳои касаба барои ҳимояи манфиатҳои худро дорост.[270] Моддаи 20-и ЭУҲБ мегӯяд, ки: (1) ҳар як шахс ба озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳои осоишта ҳуқуқ дорад ва (2) ҳеҷ кас наметавонад маҷбур карда шавад, то ба ягон иттиҳодия шомил шавад. Моддаи 21-и ПБҲШС эътирофи ҳуқуқ ба ҷамъомадҳои осоиштаро кафолат медиҳад. СММ Гузоришгари махсусро оид ба ҳуқуқ ба озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳои осоишта таъин кардааст. Гузоришгари махсус ваколатдор аст, ки маълумотро оид ба тамоюлҳои глобалӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ва масъалаҳои марбут ба ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳои осоишта ҷамъоварӣ ва мубодила кунад; оид ба тарзи таъмини пешбурд ва ҳифзи ин ҳуқуқҳо тавсияҳо пешниҳод намояд; дар бораи вайронкунӣ, инчунин табъиз, таҳдид ё зӯроварӣ, таъқиб, тарсондан ё таъқиб нисбати шахсоне, ки ин ҳуқуқҳоро истифода мебаранд, хабар диҳад. [271]

Ҳуқуқ ба озодии ҷамъомадҳои осоишта бо ҳуқуқ ба озодии фикр, виҷдон ва дин (моддаи 9) ва озодии баён (моддаи 10) робитаи зич дорад. Моддаҳои 10 ва 11 (озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо) ҷанбаъҳои муҳими ҷомеаи демократӣ мебошанд ва набояд ба таври маҳдуд шарҳ дода шаванд.[272] Ҳимояи афкор ва озодии баён яке аз унсурҳои асосии моддаи 11 мебошад.[273] Ҳамин тариқ, моддаи 11-ро бояд дар заминаи моддаи 10 хонд, ки ҳадаф аз татбиқи озодии ҷамъомадҳо изҳори андешаи шахсӣ ва фароҳам овардани фазои баҳси оммавӣ ва эътирози ошкоро аст.[274]

269 Шӯрои Аврупо. Озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.coe.int/en/web/echr-toolkit/la-liberte-de-reunion-et-dassociation.

270 КҲҲОАИ, моддаи 11(1).

271 Ба Дафтари Ҳуқуқи Башари Созмони Милали Муттаҳид дар Комиссари Олии СММ нигаред. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.ohchr.org/EN/Issues/AssemblyAssociation/Pages/SRFreedomAssemblyAssociationIndex.aspx.

272 Дастур оид ба моддаи 11 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Guide_Art_11_ENG.pdf, банди 1.

273 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., банди 3.

274 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., банди 4.

## 2. Маҳдудиятҳои озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо ё монеа дар амалисозии он

Ҳуқуқ ба озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо мутлақ нест. Мутобиқи моддаи 4 ПБҲШС, давлатҳо метавонанд барои даст кашидан аз ӯҳдадориҳои муайяни Паймон, аз ҷумла ҳуқуқ ба озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо, “дар ҳолати вазъияти фавқулода, ки дар он ба ҳаёти миллат таҳдид карда мешавад ва расман эълон шудааст” чораҳо андешад. Ин гуна чораҳоро танҳо "ба андозае, ки зарурати вазъият талаб мекунад, ба шарте ки ин гуна чораҳо ба ӯҳдадориҳои дигари онҳо тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ мухолиф набошанд ва табъизро аз рӯи нажод, ранг, ҷинс, забон, дин ё пайдоиши иҷтимоӣ амалӣ накунад".[275] Моддаи 21-и ПБҲШС пешбинӣ мекунад, ки татбиқи ҳуқуқ ба озодии ҷамъомадҳо ба ғайр аз маҳдудиятҳое, ки қонун муқаррар кардааст ва дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати амнияти давлат ё ҷамъият, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ заруранд, набояд ба он ягон маҳдудият ворид карда шавад. Моддаи 22 (2) муқаррароти шабеҳро дар бораи озодии иттиҳодияҳо дар бар мегирад.

Тибқи моддаи 11 Конвенсияи Аврупо озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо се унсури асосиро дар бар мегирад: озодии ҷамъомадҳои осоишта, озодии иттиҳодияҳо бо дигарон ва ҳуқуқи таъсис ва пайвастан ба иттифоқҳои касаба барои ҳимояи манфиатҳои худ. Дар моддаи 11 гуфта мешавад: “истифодаи ин ҳуқуқҳо ба ғайр аз маҳдудиятҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд ва дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати амнияти миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, бо мақсади пешгирии бетартибӣ ва ҷинояткорӣ, ҳифзи саломатӣ ва ахлоқ ё ҳифзи ҳуқуқ заруранд, набояд маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳои дигарон бошад. Моддаи мазкур аз ҷониби шахсоне, ки аъзои қувваҳои мусаллаҳ, полис ё мақомоти маъмурии давлат мебошанд, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои қонунӣ барои татбиқи ин ҳуқуқҳоро манъ намекунад”.[276] Дар ин ҷо миқёс ва татбиқи ин қоида нисбат ба шахсоне, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, равшан муайян карда шудааст. Собиқаи судӣ боз равшан мекунад, ки ҳарчанд давлат вазифадор аст озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳои кормандони худро эҳтиром кунад, ба он иҷозат дода мешавад, ки барои татбиқи ин ҳуқуқҳо аз ҷониби шахсони аъзои қувваҳои мусаллаҳ, полис ё мақомоти маъмурии давлат мувофиқи банди ниҳоии банди 2 моддаи 11 маҳдудиятҳои қонунӣ ҷорӣ кунад.[277] То ба имрӯз таҷрибаи Суди Аврупо асосан ба маҳдудиятҳои ҳуқуқи хидматчиёни

275 ПБҲШС, парвандаи 4.
276 КҲҲОАИ, моддаи 11(2).
277 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2020. Дастур оид ба моддаи 11 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/ Guide_Art_11_ENG.pdf.

давлатӣ ба озодии иттиҳодияҳо дахл кардааст, на озодии ҷамъомадҳо.[278]

Дар мавриди он ки оё “дар ҷомеаи демократӣ” ба амалисозии ҳуқуқҳои тибқи моддаи 11 монеъ шудан зарур аст, Суд тасдиқ кард, ки амалӣ намудани ҳуқуқҳои таъсис ва пайвастан ба иттифоқҳои касаба аз ҷониби шахсоне, ки аъзои қувваҳои мусаллаҳ, полис ё мақомоти маъмурии давлатӣ мебошанд, маҳдудиятҳои қонунӣ ҷорӣ карда шавад. Аммо истисноҳое, ки дар моддаи 11 зикр шудаанд, бояд танҳо дар ҳолатҳои муайян татбиқ карда шаванд, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки сабабҳои узрнок ва ҳатмӣ метавонанд маҳдудкунии озодии иттиҳодияҳои ин шахсонро асоснок созад. Ҳангоми муайян кардани зарурат ба маънои моддаи 11, банди 2, Давлатҳои Аҳдкунанда сатҳи маҳдуди озодии салоҳият доранд, ки бо назорати қатъии риояи қонун ва қарорҳо оид ба татбиқи қоидаҳои он, аз ҷумла қарорҳои аз ҷониби судҳои мустақил қабулшаванда вобастагии зич дорад.[279] Суд аксар вақт санҷиши зарурати ҷомеаи демократиро аз он оғоз мекунад, ки оё дахолат ҷавоб ба “талаботи фаврии иҷтимоӣ” аст ё на. Барои намуна, барои муайян кардани он, ки оё маҳдудияти ҳуқуқи ташкилёбии он ҷавоби эҳтиёҷоти тезутунди иҷтимоист, зарур аст, ки далелҳои боварибахше дошта бошанд, ки таъсис ё фаъолияти иттифоқи касаба ба давлат ё ҷамъияти демократи таҳдиди кофии ногузир дорад. Арзёбии мавҷудияти чунин таҳдид пеш аз ҳама аз ҷониби мақомоти давлатӣ анҷом дода мешавад, ки онҳо имтиёзҳои васеъ доранд. Бо вуҷуди ин он наметавонад назорати судиро аз ҷониби Суд ҷойгузин бошад.[280]

Дахолат инчунин бояд ба баҳодиҳии мутаносибии он ҷавоб диҳад, ки он тавре ки дар боло зикр гардид, мувозинати ҳуқуқҳои шахсро бо манфиатҳои давлат ва ҷамъияте, ки вай намояндагӣ мекунад, дар назар дорад. Сабабҳое, ки мақомоти давлатӣ пешниҳод кардаанд, бояд мувофиқ ва кофӣ бошад, ин маънои онро дорад, ки мақомоти давлатӣ бояд стандартҳоро мувофиқи принсипҳои дар моддаи 11 пешбинишуда истифода баранд. Илова бар ин, онҳо бояд қарорҳои худро дар асоси баҳои қобили қабули далелҳои дахлдор қабул кунанд.[281]

Дар робита ба хидматчиёни ҳарбӣ ва дигар хидматчиёни давлатӣ, аз ҷумла, Суд возеҳ баён кардааст, ки маҳдудиятҳое, ки тибқи моддаи 11 (2) барои хидматчиёни ҳарбӣ ва дигар хидматчиёни давлатӣ қонунӣ муқаррар карда шудааст, бояд танҳо бо маҳдуд кардани “амалӣ кардани” ҳуқуқҳои пешбининамудаи моддаи 11 маҳдуд карда шаванд.  Ин чунин маъно дорад, ки чораҳои андешидашуда набояд “моҳияти ҳуқуқи ташкили созмонҳоро” таҳриф кунанд (ниг. Демир нисбати Туркия). Масалан, комилан манъ кардани аъзои қувваҳои мусаллаҳ аз ташкил кардан ва ба иттифоқи

278 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

279 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Тум Ҳабер ва Чинар нисбати Туркия (28602/95). 21/05/2006. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-72521.

280 Вилям А. Шабас. 2015. Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Шарҳ. Матбааи Донишгоҳи Оксфорд.

281 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

касаба дохил шудан ғайриқонунӣ мебуд (ниг. Демир нисбати Туркия, Адефдромил нисбати Фаронса, Мателли нисбати Фаронса). Баръакс, монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқи онҳо ба корпартоӣ ё маҳдуд кардани чунин ҳуқуқ мумкин аст (ниг. Огневенко нисбати Россия, банди 72). Дар ҳар сурат, азбаски истисноҳо бояд айнан маънидод карда шаванд, ҳамчун асос "сабабҳои маҷбурӣ ва ҳатмӣ" талаб карда мешаванд (ниг. Демир нисбати Туркия). Бо назардошти нақши артиш дар ҷомеа, Суд эътироф мекунад, ки бетарафии сиёсии қувваҳои мусаллаҳ бояд ҳадафи қонунии ҳар як ҷомеаи демократӣ бошад ва ба ин васила имкон диҳад, ки баъзе маҳдудиятҳо дар озодии иттиҳодияҳо барои адои хидмати ҳарбӣ ҷорӣ карда шаванд.[282] Ин ақида дар қарори қобили қабул дар парвандаи *Эрдел нисбати Олмон* инъикос ёфтааст: даъвогар узви ҳизби сиёсӣ буд, ки дар он вақт фаъолияташ таҳти назорати Идораи ҳифзи конститутсия қарор дошт.[283] Дар ниҳоят, даъватнома ба номи ӯ бозпас гирифта шуд. Фармондеҳии округи мудофиа ва судҳои маъмурии Олмон ба хулосае омаданд, ки бозпас гирифтани даъватнома барои пешгирии содир кардани ҳама гуна ҷурмҳои ҷиноятӣ дар оянда, ки бо идеологияи ифротии рости шадид дар артиши Олмон ҳамчун кафили конститутсия ва демократия таъсис ёфтааст, зарур аст ... Суд қайд кард, ки бетарафии сиёсии қувваҳои мусаллаҳ мақсади қонунист ва он дар Германия ба муносибати воқеаҳои дар мамлакат дар давраи рейхи сеюм ба амаломада, аз он ҷиҳат аҳамияти махсус дорад, ки конститутсияи Республикаи Федеративӣ дар асоси усули "демократие, ки худро муҳофизат карда метавонад" ташкил ёфтааст. Бозхонди даъватнома ва дар натиҷа монеъ шудан ба ҳуқуқи даъвогар ба озодии баён тибқи моддаи 10, бо назардошти оқибатҳои нисбатан маҳдуди онҳо барои худи даъвогар ва заминаи нисбатан қавии далелӣ аз тарси садоқати ин ҳизби сиёсӣ нисбат ба конститутсия комилан асоснок дониста шуданд. Суд муайян кард, ки ҳамин гуна таҳлил нисбати ҳама гуна монеа барои татбиқи ҳуқуқҳои пешбининамудаи моддаи 11 гузаронида шудааст. Бинобар ин шикоят ҳамчун беасос рад карда шуд.

Тадбирҳои муҳофизати тартибот ва интизоми қувваҳои мусаллаҳ низ ба мақсади қонунӣ хидмат мекунанд. Ин дар парвандаи Энгел ва дигарон нисбати Нидерланд, ки дар боло дар заминаи озодии баён тибқи моддаи 10 баррасӣ шуд, инъикос ёфтааст.[284]Дар асоси далелҳо Суд муайян кард, ки барои татбиқи ҳуқуқҳои дар моддаи 11 пешбинишуда ягон монеа вуҷуд надорад (яъне масъалаи асоснокkунӣ ба миён наомадааст). Бо вуҷуди ин, то андозае равшан аст, ки робитаи зич байни моддаҳои 10 ва 11 маънои нигоҳ доштани интизоми ҳарбӣ инчунин як ҳадафи қонунӣ хоҳад буд, то маҳдудиятҳои эҳтимолии озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳоро асоснок кунад.

---

282 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Эрдел нисбати Олмон (30067/04). 13/02/2007. Тариқи линки зер дастрас аст: http:// hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-79618.

283 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

284 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Энгел ва дигарон нисбати Нидерланд (5100/71; 5101/71;5102/71; 5354/72; 5370/72), 08/06/1976. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/tur?i=001-57479.

Илова бар ин принсипҳои умумие, ки Конвенсия пешбинӣ кардааст, дар байни давлатҳо дар бораи чӣ гуна бояд масъалаҳои марбут ба озодии иттиҳодияҳо (дар робита ба ташкили иттифоқҳои касаба ё ташкилотҳои шабеҳ) дар заминаи ҳарбӣ ҳал карда шаванд, тафоҳум нест. Дастури САҲА/ДСИДҲИ -DCAF оид ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ се равиши асосиро дар байни кишварҳои узви САҲА муайян мекунад. Чунин равишҳо дар ҳар кишварҳо гуногунанд: дар баъзеашон ин гуна созмонҳо комилан манъ аст, дар баъзеи дигар ассотсиатсияҳои расман маблағгузорӣ мешаванд ва дар сеюм, иттиҳодияҳои ҳарбӣ ё иттифоқҳои касабаи мустақил иҷозат дода мешаванд.[285] Дар ин замина фармондеҳони навбатдори фаъол дар замонҳои мухталиф аз иҷозаи таъсиси иттифоқҳои касаба дар артиш изҳори нигаронӣ кардаанд.[286] Сарфи назар аз ризоияти Суд, ки фаъолияти иттифоқҳои касаба бояд ба хосиятҳои рисолати қувваҳои мусаллаҳ мутобиқ карда шавад ва ба шаклҳои амал ва ифодаи иттиҳодияи касбӣ ва аъзоёни он маҳдудиятҳои ҷиддие ҷорӣ карда шаванд, таъкид намуд, чуноне ки дар боло зикр гардид, ба шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда ташкили иттиҳодия барои ҳимояи манфиатҳои онҳо қонунан комилан манъ кардан мумкин нест.

Давлатҳо бояд аз истифодаи чораҳои ғайриқонуние, ки ба амалисозии ҳуқуқҳои дар моддаи 11 зикршуда халал мерасонанд, худдорӣ кунанд. Бо назардошти хусусияти озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо ва робитаи зичи он бо демократия, бояд барои сафед кардани ҳама гуна дахолат сабабҳои ҳатмӣ мавҷуд бошанд.[287] Дар ҳоле ки ҳадафи асосии моддаи 11 ҳимояи шахси воқеӣ аз монеаи ғайриқонунӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар амалисозии ҳуқуқҳое, ки ин модда ҳифз мекунад, мебошад, барои таъмини истифодаи самараноки ин ҳуқуқҳо ба зиммаи давлат метавонад ӯҳдадориҳои иловагии мусбат гузошта шаванд.[288]

Тавсияи Шӯрои Аврупо аз он иборат аст, ки аъзои қувваҳои мусаллаҳ бояд ҳуқуқи пайвастан ба созмонҳои мустақил, ки манфиатҳои онҳоро намояндагӣ мекунанд ва ҳуқуқи таъсиси созмонҳо ва муомилоти дастаҷамъиро доранд, дошта бошанд. Агар ин ҳуқуқҳо дода нашуда бошанд, бояд асосҳои минбаъдаи чунин маҳдудиятҳо баррасӣ карда шаванд ва маҳдудиятҳои нолозим ва номутаносиб оид ба ҳуқуқи ҷамъомад ва иттиҳодияҳо бартараф карда шаванд. Илова бар ин, аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ набояд вобаста ба иштироки онҳо дар ассотсиатсияҳои ҳарбӣ ё иттифоқҳои касаба, ки қонунан таъсис дода шудаанд, ба интизом ва табъиз

285 САҲА/ДСИДҲИ -DCAF. 2008. Дастур оид ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ. Аз ҷониби Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА нашр шудааст. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.dcaf.ch/sites/default/files/publications/documents/HandbookHumanRightsArmedForc- es-080409.pdf.

286 Ҷенифер Миттелштадт. 2011”.Артиш хидмат аст, на кор": Иттиҳодшавӣ, шуғл ва маънои хидмати ҳарбӣ дар охири асри бистуми Иёлоти Муттаҳида. Дар таърихи байналхалқии меҳнат ва синфи коргар. Матбуоти Донишгоҳи Кембриҷ.

287 Вилям А. Шабас. 2015. Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон: Шарҳ. Матбааи Донишгоҳи Оксфорд.

288 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. 2020. Дастур оид ба моддаи 11 Конвенсия оид ба ҳуқуқи инсон – Озодии ҷамъомадҳо ва иттиҳодияҳо. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Guide_Art_11_ENG.pdf.

гирифтор карда шаванд.[289] Дар ҳоле ки бояд байни аъзоёни касбӣ ва даъватшавандаи қувваҳои мусаллаҳ аз ҷиҳати ташкил ва узвияти иттифоқҳо фарқият гузошта шавад, принсипҳои умумии моддаи 11 бояд ба ҳарду категорияи хидматчиёни ҳарбӣ татбиқ карда шаванд.

# 3. Парвандаҳои вобаста ба масъалаи баррасишаванда

Дар ҳоле ки бисёре аз ҳолатҳои дар поён зикршуда ба озодии баён марбутанд, ҳам моддаи 10 ва ҳам моддаи 11 аксар вақт дар амал татбиқ мешаванд.

***Эрдел нисбати Олмон*** (қарори суд дар бораи қобили қабул донистани парванда барои баррасӣ):[290] Даъвогар ҳуқуқшиноси амалкунанда ва узви ҳизби сиёсии Ҷумҳурихоҳ буд. Ҳизб ҳизби популистӣ ва ростхоҳ ҳисоб меёфт ва аз тарафи департаментҳои оид ба муҳофизати сарқонун дар иёлати гуногуни Германия мавриди тафтиши ҷиддӣ қарор гирифта буд. Суди федералии конститутсионӣ ҳизбро ғайриконститутсионӣ эълон накард; дар интихоботи умумӣ дар моҳи сентябри соли 2005 ҷумҳурихоҳон камтар аз як дарсади овозҳоро гирифтанд. Даъвогар дар рӯйхати кадрҳои эҳтиётӣ вазифаи лейтенантро дошт ва 5 майи соли 1997 ба артиши Олмон даъват карда шуд. Бо фармони Вазорати дифоъ аз 6 ноябри соли 1997 комиссариати ҳарбии Ветслар даъвати даъвогарро бозпас гирифт. 16 марти соли 1998 Фармондеҳии ноҳияи мудофиа шикояти даъвогарро рад кард. Онҳо изҳор доштанд, ки бекор кардани даъватнома даъвогарро аз ӯҳдадорӣ озод мекунад ва бинобар ин, санади маъмурӣ мебошад, ки дар натиҷа ба манфиати даъвогар мувофиқ аст. Илова бар ин, Фармондеҳ қайд кард, ки дар ҳоле ки даъвогар дигар барои омодагии доимии эҳтиётӣ баррасӣ карда намешавад, ӯ рутбаи афсари эҳтиётии худро нигоҳ медорад ва аз ҳама машқҳои ҳарбии оянда хориҷ карда намешавад. Дар робита ба як қатор ҳодисаҳое, ки ангезаҳои идеологияи ифротӣ дониста мешуданд, артиши Олмон салоҳияти ихтиёрии даъватро барои интихоби ҳайати фармондеҳӣ барои омода кардани захираи неруҳои хушкигард истифода кардааст, ки на танҳо аз ҳар гуна шубҳа дар дастгирии ҳаракатҳои зиддиконститутсионӣ берун аст, балки қабули чораҳои фаврӣ алайҳи чунин ҳаракатҳо аз он интизор мерафт. Ҳарчанд пешгӯӣ карда намешуд, ки ҳар як узви Ҳизби ҷумҳурихоҳ мухолифи низоми озоди демократӣ аст, дар гузориши солонаи Идораи федеролии дифоъ аз Конститутсия дар соли 1996 ба хулосае омадааст, ки гурӯҳҳо ва қувваҳои муайян дар ҳизб ин корро кардаанд. Ҳангоми баррасии вайронкунии эҳтимолии моддаи 10 Конвенсия, Суд қайд мекунад, ки ин махсусан дар Олмон дар робита ба рӯйдодҳои ин кишвар дар давраи рейхи сеюм муҳим аст ва он

289 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec(2010)4 Кумитаи Вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва меморандуми тавзеҳӣ, саҳ.51.

290 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Эрдел нисбати Олмон (30067/04). 13/02/2007. Тариқи линки зер дастрас аст: http:// hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-79618.

конститутсияи Ҷумҳурии Федеративӣ бар усули "демократияе, ки худро муҳофизат карда метавонад" асос ёфтааст. Бо назардошти нақши артиш дар ҷомеа, Суд бетарафии сиёсии низомиёнро ҳадафи қонунии ҳар як ҷомеаи демократӣ эътироф кард. Боздошти даъватнома ва дар натиҷа монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқи даъвогар дар моддаи 10 воситаи қонунии ноил шудан ба ин мақсад бо назардошти хусусиятҳои ҳизби Ҷумҳурихоҳ доштан ва оқибатҳои нисбатан маҳдуд будани қарори мақомоти давлатӣ барои даъвогар воситаи қонунии расидан ба ин мақсад дониста шуданд. Нисбат ба ҳар гуна монеа барои амалӣ гардондани ҳуқуқҳои дар моддаи 11 пешбинишуда низ ҳамин гуна таҳлил гузаронида шуд. Дар натиҷа шикоят низ беасос дониста шуд.

***Адефдромил нисбати Фаронса ва Мателли нисбати Фаронса***:[291] ин қарорҳо, ки дар худи ҳамон рӯз бароварда шуданд, ба муқобили қоидаҳои Фаронса, ки дар қувваҳои мусаллаҳ ташкил намудани ташкилотҳои типи иттифоқҳои касаба ва аъзо шуданро ба ин гуна ташкилотҳо бо сабаби ба интизоми ҳарбӣ мувофиқ набудан манъ мекунад, даъво баён шуд. Суд таъкид кард, ки ҳеҷ як категорияи коргарон аз доираи моддаи 11 хориҷ карда нашудаанд, муқаррароти иловагии моддаи 11 (2) бояд айнан тафсир карда шаванд аз ин рӯ маҳдудиятҳо танҳо ба "амалисозӣ"-и ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияҳо, на ба моҳияти он метавонанд роҳандозӣ шаванд. Муайян карда шуд, ки мавқеъи давлат ҳадафи қонунӣ - нигоҳ доштани тартибот ва интизоми дар қувваҳои мусаллаҳ зарурирo пайгирӣ мекард, аммо он мутаносиб набуд ва аз ин рӯ дар ҷомеаи демократӣ зарур набуд, зеро барои ноил шудан ба мақсади нишон додашуда мамнӯъияти комил лозим набуд.

# Ҳуқуқ ба моликият

## 1. Тавсифи ҳуқуқ

Моддаи 1 Суратмаҷлис ба Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ҳуқуқ ба моликияти хусусиро муқаррар намуда, онро ҳамчун "эҳтиром ба моликияти... ҳар як шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ" муайян мекунад.[292]

291 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Адефдромил нисбати Фаронса (32191/09). 02/10/2014. Тариқи линки зер дастрас аст: https:// hudoc.echr.coe.int/app/conversion/docx/pdf?library=ECHR&id=002-10127&filename=CEDH.pdf; ва Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Мателли нисбати Фаронса (10609/10). 02/10/2014. Тариқи линки зер дастрас аст: https://hudoc.echr.coe.int/app/conversion/docx/pdf?library=ECHR&id=002-10126&filename=CEDH.pdf

292 Суратмаҷлиси Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (барои имзо 20 марти 1952 кушода шуда, 18 майи соли 1954 эътибор пайдо кардааст). Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Convention_ENG.pdf.

Илова ба Конвенсияи Аврупо, як қатор ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои моликиятро эътироф ва танзим мекунанд. Ба онҳо моддаи 17 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар;[293] Моддаи 14 Хартияи Африқо оид ба ҳуқуқҳои инсон ва халқҳо;[294] Моддаи 21 Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон;[295] ва моддаи 23 Эъломияи Амрико оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои инсон дохил аст.[296]

Дигар конвенсияҳои байналмилалӣ низ ҳуқуқи моликияти хусусиро дар заминаи ҳуқуқи баробарӣ дар назди қонун ва ҳуқуқҳои занон муқаррар мекунанд. Ба инҳо Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ дохил мешаванд, ки моддаи 5-и он муқаррар мекунад, ки ҳар кас новобаста аз нажод, ранги пӯст ва мансубияти миллӣ ё этникӣ дар назди қонун, аз ҷумла “ҳуқуқи моликият хоҳ танҳо ва хоҳ якҷоя бо дигарон" ва "ҳуқуқи мерос" баробар ҳуқуқ дорад;[297] ва Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон, эътироф мекунад, ки занон баробар ҳуқуқҳои мардон, аз ҷумла нисбат ба “доштан, ба даст овардан, идора кардан, истифода бурдан ва ихтиёрдории молу мулк”-ро доранд.[298]

Дар робита ба ҳуқуқҳои шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда, Тавсияи CM / Rec (2010) 4-и Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба ҳуқуқи инсон барои хидматчиёни ҳарбӣ тавсия медиҳад:"Молу мулки гирифташудаи хидматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла онҳое, ки тибқи даъват хидмати ҳарбиро адо мекунанд, ҳангоми шомил шудан ба қувваҳои мусаллаҳ бояд дар охири хидмати ҳарбӣ баргардонида шаванд".[299] Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо дар қатъномаи худ дар бораи ҳуқуқи инсони узви қувваҳои мусаллаҳ соли 2006 ҳуқуқҳои ҳадди ақҷали узви қувваҳои мусаллаҳ, аз ҷумла ҳуқуқи эҳтиром ба моликиятро

293 ЭУХБ, моддаи 17(1): 'Ҳар як шахс ҳақ дорад танҳо ва ҳам дар якҷоягӣ бо дигарон моликият дошта бошад; ва Моддаи 17(2): “Ҳеҷ кас набояд худсарона аз молу мулкаш маҳрум карда шавад”.

294 ХАҲИХ, моддаи14: 'Ҳуқуқи моликият кафолат дода мешавад. Онро танҳо ба манфиати эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ё ба манфиати умумии ҷамъият ва мувофиқи муқаррароти қонунҳои дахлдор таҷзия кардан мумкин аст.'

295 КАҲИ, моддаи 21(1): 'Ҳар кас ба истифода аз молу мулки худ ҳуқуқ дорад. Қонун метавонад чунин истифода ва баҳрабардориро ба манфиатҳои ҷамъият тобеъ гардонад;' Моддаи 21(2): Ҳеҷ кас наметавонад аз молу мулкаш маҳрум карда шавад, ба истисноИ пардохти ҷуброни одилона, бо сабабҳои манфиатҳои ҷамъиятӣ ё манфиатҳои иҷтимоӣ ва дар ҳолатҳо ва шаклҳои муқаррарнамудаи қонун; ва моддаи 21(3): “Рибо ва ҳар гуна шаклҳои дигари истисмори одам аз тарафи одам аз рӯи қонун манъ аст.”

296 Эъломияи Амрико дар бораи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои инсон (2 майи 1948 қабул шудааст). Тариқи линки зер дастрас аст:
https://www.oas.org/dil/access_to_information_human_right_American_Declaration_of_the_Rights_and_Duties_of_Man.pdf,
Моддаи 23: "Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад моликияти хусусиро дошта бошад, ки ниёзҳои асосии зиндагии шоистаро қонеъ гардонад ва ба нигоҳ доштани шаъну шарафи шахс ва манзил мусоидат намояд.'

297 Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ (21 декабри соли 1965 қабул шуда, 4 январи соли 1969 эътибор пайдо кардааст). Тариқи линки зер дастрас аст:
https://www.ohchr.org/en/professionalin- terest/pages/cerd.aspx, моддаи 5.

298 Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон (18 декабри соли 1979 қабул шуда, 3 сентябри соли 1981 эътибор пайдо кардааст). Тариқи линки зер дастрас аст:
https://www.ohchr.org/en/professionalinterest/pages/ cedaw.aspx, моддаи 16 (ж).

299 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec(2010)4 Кумитаи Вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва ёддошти тавзеҳӣ.

таъмин менамояд.[300] САҲА инчунин ба ҳифзи моликияти хусусӣ дар Ҳуҷҷати Ҷаласаи Копенҳагени Конфронси оид ба андозагирии инсонии ИАҲА (Конференсияи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ҳоло САҲА) ишора мекунад, ки дар он давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадор мешаванд, ки "Ҳар як шахс ҳақ дорад молу мулки худро танҳо ё якҷоя бо дигарон озодона истифода барад".[301]

Бояд тазаккур дод, ки дар санадҳои ҳуқуқии дар боло зикргардида ҳуқуқи моликият ҳамчун моликияте фаҳмида мешавад, ки аллакай дар ихтиёр ё соҳибии нафар аст ё ба таври қонунӣ ба даст овардашуда ё ба даст оварда шудааст. Илова бар ин Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, чун қоида, "объекти моликият"-ро на танҳо ҳамчун моликияти моддӣ, балки манфиатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқҳои шартномавӣ бо арзиши иқтисодӣ, даъво оид ба ҷуброни зарар ба давлат ва даъвоҳои марбут ба муносибатҳои ҷамъиятӣ шарҳ медиҳад.[302]

## 2. Маҳдуд кардани ҳуқуқи моликият ё монеъ шудан ба татбиқи ин ҳуқуқ

Ҳарчанд ҳуқуқи моликият ҳамчун ҳуқуқи инсон барои шахсони алоҳида мураттаб шудааст, он мутлақ нест; мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ, давлатҳо бартарияти татбиқи доираи васеи маҳдудиятҳоро ба ин ҳуқуқ доранд. Аз ин рӯ, он яке аз ҳуқуқҳои фасеҳтарини инсон ҳисобида мешавад. Маҳдудиятҳои иҷозатдода ба ин ҳуқуқ одатан танҳо бо татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ тибқи қонунҳои дахлдор, аз ҷумла дар заминаи пардохти андозҳо, дигар пардохтҳо ё ҷаримаҳо маҳдуд карда мешуданд. Барои намуна, Конвенсия (моддаи 1 Суратмаҷлиси он бо номи "A1P1" маъруф аст), ХАҲИХ ва КАҲИ маҳдудияти ин ҳуқуқро дар ҳолатҳое пешбинӣ мекунанд, ки он ба "манфиати ҷамъиятӣ"[303] "эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ",[304] "манфиати ҷамъиятӣ ё манфиатҳои иҷтимоӣ",[305] "манфиати умумии ҷамъиятӣ"[306] ё "барои таъмини пардохти андозҳо ё дигар пардохтҳо ё ҷаримаҳо" мувофиқат намекунад.[307] Мувофиқи Конвенсия, ҳама гуна монеа барои амалисозии ҳуқуқҳои бо A1P1 ҳифзшаванда метавонад танҳо дар сурати риояи талаботи муқаррарӣ, аз ҷумла

300 Тавсияи № 1742 (2006), Ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ. Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо. Тариқи линки зер дастрас аст: http://assembly.coe.int/nw/xml/XRef/Xref-XML2HTML-en.asp?fileid=17424&lang=en, банди 10.1.8.

301 Ҳуҷҷати Ҷаласаи Копенҳагени Конфронс оид ба андозагирии инсонии ИАҲА. 29.06.1990. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.osce.org/odihr/elections/14304?download=true, банди 9.6.

302 Гудмундур Алфредсон ва Асбёрн Эйде. 1999. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар: стандарти умумии дастовардҳо. Ноширон Мартинус Ниҷҳофф, саҳ. 367.

303 Суратмаҷлиси Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (барои имзо 20 марти соли 1952 кушода шуд, 18 майи соли 1954 эътибор пайдо кард). Дастрас тариқи: https://www.echr.coe.int/Documents/ Convention_ENG.pdf, моддаи 1.

304 ХАҲИХ, моддаи 14.

305 КАҲИ, моддаи 21.

306 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

талаботи риояи қонун ва мутаносиб будан ба ҳадафи қонунии пешбинишуда татбиқ карда шавад. Илова бар ин, агар ба гурӯҳҳои гуногуни шахсон (аз ҷумла гурӯҳҳои шахсоне, ки рутбаҳои ҳарбии гуногун доранд - Энгел нисбати Нидерланд) нисбат ба "субъекти моликият" ҳуқуқу имтиёзҳои гуногун дода шуда бошанд, ин тафовутҳоро низ барои таъмин намудани риояи кафолати баробарии дар моддаи 14 пешбинишуда асоснок кардан лозим аст.

Ин қоидаҳо нисбат ба онҳое, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, татбиқ мешаванд, ҳарчанд метавонанд ба ҳуқуқи доштани ашёи муайян дар ҳадафҳои ҳарбӣ маҳдудиятҳо ҷорӣ карда шаванд.

# Ҳуқуқ ба эҳтиром ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ ва мукотиба

## 1. Тавсифи ҳуқуқ

Ҳуқуқ ба дахолатнопазирӣ пешбинӣ мекунад, ки шахсони алоҳида ҳуқуқ доранд, ки бидуни дахолати ҳукумат ё ВАО ҳаёти шахсӣ дошта бошанд. Он инчунин маънои онро дорад, ки маълумоти шахсӣ (аз ҷумла ҳуҷҷатҳои расмӣ, аксҳо, мактубҳо, рӯзномаҳо ва сабтҳои тиббӣ) бояд дар ҷои амн нигоҳ дошта шаванд ва бидуни иҷозат мубодила карда нашаванд, ба истисноӣ ҳолатҳои муайян.[308] Судҳо тафсири васеи дахолатнопазириро қабул кардаанд, ки ҳуқуқи муайян кардани тамоюли ҷинсӣ, тарзи зиндагӣ, намуди зоҳирӣ ва либоспӯшии шахсро дар бар мегирад; ва ҳуқуқи назорат кардан, ки бадани инсонро кӣ дида метавонад ва бо он алоқаи ҷисмонӣ дошта бошад. Аз ин бармеояд, ки масалан, ба мақомоти давлатӣ иҷоза дода намешавад, ки шахсро дар як утоқи серодам дар бемористон белибос гузоранд ва бидуни иҷозати ӯ намунаи хун бигиранд.[309]

Махфият инчунин ҳуқуқи инкишоф додани шахсият ва рушди дӯстӣ ва муносибатҳоро дар бар мегирад. Ин ҳуқуқи иштирок дар чорабиниҳои асосии

307 Суратмаҷлиси Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (барои имзо 20 марти 1952 кушода шуда, 18 майи соли 1954 эътибор пайдо кардааст). Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.echr.coe.int/Documents/Convention_ENG.pdf, Моддаи 1.

308 Комиссияи баробарӣ ва ҳуқуқи инсон. Эҳтиром ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии худ. Тариқи линки зер дастрас аст: https:// www.equalityhumanrights.com/en/human-rights-act/article-8-respect-your-private-and-family-life.

309 Барои мисол нигаред ба, Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Йаллоҳ нисбати Олмон (54810/00). 11/07/2006. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-76307; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи М.А.К ва Р.К. нисбати Британиёи Кабир (45901/05 and 40146/06). 23/06/2010. Тариқи линки зер дастрас аст: http:// hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-97880.

иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва фароғатиро дар бар мегирад. Дар баъзе ҳолатҳо, мақомоти давлатӣ метавонанд ӯҳдадориҳои мусбат дошта бошанд, то ба одамон дар татбиқи ҳуқуқи худ ба дахолатнопазирӣ, аз ҷумла имконияти иштирок дар ҷомеа мадад расонанд.[310] Ниҳоят, ҳуқуқ ба дахолатнопазирӣ (ҳадди ақал тибқи Конвенсия) ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҷисмониро дар бар мегирад. Боз ҳам ин ҷанбаи қонун метавонад боиси ӯҳдадориҳои мусбати давлат гардад, бахусус нисбат ба онҳое, ки дар зери назорати мустаснои он қарор доранд (масалан, онҳое, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд). Ҳамин тариқ, Суд дар мавриди *Демир нисбати Туркия* пешниҳод кард, ки бо назардошти таносубият "барои дуруст таъмин намудани саломатӣ ва некӯаҳволии шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда тавассути ... расонидани ёрии зарурии тиббӣ чораҳои махсус андешад".

Ҳуқуқ ба ҳаёти оилавӣ инчунин ба шахсони алоҳида ҳуқуқи муносибатҳои оилавиро бидуни дахолати ҳукумат медиҳад. Ин ҳуқуқ ба зиндагӣ бо оила ва агар имконнопазир бошад, ҳуқуқи муносибатҳои мунтазамро дар бар мегирад. "Ҳаёти оилавӣ" метавонад муносибати зану шавҳар, шахсони муҷаррад, муносибатҳои фарзандхондшуда ва фарзандхонда, муносибати фарзандхонда ва фарзандхондшударо дар бар гирад.[311]

Моддаи 8-и Конвенсияи Аврупо мегӯяд, ки ҳар кас ҳуқуқ дорад ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии худ, манзили зист ва мукотибааш эҳтиром дошта бошад ва ба ҳеҷ гуна дахолати мақомоти давлатӣ ба татбиқи ин ҳуқуқ иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин дахолат, ки қонун муқаррар кардааст ва дар ҷамъияти демократӣ ба манфиати амнияти миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, беҳбудии иқтисодии мамлакат, бо мақсади пешгирии бетартибӣ ва ҷинояткорӣ, ҳифзи саломатӣ ва ахлоқ ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дигарон зарур аст.

Дар моддаи 12-и ЭУҲБ гуфта мешавад: "ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ҳеч кас худсарона дахолат кардан, ба дахлнопазирии манзилаш, махфӣ будани мукотиба, шаъну эътибораш худсарона суиқасд кардан мумкин нест. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки аз ин гуна дахолат ва таҷовуз тавассути қонун ҳифз карда шавад". Нисбати шахсоне, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, ба татбиқи ин ҳуқуқ интизоми ҳарбӣ, тобеият ва хусусиятҳои хидмати ҳарбӣ таъсир мерасонад.

310 Комиссияи баробарӣ ва ҳуқуқи инсон. Моддаи 8: Эҳтиром ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ.Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.equalityhumanrights.com/en/human-rights-act/article-8-respect-your-private-and-family-life.

311 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

## 2. Маҳдудиятҳо ё монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ

Мақоми даъватшаванда ҳангоми иҷрои вазифаҳояш расман тағир дода мешавад ва вай ба қонунҳои миллӣ итоат мекунад, ки нақш ва масъулияти даъватшавандаро муайян месозад. Одатан, шахсе, ки ҳангоми иҷрои вазифааш ба хидмати ҳарбӣ дар пойгоҳи ҳарбӣ даъват мешавад, ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ метавонад аз рӯи қонун маҳдуд карда шавад. Вобаста ба қонунҳои ҳар як кишвар, даъватшавандагон метавонанд аз биноҳои ҳарбӣ берун нашаванд ё бо аъзои оила тамос гирифта натавонанд ва ё бо аъзои оила берун аз соатҳои муқарраршуда мулоқот карда наметавонанд. Ҳамзамон шахсе, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудааст, метавонад дар ҳар вақт иҷозати тарк кардани пойгоҳро дархост кунад ё ба фармондеҳони болоӣ муроҷиат кунад. Дар мавриди он, ки оё даъватшавандагон аз тариқи қонун аз издивоҷ ва таваллуди фарзанд дар замони даъват мамнуъ мешаванд, баҳсҳо вуҷуд доранд. Қонунӣ будани ҳама гуна маҳдудияти мушаххас ё татбиқи он дар вазъияти мушаххас бояд дар ҳар як ҳолат тибқи принсипҳои умумии дар боло зикршуда баҳо дода шавад.

Ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки ба мансабдорони давлатӣ иҷозат дода мешавад ҳуқуқи эҳтиром ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, манзил ва мукотибаро рад кунанд. Аммо қонунияти чунин маҳдудият аз он вобаста аст, ки мақомоти давлатӣ то кадом андоза қонунӣ ва зарур будани ҳифзи амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, иқтисод ё саломатӣ ё ахлоқ, пешгирии бетартибӣ ва ахлоқро собит месозад. Ҷинояткорӣ ё ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои дигарон. Чунон ки дар боло зикр гардид, амал дар он вақт "мувофиқ" аст, ки барои ҳалли масъала мувофиқ ва зарур аст. Кишварҳо барои чунин маҳдудиятҳо озодии муайяни салоҳият доранд.

Аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ набояд аз ҳуқуқҳои худ тибқи моддаи 8 даст кашанд.[312] Ҳамин тариқ, масалан, Суд борҳо қарор додааст, ки тафтиши ҳаёти шахсии хидматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла пурсишҳои муфассал бо хидматчиёни ҳарбӣ ва шахсони сеюм гузаронидашаванда ва баъдан маъмурӣ танҳо дар асоси тамоюли ҷинсӣ аз кор озод кардани онҳо беасос аст.[313] Чунин чораҳо ҳамчун як монеаи номутаносиб барои татбиқи ҳуқуқҳои дар моддаи 8 пешбинишуда баррасӣ шуданд.[314]

Дар парвандаи ***П.Т. нисбати Ҷумҳурии Молдова*** Даъвогар аз рӯи моддаи 8 дар робита

312 Карен Рид. 2015. Роҳнамои таҷрибаомӯз ба Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (Нашри 5, Свит ва Максвелл), саҳ. 366.

313 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

314 Барои мисол нигаред ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Смит ва Гради нисбати Британиёи Кабир (33985/96 ва 33986/96), 27/12/1999. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58408; Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Лустинг-Принг ва Беккет нисбати Британиёи Кабир (31417/96 and 32377/96), 27/12/1999. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-58407.

ба он, ки маҷбуран ба мақомоти гуногуни давлатӣ шаҳодатномаи озод шудан аз хидмати ҳарбӣ, ки дар он маълумот дар бораи намуди бемории гирифтори ӯ оварда шудааст, шикоят кардааст. Суд муайян кард, ки ворид намудани маълумоти тиббӣ ба шаҳодатномаи ба шахсони сеюм пешниҳодшаванда монеа барои татбиқи ҳуқуқҳои даъвогар тибқи моддаи 8 мебошад.[315] Суд муайян кард, ки ворид кардани маълумоти тиббӣ ба шаҳодатнома, ки бояд ба шахсони сеюм пешниҳод карда мешуд, дахолат ба ҳуқуқҳои аризадиҳанда дар моддаи 8 мебошад. Суд дахолатро бе ягон асоси қонунӣ шуморид ва инчунин қайд кард, ки он масъалаҳои ҷиддии мувофиқатро ба миён гузоштааст. Бинобар ин, моддаи 8 вайрон карда шудааст.

Масъалаҳои асосноккунӣ инчунин метавонанд ҳангоми фарқияти муносибат ба доираи моддаи 8 дохил шаванд. Масалан, дар парвандаи Глор нисбати Швейтсария, даъвогар бо сабабҳои тиббӣ (бо вуҷуди он ки ӯ ба хидмат комилан омода буд) барои хидмати ҳатмии ҳарбӣ корношоям дониста шуд ва аз ин рӯ, тибқи қонунгузории миллӣ ӯҳдадор буд "андоз барои озодшавӣ" пардозад. Суд бо назардошти васеъ будани мафҳуми “ҳаёти шахсӣ” ситонидани андоз аз рӯи вазъи саломатии шахсро ба доираи моддаи 8 дохил кард. Вай эътироф кард, ки муносибати тафриқавӣ байни шахсони дорои маъюбият тавассути ҷорӣ кардани "андози озодкунӣ" ба ҳадафи қонунии барқарор кардани "як навъ баробарӣ" байни онҳое, ки метавонанд адои хидмати ҳарбӣ кунанд ва онҳое, ки наметавонанд, - дар он ҷое, ки андози пулӣ кӯшишҳоеро, ки дар акси ҳол бояд анҷом дода мешуд ва ӯҳдадориҳое, ки дар акси ҳол бояд иҷро мешуд, ҷойгузин буд, хидмат мекунад. Дар баробари ин, он муайян кардааст, ки ҳукумат тавозуни одилонаро байни ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқҳои шикояткунанда, бахусус дар робита ба сатҳи андозбандӣ, омодагии шикояткунанда ба хидмат ва дар қонунгузории Швейтсария адами меъёр дар бораи шаклҳои хидмат барои шахсони дар шароит ва ҳолати ӯ қарордошта нест кафолат намедиҳад. Дар натиҷа, Суд вайронкунии моддаи 14-ро дар якҷоягӣ бо моддаи 8 муайян кард.

Биёед як мисоли тамоман дигарро гирем. Дар парвандаи Константин Маркин нисбати Россия, Суд муайян кард, ки моддаи 14 (дар якҷоягӣ бо моддаи 8) аз ҷониби давлат дар бораи он, ки рухсатии се сол барои нигоҳубини кӯдак ба занони низомии ҳарбӣ дода шудааст, аммо ба хидматчиёни ҳарбии мард чунин ҳуқуқ дода нашудааст, вайрон карда аст.[316] Дар ҳоле ки Суд дар ин парванда эҳтиёткор буд, ки “муҳтавои махсуси қувваҳои мусаллаҳро аз назар дур накунад”, вай чунин мешуморад, ки агар маҳдудият ба "соҳаи маҳрамтарини ҳаёти шахсии фард” дахл дошта бошад, бояд барои асоснок кардани он “сабабҳои махсусан ҷиддӣ дошта бошанд"; дар ин шароит “таҳдиди воқеӣ ба самараи ҷангии куввахои мусаллаҳ” талаб карда мешуд, ки онро бо мисолҳои конкретӣ тасдиқ кардан лозим аст[317]. Вай дар далелҳои ба ӯ пешниҳодшуда чунин асосро муқаррар накардааст; аз ҷумла, такя кардани давлат ба нақшҳои анъанавии гендерӣ ё стереотипҳо дар бораи нақши махсуси занон дар тарбияи кӯдакон кофӣ нест ва ҳеҷ далеле вуҷуд надошт, ки ба

315 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи П.Т. нисбати Ҷумҳурии Молдова (1122/12), 26/08/2020. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-202520 .

316 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. ПарвандаиКонстантин Маркин нисбати Россия (30078/06), 22/03/2012. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-109868.

317 Тариқи линки болоӣ дастрас аст, банди 137.

хидматчиёни ҳарбӣ бо рухсатии нигоҳубини волидайн дар асоси бидуни табъиз ба фаъолияти низомиён таъсири манфӣ расонад.[318]

# Ҳуқуқи издивоҷ ва барпо кардани оила

## 1. Тавсифи ҳуқуқ

Ҳуқуқи ақди никоҳ ва ҳуқуқи таъсиси оила мутобиқи қонунгузории миллӣ, ки татбиқи ин ҳуқуқҳоро танзим мекунад, кафолат дода мешавад. Ин ҳуқуқ дар моддаи 9 Оинномаи ҳуқуқҳои асосӣ сабт шудааст. Дар моддаи 12 Конвенсияи Аврупо омадааст: “Мардон ва заноне, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд тибқи қонунгузории миллӣ, ки татбиқи ин ҳуқуқро танзим мекунанд, издивоҷ кунанд ва оила барпо кунанд”.[319]

Моддаи 16-и ЭУҲБ чунин гуфта мешавад: “1. Мардон ва заноне, ки ба синни балоғат расидаанд, ҳуқуқ доранд бе ягон маҳдудият аз рӯи нажод, миллат ва мазҳаб издивоҷ кунанд ва оила барпо кунанд. Онҳо аз ҳуқуқҳои якхела нисбат ба ақди никоҳ, дар давраи ақди никоҳ ва ҳангоми бекор кардани он истифода мебаранд. 2. Никоҳ танҳо бо ризоияти озод ва пурраи ҳар ду тарафҳои никоҳ баста мешавад. 3. Оила воҳиди табиӣ ва асосии ҷомеа буда, ҳуқуқ ба ҳимоя аз ҷомеа ва давлатро дорад”. Моддаи 23 (2) банди ПБҲШС инчунин қайд мекунад: “Мардон ва занони синни никоҳӣ ҳуқуқи издивоҷ ва ҳуқуқи таъсиси оила эътироф карда мешаванд”.

## 2. Маҳдудиятҳои ҳуқуқи издивоҷ ва барпо кардани оила

Ҳуқуқи ақди никоҳро қонунҳои миллии издивоҷ, аз ҷумла қонунҳое танзим мекунанд, ки ақди никоҳ байни категорияҳои алоҳидаи шахсонро (масалан, хешовандони наздик) манъ мекунанд. Ҳарчанд ҳукумат метавонад ҳуқуқи издивоҷро маҳдуд кунад, чунин маҳдудиятҳо набояд ба принсипи асосии қонун мухолифат кунанд ва набояд табиати худсарона дошта бошанд. Ҳуқуқҳое, ки дар моддаи 12 ЭУҲБ зикр шудаанд, бо моддаи 8 Конвенсия, ки ҳуқуқи эҳтиром ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, манзил ва мукотибаро кафолат медиҳад, зич алоқамонданд. Моддаи 12 нисбат ба моддаи 8 дар заминаи баҳсҳои ҳуқуқи оилавӣ ва муносибатҳо камтар истифода мешуд.

318 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., бандҳои 142-144.
319 КҲҲОАИ, моддаи 12.

# Ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии даъватшавандагон

Ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки нисбати шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда татбиқ мешаванд, асосан бо ду шартномаи байналмилалӣ танзим карда мешаванд: Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ[320] ва Хартияи иҷтимоии Аврупо (1961), ки охиринаш соли 1996 аз нав дида баромада шуд. Таҳрири нави Хартия тадриҷан ҷои нусхаи аслиро мегирад. Он дорои тамоми ҳуқуқҳои дар нусхаи аслӣ кафолат додашуда, инчунин ҳуқуқҳои иловагӣ (аз ҷумла, ҳуқуқ ба манзил) мебошад. Мутобиқи моддаи 20 (1.а), тарафҳои Харатияи таҳрири нав ӯҳдадор мешаванд, ки ҳуқуқҳо ва принсипҳои дар қисми 1 мавҷудбударо ҳамчун "эъломияи ҳадафҳое, ки онҳо бо тамоми воситаҳои мувофиқ барои расидан ба онҳо саъй мекунанд" баррасӣ кунанд; ва маҷмӯи мушаххаси моддаҳои қисми II (ки онҳоро бо мурури замон метавонанд пурра карда шаванд) ҳамчун ҳатмӣ баррасӣ кунанд. Ҳар як тараф бояд Котиби Генералии Шӯрои Аврупоро дар бораи ин муттаҳидсозӣ огоҳ кунад. Ин маънои онро дорад (ва ин ғайриоддӣ аст), ки тарафҳои гуногуни Хартия ислоҳшуда метавонанд дар вақтҳои гуногун аз рӯи он ӯҳдадориҳои гуногун дошта бошанд, вобаста аз он ки кадом моддаҳоро барои худ ҳатмӣ меҳисобанд.

Ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар назди давлатҳо ӯҳдадориҳои мусбат ба вуҷуд меоранд, зеро онҳо вазифадоранд тамоми воситаҳои мавҷударо барои таъмини амалисозии ҳуқуқҳои эътирофнамудаи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ истифода баранд. "Муқаррароти Паймон бояд дар доираи тартиботи ҳуқуқии дохилӣ ба таври бояду шояд эътироф карда шаванд, воситаҳо ё воситаҳои дахлдори ҳимоя бояд барои ҳар як шахси зарардида ё гурӯҳи ашхос дастрас бошанд ва барои таъмини масъулияти ҳукумат воситаҳои мувофиқ гузошта шаванд".[322]

320 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (16/12/1966 имзо шуд, 3 январи 1976 эътибор пайдо кард).

321 Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, "Шарҳи умумӣ № 9: Татбиқи дохилии Паймон", E/C.12/1998/24, 3 декабри 1998. Тариқи линки зер дастрас аст: https://www.refworld.org/ docid/47a7079d6.html, банди 2.

# Ҳуқуқ ба маскан ва манзили муносибу мувофиқ

## 1. Тавсифи қонун ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ

Ҳуқуқ ба манзили муносиб тибқи моддаи 11 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳифз карда мешавад. Ба ҳамин монанд, моддаи 31 (1) Хартияи иҷтимоии Аврупоии аз нав дида баромадашуда давлатҳои аъзоро вазифадор мекунад, ки "барои осон кардани дастрасӣ ба манзили муносиб" чораҳо андешанд. Кумитаи вазирон дар ёддошти тавзеҳии худ дар бораи он, ки мафҳуми манзили мувофиқ дар шароити низомиён чиро дар назар дорад, яъне дар хона бояд равшании мувофиқ, вентилятсия (аз ҷумла гармии кофӣ) дошта бошад, он бояд тоза бошад, дар дохили хона бошад. шароити хуб. Илова бар ин, он бояд дар ҳолати дуруст нигоҳ дошта шавад ва фазои шахсии хидматчии ҳарбӣ, ҳатто дар хобгоҳҳо, бояд доираи шахсии ӯ ҳисобида шавад. Бо сабабҳои гигиенӣ ва саломатӣ ҳоҷатхонаҳо бояд аз хобгоҳ ҷудо карда шуда, мунтазам тоза карда шаванд.

Ҷойгоҳ барои мардон ва занон бояд алоҳида бошад. Дар вазъияте, ки таъмин намудани шароити муътадили манзил душвор аст, мақомоти давлатӣ бояд бо назардошти вазъияти ба амаломада барои то ҳадди имкон мувофиқ будани сатҳи манзил чораҳои оқилона андешанд. Ҳарчанд меъёрҳои некӯаҳволӣ дар давраи омӯзишӣ берун аз казарма ё ҳангоми амалиётҳои саҳроӣ метавонанд пасттар бошанд ҳам, ба ҳар ҳол барои мақомоти давлатӣ зарур аст, ки сатҳи кофии некӯаҳволӣ дар ин шароит ба таври оқилона пешбинӣ карда шавад.[323]

## 2. Маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба маскани муносиб ва манзили зисти мувофиқ

Ҳуқуқ ба маскан ва манзили муносиб мутобиқи Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, бар хилофи ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ, таҳти чунин маҳдудиятҳо қарор намегирад. Баръакс, бо тадбирҳои оқилона тадриҷан ба дараҷаи баландтарини иҷрои он расидан лозим аст.

322 Тариқи линки болоӣ дастрас аст., банди 7.

323 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec(2010)4-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои узв оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва меморандуми тавзеҳӣ, саҳ. 57.

Бинобар ин ҳарчанд барои таъмини дастрасии даъватшавандагон ба манзили муносиб дар давоми хидмат бояд кӯшиш ба харҷ дода шавад, то чӣ андоза пурра амалӣ шудани ин ҳуқуқ метавонад аз хусусиятҳои хоси омодагии ҳарбӣ ва/ё амалиёт вобаста бошад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, моддаи 31-и Хартияи иҷтимоии Аврупоии дар таҳрири нав, на ҳуқуқ ё натиҷаро на самти раванд (андешидани амал бо ҳадафи мушаххас) пешбинӣ мекунад. Ғайр аз ин, ҳуқуқҳое, ки дар Хартия пешбинӣ шудаанд "Ба таври бояду шояд татбиқшуда" метавонад маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонун ва дар ҷомеаи демократӣ барои мақсадҳои муайян зарур бошад: Қисми III, Моддаи G.

# Ҳуқуқ ба шаъну шараф, ҳифзи саломатӣ, ҳимоя аз озори ҷинсӣ ва амнияти шуғл

## 1. Тавсифи қонун ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ

Ҳуқуқ ба шаъну шараф дар ҷои кор, ҳифзи саломатӣ, ҳимоя аз озори ҷинсӣ ва бехатарӣ дар ҷои кор дар моддаҳои 2 (ҳуқуқ ба шароити одилонаи меҳнат), 3 (ҳуқуқ ба шароити бехатар ва солими меҳнат) ва 11 (ҳуқуқ ба саломатӣ) Хартияи иҷтимоии аврупоӣ ва моддаи 26 Хартияи таҳти таҳрири нав (ҳуқуқи ҳифзи шаъну шарафи худ дар ҷои кор), ки муҳофизат аз озори ҷинсиро дар бар мегирад, ҷой дода шудааст. Дар мавриди ҳуқуқ ба шаъну шараф дар ҷои кор, моддаи 26 гуфта мешавад: "Бо мақсади таъмини самаранокии татбиқи ҳуқуқи ҳамаи коргарон ба ҳифзи шаъну шараф дар ҷои кор, тарафҳо бо машварат бо корфармоён ва ташкилотҳои коргарон ӯҳдадор мешаванд: 1) оид ба огоҳӣ ва иттилоотӣ ва пешгирии озори ҷинсӣ дар ҷои кор ё нисбат ба кор мусоидат намуда, барои ҳифзи кормандон аз чунин рафтор тамоми чораҳои заруриро андешанд; 2) оид ба таҳқири такрорӣ, кирдорҳои ошкорои душманона ва таҳқиркунанда нисбат ба коргарони алоҳида дар ҷои кор ё вобаста ба кор ва пешгирии онҳо фаҳмондадиҳӣ гузаронида ва маълумот диҳанд ва барои аз чунин рафтор ҳифз кардани кормандон чораҳои зарурӣ андешанд". Моддаи 7 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқ ба подошро эътироф мекунад, ки сатҳи зиндагии шоистаи ҳамаи коргаронро таъмин мекунад; ҳуқуқ ба шароити меҳнат, ки ба талаботи бехатарӣ ва саломатӣ ҷавобгӯ мебошанд; ва ҳуқуқ ба истироҳат ва маҳдудиятҳои асоснок дар вақти кор.

Илова бар ин моддаи 12 Паймон ҳуқуқ ба стандарти баландтарини солимии ҷисмонӣ ва рӯҳиро пешбинӣ мекунад. Якчанд конвенсияҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат низ баъзе аз ин ҳуқуқҳоро тасдиқ мекунанд, аз ҷумла ҳуқуқҳои марбут ба соатҳои корӣ, истироҳати ҳарҳафтаинаи ва бехатарӣ ва Конвенсия оид ба истифодаи истироҳати ҳарҳафтаина дар корхонаҳои саноатӣ (№ 14) ( 17 ноябри соли 1921 кабул шуда, аз 19 июни соли 1923 эътибор пайдо кардааст); Якчанд конвенсияҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат низ баъзе аз ин ҳуқуқҳоро, аз ҷумла вақти корӣ, соатҳои корӣ, истироҳати ҳарҳафтаина[324] ва бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат[325] тасдиқ мекунанд.

Дар соли 2010 Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо барои таъмини ин ҳуқуқҳо дар қувваҳои мусаллаҳ тавсияҳои мушаххас дод.[326] Дар робита ба озори ҷинсӣ ӯ қайд кард, ки "давлатҳои узв бояд барои манъи ҳама гуна рафтори дорои хусусияти ҷинсӣ ё дигар бар асоси гендерӣ, ки ба шаъну шарафи одамон дар ҷои кор, аз ҷумла рафтори роҳбарият ва ҳамкорон таъсир мерасонанд, чора андешанд. Ҳарбиён набояд ба озори ҷинсӣ ё зӯроварӣ таҳаммул кунанд ва бояд як низоми муассири таҳримот алайҳи афроди масъули ин гуна муомила вуҷуд дошта бошад. Давлатҳои узв инчунин бояд ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, гузоришдиҳӣ ва пешгирии озори ҷинсӣ дар ҷои кор мусоидат кунанд”.[327] Бо вуҷуди он ки дар ин бобат таҷрибаи судӣ вуҷуд надорад, дар парвандаи Лялякин нисбати Россия,[328] Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон вайронкунии моддаи 3-ро ошкор намуд (манъи шиканҷа, муносибати ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф), ки шахси ба хидмати ҳарбӣ

324 Конвенсия дар бораи татбиқи истироҳати ҳарҳафтаина дар корхонаҳои саноатӣ (№ 14) (17 ноябри соли 1921 қабул шудааст, 19 июни соли 1923 эътибор пайдо кардааст); Конвенсия дар бораи истироҳати ҳарҳафтаина дар тиҷорат ва идораҳо (№ 106) (26 июни 1957 қабул шуда, 4 марти соли 1959 эътибор пайдо кардааст); Тавсия дар бораи истироҳати ҳарҳафтаина дар тиҷорат ва идораҳо (R103) (26 июни 1957 қабул карда шудааст); Конвенсия дар бораи кори нопурра (№ 175) (24 июни соли 1994 қабул шуда, 28 феврали соли 1998 эътибор пайдо кардааст); Тавсия дар бораи кори нопурра (R182) (24 июни соли 1994 қабул шудааст); Тавсия дар бораи кам кардани вақти корӣ (R116) (26 июни соли 1962 қабул карда шудааст).

325 Конвенсия оид ба бехатарӣ, ҳифзи меҳнат ва муҳити корӣ (№ 155) (22 июни 1981 қабул шудааст, 11 августи соли 1983 эътибор пайдо кардааст); Тавсия оид ба бехатарӣ, ҳифзи меҳнат ва муҳити корӣ (R164) (22 июни 1981 қабул шудааст); Суратмаҷлиси соли 2002 ба Конвенсияи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат (№ 155) (20 июни 2002 қабул шуда, 9 феврали соли 2005 эътибор пайдо кардааст); Конвенсия оид ба хидматрасониҳои тандурустии меҳнатӣ (№ 161) (25 июни 1985 қабул шуда, 17 феврали соли 1988 эътибор пайдо кардааст); Тавсия оид ба хидматрасонии тиббии касбӣ (R171) (26 июни 1985 қабул шудааст); Тавсия дар бораи мухофизати саломатии коргарон дар ҷойҳои кор (с.97) (25 июни соли 1953 кабул карда шудааст); Тавсия дар бораи муассисаҳои таъминоти коргарон (R102) (26 июни соли 1956 қабул карда шудааст); Тавсия оид ба номгӯи бемориҳои касбӣ ва бақайдгирӣ ва огоҳонидани садамаҳо ва бемориҳои касбӣ (R194) (20 июни 2002 қабул шудааст).

326 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec(2010)4 Кумитаи Вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва меморандуми тавзеҳӣ, саҳ.59.

327 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

328 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Лялякин нисбати Россия (31305/09), 14/09/2015. Тариқи линки зер дастрас аст: http://hudoc.echr.coe.int/eng?i=001-152726.

даъватшуда беасос маҷбур карда шудааст, ки либосҳояшро кашад, аммо Суд даъвоҳо дар бораи таҳдиди таҷовуз ба номусро баррасӣ накард.

Ғайр аз ин, шахсони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда бояд муҳлатҳои истироҳат дошта бошанд. Дар тавсияҳои Кумитаи Вазирон қайд карда мешавад, ки ҳарчанд хусусияти кори хидматчиёни ҳарбӣ ва хатарҳои амният ва саломатии онҳо, ки ба онҳо дучор мешаванд, метавонад маҳдудиятҳои муайянеро асоснок кунад, ки дар шароити ғайринизомӣ ғайриимкон аст, аммо, муҳлати ин гуна маҳдудиятҳо бояд то ҳадди имкон кӯтоҳ бошад ва онҳо набояд ба маҳрумияти мутлақ аз ҳуқуқ баробар шаванд.[330]

Дар робита ба саломатӣ ва бехатарии меҳнат, тавсияҳо пешбинӣ мекунанд, ки “аъзои қувваҳои мусаллаҳ набояд ба хатарҳои муҳити зист, ки метавонад ба саломатии онҳо таъсири манфӣ расонад, дучор шаванд. Ҳангоми амалиёти саҳроӣ ва омӯзиш, на ҳама вақт пешгирӣ кардани дучоршавӣ ба бемориҳо имконпазир аст.” Аммо, “давлатҳо бояд таъмин кунанд, ки барои ҳифзи онҳо чораҳои оқилона андешида шавад”[331] “Илова бар ин, давлатҳо бояд барои пешгирӣ ва муҳофизат аз садамаҳо ва хатарҳои муайяншуда ва мушаххас, аз ҷумла ифлосшавии ҳаво, хатарҳои ҳастаӣ, хатарҳои марбут ба асбест ва амнияти озуқаворӣ муқаррарот таъин кунанд ва чораҳои дахлдор андешанд"[332]Барои кам кардани хатари садамаҳо низ бояд омӯзиши мувофиқ ва назорати истифодаи мошинҳои ҳарбӣ таъмин карда шавад. Қобили зикр аст, ки ин тавсияҳо ба андозаи назаррас бо ӯҳдориҳои мусбати давлатҳо тибқи моддаҳои 2, 3 ва 8 Конвенсия мувофиқат мекунанд (дар боло баррасӣ шуд).

Илова бар ин, мувофиқи моддаи 3(1) Тавсияи CM/REC (2010) 4-и Кумитаи Вазирон, мақомот бояд давра ба давра сиёсатҳоро оид ба саломатӣ ва бехатарии меҳнат барои таъмини ҳамоҳангии онҳо баррасӣ кунанд.[333] Кормандони хадамот бояд ба ҳифзи саломатӣ ҳуқуқ дошта бошанд, ки маънои пешгирӣ, табобат ва идоракунии бемориҳо ва ҳифзи солимии равонӣ ва ҷисмониро тавассути расонидани хидмати тиббиро дар назар дорад.[334] Боз ҳам, ин бо ӯҳдориҳои мусбати давлатҳо тибқи моддаи 8 Конвенсия мувофиқат мекунад. Масалан, дар “Плачи нисбати Италия” Суд қарор кард, ки: "одатан, давлат меъёрҳои саломатӣ ва омодагии ҷисмонии ашхоси даъватшавандаро бо дарназардошти он, ки нақши қувваҳои мусаллаҳ дар кишварҳои гуногун фарқ мекунад, муайян месозад.

---

329 Шӯрои Аврупо: Кумитаи Вазирон. 2010. Тавсияи CM/Rec(2010)4 Кумитаи Вазирон ба давлатҳои аъзо оид ба ҳуқуқи инсони аъзоёни қувваҳои мусаллаҳ ва меморандуми тавзеҳӣ, саҳ.60.

330 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

331 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

332 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

333 Тариқи линки болоӣ дастрас аст.

334 Тариқи линки болоӣ дастрас аст, саҳ. 61.

Дар баробари ин шахсоне, ки ба хидмати ҳарбӣ даъват шудаанд, бояд ба душвориҳои хоси хидмати ҳарбӣ, инчунин ба иҷрои вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои махсуси ба зиммаи хидматчиёни ҳарбӣ гузошташуда аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ омода бошанд. Дар ҳоле ки хидмати ҳарбӣ барои як ҷавони солим ба ҳеҷ ваҷҳ кори сангин нест, хидмати ҳарбӣ барои шахсе, ки ба далели бад будани саломатӣ тоқат ва неруи ҷисмонии лозимӣ надорад, метавонад бори сангине бошад. Аз ин рӯ бо назардошти талаботи амалии хидмати ҳарбӣ, давлатҳо бояд системаи самараноки назорати тиббиро нисбати шахсони даъватшаванда ҷорӣ намоянд, то ба саломатӣ ва некӯаҳволии онҳо таҳдид накунанд ва шаъну шарафи инсонии онҳо ҳангоми адои хидмати ҳарбӣ поймол нашавад. Мақомоти давлатӣ, бахусус идораҳои хидмати ҳарбӣ ва комиссияҳои тиббии ҳарбӣ бояд вазифаҳои худро тавре иҷро намоянд, ки шахсони аз рӯи вазъи саломатӣ ба адои хидмати ҳарбӣ ҳақ надошта, ба қайд гирифта нашаванд ва бинобар ин ба хидмати ҳарбӣ иҷозат дода нашаванд”.[335]

## 2. Маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба ҳифзи шаъну шараф, саломатӣ ва бехатарӣ дар ҷои кор

Аксар вақт ӯҳдадориҳои ҳукуматҳо оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба татбиқи тадриҷии онҳо нигаронида шудаанд. Масалан, дар мавриди ҳуқуқҳое, ки дар моддаи 2 (1) Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пешбинӣ шудаанд, давлатҳои узвро вазифадор мекунанд, ки "тадриҷан ба татбиқи пурраи ҳуқуқҳои дар ҳамин Паймон эътирофшуда ноил шаванд”. Дар ин мавридҳо, маҳдудиятҳои асосии амалӣ ё истифодаи самараноки ҳуқуқ, ба монанди ҳуқуқ ба шароити бехатар ва солими меҳнат (моддаи 7 (б)), аксар вақт аз захираҳои маҳдуди давлатҳо ва қобилияти онҳо барои тадриҷан ба даст овардани онҳо бармеоянд. Аммо инро набояд чун фарзия қабул кард, ки давлатҳое, ки қобилияти амалӣ кардани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ доранд, дар маҳдуд кардани онҳо озоданд. Масалан, моддаи 4-и Паймон эътироф мекунад, ки давлатҳои аъзо эътироф мекунанд, ки “ҳангоми татбиқи ҳуқуқҳое, ки давлат тибқи ҳамин Паймон додааст, давлат метавонад ин гуна ҳуқуқҳоро танҳо бо назардошти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонун қарор диҳад "то ба дараҷае, ки он ба табиати ин ҳуқуқҳо мувофиқат мекунад ва танҳо бо мақсади баланд бардоштани некӯаҳволии ҷамъиятӣ дар ҷомеаи демократист”. Ба ҳамин монанд, "ҳуқуқҳо ва принсипҳои дар қисми 1 [Хартияи иҷтимоии Аврупо (Таҷдиди назаршуда)] муқарраршуда, ба шарте ки онҳо мувофиқи қисми II самаранок татбиқ ва амалӣ карда шаванд, набояд таҳти ягон маҳдудияти дар ин қисмҳо зикрнашуда қарор гиранд, ба истиснои онҳое, ки қонун муқаррар кардааст ва дар ҷомеаи демократӣ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои

335 Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон. Парвандаи Плачи нисбати Италиё (48754/11), 21/04/2014. Тариқи линки зер дастрас аст: http:// hudoc.echr.coe.int/fre?i=001-140028, банди 50.

дигарон ё ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ, амнияти миллӣ, саломатӣ ё ахлоқи аҳолӣ зарур аст".[336]

